Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ

# АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ

ДУШАНБЕ, 1985

Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси
РСС Тоҷикистон

Университети давлатии Тоҷикистон
ба номи В. И. Ленин

Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ

# АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ

ДУШАНБЕ, 1985

УДК: Тадж. 891,71-4 св. план, 1985, поз. 1.

**Мусулмонқулов Р.** Анъана ва навоварӣ
Дастури таълимӣ. Душанбе, 1985.

Аз тарафи коллегияи Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси РСС Тоҷикистон ба сифати дастури таълимӣ пешниҳод шудааст.

© Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, 1985.

# БА ҶОИ МУҚАДДИМА

Муаллимони кафедраи адабиёти советии тоҷики Университети давлатии ба номи В. И. Ленини Тоҷикистон ба шогирдони худ, ки аз танқиди адабӣ тахассус ҳосил мекунанд, доир ба як қатор соҳаҳои муҳими адабиётшиносии муосир, чунончи матншиносӣ, усулҳои таҳлили асари бадеӣ, қонун ва категорияҳои асосии эстетикаи марксистӣ-ленинӣ, образи коргар дар насри тоҷик, фаъолияти адабиётшиносии устод Айнӣ, ақидаҳои адабию эстетикии устод Лоҳутӣ, маҳорати эҷодии устод Турсунзода ва амсоли инҳо дарсҳои махсус мехонанд. *Дарси махсуси* «Анъана ва навоварӣ дар шеъри муосири тоҷик» аз ҷумлаи ҳамин дарсҳост, ки тақрибан даҳ сол инҷониб муаллифи ин сатрҳо ӯҳдадори он мебошад.

Дар муддате, ки дарси мазкур хонда мешуд, баъзе ақидаҳои назариявии мавҷуда ва далелу ҳуҷҷатҳои адабии бадеӣ ғун шуданд. Ҳангоми мутолиа ва муҳокимаи ақидаҳо, далелҳо, ҳодисаҳо ва ғ. баъзе хулосаву андешаҳо ба миён омаданд. Лозим дониста шуд, ки матни дарс ба сифати рисолаи алоҳидае барои нашр таҳия шавад, то ба доираи нисбатан васеътари хонандагон манфиате расида бошад.

Сабаби ин иқдом он аст, ки чунонки фардо бе имрӯз фаро намерасад, имрӯз ҳам бидуни дирӯз имкони вуҷуд надоштааст:

> Фардоии ин маҳфил бе дина намебошад
>
> **(Бедил)**

Таърих (чи таърихи халқҳо, чи таърихи тамаддун) ба дарёи азиме мемонад, ки аз оғоз то анҷом як воҳи-

ди яклухт мебошад ва агар, фаразан, дар чое банд афтад қисмати минбаъдаи он моҳиятан дигар мешавад, қудрати пешинаи худро гум мекунад.

Пешравии шоистаи ҳам афроди башар, ҳам кулли чамъият дар сурате имконпазир мегардад, ки тачрибаи ҳаёт дастури фаъолият бошад. Баҳра аз анъанаҳои писандидаи падару бобоён, ҳазар аз хатоҳои онон — гарави барори кору зиндагӣ мебошад, чунонки устод Рӯдакӣ фармуда буд:

> Бирав, зи тачрибаи рӯзгор баҳра бигир,
> Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Боз:

> Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
> Ҳеч н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.

Агар устод Айнӣ ҳам аз фазилатҳои зиндагӣ (дар мисоли ҳикмати падару Тӯтапошшо), ҳам аз даҳшати он (масалан, захми 75 чӯби амир) сабақ намегирифт, ин бузургӣ насиби ӯ намегашт. Шеъри аълои устод Лоҳутӣ ва устод Турсунзода ҳам қиёми зиндагист, ки аз осори адабиёти классикӣ чавҳар дорад. Таълифоти Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор ва Бозор Собир барои он маҳбубанд, ки ин шоирон шогирдони қобили мактаби адабиёти классикианд ва аз Рӯдакию Фирдавсӣ, Хайёму Низомӣ, Пушкину Лермонтов барин устодон бо қунди том ҳунари шеър омӯхтаанду пайваста меомӯзанд.

Донишманди маъруфи советӣ, академик Д. Лихачев ба қарибӣ навишта буд: «Гузаштаи худро дӯст доштан ва бо он фахр кардан лозим аст, аммо гузаштаро на дар шакли яклухт, балки беҳтаринашонро — он чизҳоеро, ки дар воқеъ шоистаи ифтихоранду ҳам имрӯзу ҳам минбаъд даркор мешаванд, бояд дӯст дошт»[1].

---

[1] Д. Лихачев. Слово о Родине. — Правда, 1984, 13 январь.

## § I. АНЪАНА

## МАФҲУМИ АНЪАНА

Анъанаю навоварӣ дар тамоми адабиётҳо ва тамоми давраҳо ҳамчун як амри воқеӣ мавҷуд мебошанд. Ҳеҷ як адабиётро бидуни анъанаю навоварӣ тасаввур кардан мумкин нест. Анъанаю навоварӣ — шарти асосии мавҷудияти адабиёти бадеӣ ва тараққиёти он, рукни марказии адабиёту санъат ба ҳисоб мераванд. Агар анъанаю навовариро дар тасаввур аз ягон адабиёт сарфи назар кунем, дар он адабиёт чизе боқӣ намемонад. Бинобар ин метавон гуфт, ки тору пуди адабиёт саросар аз анъанаю навоварӣ фароҳам меояд — а н ъ а н а т о р а с т у н а в о в а р ӣ п у д.

Пас, саволҳое ба миён меоянд, ки худи анъана чист? Навоварӣ кадом аст?

**Анъана** — м а ҷ м ӯ и у н с у р ҳ о в а и м к о н и я т- ҳ о и э ҷ о д ӣ м е б о ш а н д, к и д а р п р о ц е с с и т а ъ л и ф и а с а р и б а д е ӣ ҳ а м ч у н т а ҷ р и б а и м а в ҷ у д а ю м у ҳ а й ё и с т и ф о д а м е ш а в а н д. Шарти анъана — **объективона** мавҷуд будани он аст, нависанда вайро ҳангоми эҷоди асари бадеӣ бидуни тасарруфот истифода менамояд. Маълум аст, ки адабиёти бадеӣ объективият дораду субъективият. Анъана — объективияти онро ташкил медиҳад. М. Шукуров ва Ю. Акбаров дуруст навиштаанд, ки «маънои истилоҳии «анъана» ба наслҳои баъдина, ба давраҳои оянда ба тариқи мерос гузоштани он таҷрибаи бадеию эстетикӣ ва ғоявӣ мебошад, ки дар беҳтарин осори фольклору адабиёти хаттии бадеӣ ифода ёфтааст. Он ҳама беҳтарин тарафҳои адабиёти гузашта, яъне сабк, санъатҳои

бадеӣ, образ ва ғояҳои пешқадами он, ки дар табъу завқ ва салиқаи мардум сахт ҷой гирифта, аз санҷиши рӯзгор гузашта то рӯзҳои мо омада расидааст, анъанаи адабиро ташкил мекунад»[1].

Мафҳуми анъана дар адабиёти бадеӣ ва адабиётшиносии классикии тоҷику форс ҳамчун истилоҳи маълуми адабӣ мавҷуд буд ва он бо калимаи **суннат** ифода меёфт. Масалан, Анварӣ «суннат»-ро ба ҳамин маънӣ ба кор бурдааст:

Аз гуфтаҳои хеш се байт аз қасидае,
Қ-он ҷо на орият бувад, ин ҷо на мустаор.
Овардаам ба сурати тазмин дар ин мадеҳ
Н-аз баҳри он ки бар суханам нест иқтидор.
Лекин чу **суннатест қадимӣ**, раво бувад,
Эҳъёи **суннати шуарои бузургвор.**

Ё худ, назариётчӣ ва мунаққиди асримиёнагии тоҷик Шамси Қайс зимни сухани худ «суннат»-ро ин тариқа зикр кардааст: «Ва аммо муқаддамоти шоирӣ он аст, ки мард бар муфрадоти луғате, ки бар он шеър хоҳад гуфт, вуқуф ёбад ва ақсоми таркиботи саҳеҳ ва фосиди онро мустаҳзар (хабардор) шавад ва мазоҳиби шуарои муфлиқ ва умарои калом дар таъсиси мабонии (асосҳои) шеър ва сулуки маноҳиҷи (роҳҳои) назм бишиносад ва **суннату** тариқати эшон дар наъват (бохабарӣ аз зиндагӣ) ва сифоту даргаҷоти мухотабот ва фунуни таъризот ва тасреҳот ва қавонини ташбеҳоту таҷнисот ва қавоиди мутобиқоту муғолитот ва вуҷӯҳи маҷозоту истиорот ва соири маснӯоти каломӣ бидонад»[2].

Хулоса, анъана он лаҳзаҳо, он имконияту унсурҳои эҷодӣ мебошанд, ки ҳангоми таълифи асари бадеӣ ҳам-

---

[1] М. Шукуров, Ю. Акбаров. Анъана ва навоварӣ. — Душанбе: Ирфон, 1976, с. 3. Ҳамчунин ниг.: Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. — Душанбе: Ирфон, 1966, с. 12.

[2] Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил Аҷам. — Теҳрон, с. 445—446.

чун чизи муҳайёву мавҷуда ва таҷрибаи маълум истифода мешаванд.

Дар масъалаи чигунагии анъана дар адабиётшиносӣ фикрҳои мухталиф баён ёфтаанд. Зиддият на танҳо дар таърифи анъана, балки ҳатто дар масъалаи таъин намудани унсурҳои он низ дида мешавад. Чунончи, нависандаи советӣ Рамз Бобоҷон чунин ақида баён мекунад: «Муносибати мо ба анъанаҳои назми классикии шарқ якхела нест. Шахшудамондагии махсуси образнокии бадеӣ, шартият дар ифодаи эҳсос, консерватизми жанр ва бисьёр чизҳои дигарро, ки дар асрҳои охир садди роҳи тараққиёти адабиёт шуда буданд, рад намуда, мо дар айни замон гуманизм, интернационализм, демократизми эҷодиёти беҳтарин шоирони гузашта, маҳорати баланд ва хеле сайқальёфтаи онҳоро эҳтиёткорона қабул мекунем»[1]. Чунон ки маълум мегардад, Рамз Бобоҷон ақида дорад, ки адибони советӣ аз анъанаҳои адабиёти асримиёнагии шарқ тарзи образофарӣ, жанр хулоса, масъалаҳои шаклро сарфи назар мекардаанд. Ба тарзи дигар гӯем, муаллиф анъанаро танҳо хоси мундариҷа dониста, мавҷудияти онро дар шакл инкор мекунад. Инчунин, давоми фикри муаллиф оид ба қафо мондани адабиёти ӯзбек дар асрҳои охир баҳснок мебошад, зеро, ба фикри мо, ин адабиёт маҳз дар асри XIX аз хусуси мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявӣ хеле инкишоф ёфт.

Муаллифи дигар, адабиётшиноси тоҷик Расул Ҳодизода баръакси фикри Рамз Бобоҷон мегӯяд: «Чи тавре ки маълум аст, анъанаи адабиёти классикӣ (дар ҳар ҳол адабиёти классикии тоҷик) пеш аз ҳама на дар мавзӯъ, балки дар шакли адабӣ зоҳир мегардад. Дар системаи образҳои бадеӣ ва поэтикаи назм, дар забон ва воситаҳои бадеии тасвири асарҳои насрӣ мо нақши анъанаҳои гузаштаи адабиёти классикиро равшан мебинем. Он саъю кӯшиш ва тамоюлоте, ки дар мавзӯъ ва

[1] Литературная газета, 1977, 9 февраль.

ғояи адабиёти советии тоҷик таъсири бевоситаи анъанаи адабиёти классикиро пайдо кардани мешавад, асоси илмӣ надорад»[1]. Чунон ба назар мерасад, ки Расул Ҳодизода анъанаи мавзӯъ ва ғояро қатъиян рад мекунад, ки ин ақида мухолифи фикри Рамз Бобоҷон мебошад. Дар боло ақидаи сеюм ишора шуда буд, ки муаллифони он Муҳаммадҷон Шукуров ва Юсуф Акбаров мебошанд. Маҳз ҳамин ақида қобили қабул аст, зеро ҳамон навъе ки маълум хоҳад шуд, анъана ҳам дар шакл, ҳам дар мундариҷа ба назар мерасад.

## УНСУРҲОИ АНЪАНА

Пас, ба анъана чиҳо дохил мешаванд? Унсурҳои анъана кадомҳоянд?

Ба анъана ҳамчун унсурҳои таркибӣ мавзӯъ, ғоя, баъзе сюжетҳо, баъзе тарзҳои офариниши образ, жанр, вазн, қофия, радиф, санъатҳои бадеӣ, забон, метод ва амсоли инҳо дохил мешаванд. Ин имкониятҳои дар таҷрибаи эҷодӣ аллакай маълум ҳамчун унсурҳои объективона мавҷуда истифода шуда метавонанд.

Акнун бояд равшан кард, ки анъана бо мундариҷа ва шакл чи гуна муносибат дорад.

Гуфтан даркор аст, ки назар ба унсурҳои мундариҷа, компонентҳои шакл бештар ҳамчун анъана давом мекунанд, яъне сайри таърихии унсурҳои мундариҷа ҳамчун анъана нисбатан кӯтоҳумр бошанд, унсурҳои шакл умри дароз доранд. Сабаби таносуби духелаи ин ҳодиса дар чист? Ин ҳолат, ба фикри мо, ба сохти иҷтимоии ҷамъият ва моҳияти мундариҷа вобастагии ботиние дорад. Бинобар тақозои сохти иҷтимоӣ унсурҳои мундариҷа умри кӯтоҳ доранд, дар як даврае пайдо мешаванд ва

---

[1] Р. Ҳодизода. Анъана ва навоварӣ (Андешаҳо). — Дар маҷ.: Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. — Душанбе: Ирфон, 1970, с. 107—108.

дар шароити муайяне тараққӣ карда, пас аз миён меразанд.

Ба таърихи формацияҳо назар меандозем. Ҷамъияти инсонӣ ҳамагӣ панҷ сохтро (ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ, коммунистӣ) аз сар гузаронидааст, вале дар ин давра дар ҳаёти иҷтимоӣ ҳазорҳо ҳазор ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ, табиӣ ва ғ. рӯй додаанд.

Аз назарияи коммунизми илмӣ маълум аст, ки сохти иҷтимоӣ аз ҳаёти иҷтимоӣ қафо мемонад, як сохту як шакл бо чандин мазмуни иҷтимоӣ дучор меояд, бинобар ҳамин номувофиқатии мантиқӣ сохти иҷтимоӣ дар роҳи пешравии ҳаёт монеа мешавад.

Бинобар он ки сохти иҷтимоӣ пассив буда, ба тағйирот кам ва суст дучор меояд, вале худи ҳаёти иҷтимоӣ аз ҳодисаю воиеаҳои бепоён моломол мебошад, яъне дар ҳаёти иҷтимоӣ ҳодисаю воқеаҳо ба вуқӯъ меоянд, кӯҳна мешаванд, аз миён мераванд ва ҷои онҳоро воқеаҳои нав мегиранд, дар адабиёти бадеӣ низ мундариҷа (мавзӯъ, мазмун, ғоя) муттасил дар пайдоиш, тағйирот, такомулот ва дигаргунӣ мебошад, аммо унсурҳои шакл муддати дуру дарозе боқӣ мемонад. Аз ин нуқтаи назар дар баъзеҳо тасаввуроти нопурра пайдо шудааст, ки гӯё анъана дар мундариҷа дида намешуда бошад. Аз ин ҷо пай бурдан мумкин аст, ки мундариҷаи адабиёту санъат бо базиси ҷамъиятӣ иртибот дораду шакл бо надстройкаи он.

Чигунагии анъана ба тарзи конкрет ба ҳар як адабиёти конкрет ва давраҳои муайяни таърихии он вобаста аст, яъне метавонад дар як адабиёт анъана доираи бештар дошта бошад, дар дигаре камтар. Бинобар ин, ҳукм кардан мумкин нест, ки дараҷаи анъана, ҳудуду доираи унсурҳои он, моҳият ва умри вай дар ҳамаи адабиётҳо як хел бошад.

Доираву ҳудуд ва умри анъана дар ҳар як адабиёт ба таърихи адабиёт, маҳорати эҷодии намояндагони он, завқи эстетикии халқ, таърихи тамаддуни вай, ба сохти иҷтимоӣ, ҳодисаҳои азим ва вазъияти таърихӣ, ҳатто

муҳити табиии он алоқаманд аст. Масалан, халқи тоҷик азбаски дорои адабиёти бой, маданияти қадим, завқи эстетикии нафис, забони хушоҳанг, муҳити табиии мўътадил мебошад, соҳиби анъанаҳои сершумори адабӣ гардидааст, аммо баъзе халқҳои дигар, ки чунин адабиёти бой, таърихи қадимии маданӣ надоранд, онҳо нисбатан ба анъанаҳои маҳдуди адабӣ соҳибанд. Чунончи, агар адабиёти халқи тоҷик имрўз дорои вазн, қофия, услуб, жанрҳои анъанавии ҳазорсола бошад, дар адабиёти бисьёр халқҳои дигар ҳамаи ин унсурҳои эҷоди бадеӣ наванд ё нисбатан наванд. Дар адабиёти ўзбек бошад, доираи интишори анъана баробари адабиёти тоҷик нест, вале он назар ба адабиёти халқҳои қазоқ, қирғиз, туркман васеътар ва қадимтар аст. Адабиёти ўзбек дар муқоиса бо адабиёти тоҷик дорои анъанаҳои нисбатан маҳдудтаре мебошад, ки онро дар мисоли жанрҳо ва вазну қофияи ин ду адабиёт ҳам тасдиқ кунондан мумкин аст. Чунончи, вазни асосии адабиёти тоҷик ҳоло ҳам арўз мебошад, вале дар адабиёти ўзбек арўз мавқеи асосӣ надорад. Агар дар ҷараёни адабии муосири тоҷик ғазал, мусаммат, қитъа, рубоӣ барин жанрҳо ҳамчун анъана давом кунанд, аксари онҳо дар адабиёти имрўзаи ўзбек ё нестанд ва ё хеле кам истифода мешаванд. Ҳамин гуна фикрро дар мавриди дигар унсурҳои анъана низ гуфтан мумкин аст.

## АРЗИШИ АНЪАНА

Анъана дар инкишофи адабиёти бадеии ҳар як халқ роли калон бозида, барои ривоҷи минбаъдаи он ҳамчун таҳкурсӣ ва заминаи муҳиме хизмат мекунад. Мисоли инро дар адабиёти советии тоҷик низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Ба ҳеҷ кас пўшида нест, ки адибони советии тоҷик— С. Айнӣ, А. Лохутӣ, М. Турсунзода муваффақияти бузурги адабиро соҳиб шудаанд. Ин ҷо эътироф кардан

зарур аст, ки як рукни асосии комьёбии ин адибон дар дуруст ва мувофиқи талаботи эҷодӣ истифода бурдани анъана мебошад. Барои равшан намудани ин масъала ба ҳодиса ва ҳолатҳои таърихии адабӣ муроҷиат кардан мумкин аст. Чунончи, анъанаҳои бои насри бадеии халқию китобии тоинқилобӣ ба устод Айнӣ имконияти судбахше доданд, ки дар Осиёи Миёна ва Қазоқистон аввалин шуда нахустин намунаҳои повесть ва романҳои релазими социалистиро ба вуҷуд оварад. Ҳамчунин, агар анъанаҳои Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ ва дигарон намебуд, ашъори сиёсию иҷтимоии Лоҳутӣ ва назми лирикию эпикии Турсунзода ба пояи баланд намерасиданд. Ҳатто дар ниҳоди образи реалистии Ҳасани аробакаш то андозае таъсири файзбахши қаҳрамонони романтикии Фирдавсиро дидан мумкин аст.

Як мисоли дигар. Тоҷикистон аз Европа, аз Россия назар ба дигар республикаҳои бародар нисбатан дур аст. Ба маданияти русҳо назар ба тоҷикон қазоқҳо, туркманҳо, қирғизҳо, ӯзбекҳо наздиктар буданд ва онҳо шоирони демократ низ доштанд, вале дар давраи советӣ аввалин повесту романҳои реализми социалистиро устод Айнӣ навиштааст. Ҳанӯз дар солҳои бистуму сиюм лирикаи сиёсию иҷтимоӣ ва мавзӯъҳои байналхалқиро пештар аз дигарон ва бештар аз ҳама Лоҳутӣ, Пайрав ва Турсунзода барин шоирони советии тоҷик ривоҷ додаанд. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки дар тараққиёти минбаъдаи адабиёти бадеӣ анъана роли бузурге мебозад.

Ин ҷо нуқтае ба миён меояд, ки онро ҳал накардан мумкин нест. Гап дар сари ин аст, ки оё адабиёте, ки собиқа надорад, яъне нав пайдо шудааст, он ҷо анъанаро мебинем? Оё халқе ҳаст, ки дар адабиёти он анъана набошад? Оё мумкин аст, ки адабиёти бадеӣ бидуни анъана ба вуҷуд биёяд?

Не! Бидуни анъана адабиёти бадеӣ ба вуҷуд намеояд. Адабиёт ҳатман дар заминаи анъана ба вуҷуд мео-

яд, вале ин анъана метавонад заиф ва ҳатто хеле ночиз бошад. Чунончи, халқҳое ҳастанд, ки дорои анъанаи хаттӣ набошанд ҳам, анъанаҳои адабии даҳанӣ доранд. Дар ин ҳолат мо метавонем ба гуфтаҳои В. И. Ленин такья кунемӣ «Дар ҳар як маданияти миллӣ унсурҳои лоақал инкишофнаёфтаи маданияти демократӣ ва социалистӣ мавҷуданд, зеро дар ҳар як миллат оммаи меҳнаткаш ва истисморшаванда ҳаст, ки шароити зиндагонии вай ногузир идеологияи демократӣ ва социалистиро ба вуҷуд меоварад». (В. И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 20, с. 8).

Ана ҳамин унсурҳои маданияти демократӣ ҳамчун заминаю таҳкурсии анаъанавӣ барои буньёд ёфтани адабиёти хаттӣ хизмат хоҳанд кард.

Саволи дигаре ба ин масъала алоқаманд пайдо мешавад, ки чӣ навъ анъанаи заиф ва ё анъанаҳои адабии даҳанӣ барои пайдоиш ва тараққиёти адабиёти бадеӣ хизмат карда метавонад?

Он халқҳое, ки дорои анъанаҳои адабии заиф мебошанд, дар марҳалаи мусоиди таърихӣ, иҷтимоӣ ва адабию маданӣ дар натиҷаи инкишофи равобити адабӣ ба адабиёти мустақили худ соҳиб мешаванд. Дар ин сурат, дар ташаккул ва тараққиёти адабиёти чунин халқ ворисият, таъсири адабиёти халқҳои дигар роли ҳалкунандаро мебозанд.

Ворисият — он мероси пешқадамест, ки халқҳо дар даврахои гуногуни таърихӣ ба вуҷуд меоваранд. Пӯшида нест, ки аз осори гаронбаҳои як халқ адибони халқҳои гуногун меомӯзанд, истифода мебаранд. Ба тарзи дигар гӯем, ин ё он адиби пешқадам анъанаҳои адабии халқи дигарро омӯхта, аз он анъанаҳо дар процесси эҷодии худ фоида мебарад. Дар ин сурат анъана бо равобити адабӣ зич алоқаманд мешавад.

Бисьёр халқҳоро ном бурдан мумкин аст, ки ҳарчанд анъанаҳои адабии заиф доштанд, дар натиҷаи омӯзиши анъанаҳои адабии халқҳои дигар, дар як муддати кӯтоҳ ба комьёбиҳои барҷаста ноил шуданд. Мисоли бар-

частаи ин Мухтор Авезов, Чингиз Айтматов, Расул Ғамзатов шуда метавонанд, ки ҳар яке ба ганҷинаи маънавии умумиинсонӣ асарҳои бебаҳои бадеӣ зам намудаанд. Ҳол он ки ҳамагӣ сад сол аз ин пеш халқҳои қазоқ, қирғиз, авар (ва даҳҳо халқҳои дигар) на танҳо анъанаҳои бои адабӣ, балки ҳатто хатту алифбо ҳам надоштанд.

Л. И. Брежнев дар маҷлиси якҷояи ботантана ба шарафи 50-солагии ташкил ёфтани Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалистӣ масъалаи ба шарофати ягонагии сохти социалистӣ ва тарзу мароми зиндагӣ, инчунин дар натиҷаи таъсири файзбахши адабиёти халқҳои бародар инкишофи бемайлони адабиёти бадеии ин ё он халқи советиро ин тариқа баён карда буд: «Дар давоми ним асри мавҷудияти СССР дар мамлакати мо маданияти советии социалистии рӯҳан ягона ва мазмунан принципиалӣ ташкил ёфт ва гул-гул шукуфт. Ин маданият пуркиматтарин хусусияти анъанаҳои маданият ва маишати ҳар яке аз халқҳои Ватани моро дар бар мегирад. Дар айни замон ҳар яке аз маданиятҳои миллии советӣ на фақат аз сарчашмаҳои худ, балки аз сарвати маънавии халқҳои дигари бародар ҳам ғизо мегирад ва аз тарафи худ ба онҳо таъсири фоидабахш мерасонад ва онҳоро бой мегардонад». (Л. И. Брежнев. Дар бораи панҷоҳсолагии Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалистӣ. Маърӯза дар маҷлиси якҷояи тантанавии Комитети Марказии КПСС, Совети Олии СССР ва Совети Олии РСФСР дар Қасри кремлии съездҳо 21 декабри соли 1972.— Душанбе: Ирфон, 1973, с. 22).

## ТАСНИФИ АНЪАНА

Оё ҳама гуна анъана хуб ва қобили ҳаёт буда метавонад? Анъана оё ҳамеша неку мусбат ҳисоб меёбад?

Не. Анъана аз анъана фарқ дорад. Анъанаро аз рӯи моҳияташон тасниф кардан зарур аст. Ба фикри мо,

анъанаҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардан айни муддао ҳоҳад буд:

1. Анъанаҳои шоиста (хуб, пешқадам, демократӣ);

2. Анъанаҳои ношоиста (кӯҳнашуда, маҳдуд, иртиҷоӣ).

Масъалаи мураккаби дигаре, ки пеш меояд, ин шинохтани анъанаи шоиста аз ношоиста мебошад. Ба фикри мо, барои таснифи анъана ба писандида ва announcement писандида, пеш аз ҳама, муайян намудани меъёр (маҳак, ченак) зарур аст. Меъёри асосии таснифоти анъанаҳо аз инҳо иборатанд:

1. Тақозои ҳаёти иҷтимоии халқ дар давраи конкрети таърихӣ.

2. Дараҷаи завқи эстетикӣ ва доираи маърифатнокии омма дар давраи конкрети таърихӣ.

3. Табиат ва имконияти худи унсурҳои анъанавӣ.

Хуллас, ҳангоми ташхиси анъана, яъне ҷудо кардани ин ё он унсури анъанавӣ ба шоиста ва ношоиста, аз як тараф, талаби муҳити таърихӣ ва ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоии даврро, аз тарафи дигар, дараҷаи завқу салиқа ва тафаккури бадеию эстетикии ҳамзамононро бояд ба ҳисоб гирифт ва аз тарафи сеюм, қобилият ва имкониятҳои ҳамон унсурро бояд хуб донист, ки он оё лаёқати васеъ шудану такмил ёфтан (мисли арӯзи нав, тарҷеоту мусамматҳои нав ва ғ.) дорад ё не.

## § 2. НАВОВАРӢ

**Навоварӣ** истилоҳи анъанавӣ ва қадимист, чунки ифодаҳои **нав, навовар, нав овардан** дар адабиёт ва адабиётшиносии тоинқилобӣ маъмул буданд. Чунончи, Фаррухӣ гуфтааст:

Фасона ғашту куҳан шуд ҳадиси Искандар.
Сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар,
Фасонаи куҳану корномае бадуруғ,
Ба кор н-ояду дар дурӯғ ранҷ мабар.

Дар адабиётшиносии советии тоҷик баъзан ифодаи **навиовар** дида мешавад (масалан, яке аз мақолаҳои Ю. Бобоев «Доир ба масъалаи анъана ва **навиоварӣ»** ном дорад)[1], ки ғалат аст, чунки **нав** худ сифат мебошад ва дар асоси сифат ба воситаи суффикси сифатсози **-й** аз нав сифати дигар сохтан ҳоҷат надорад.

## НАВОВАРӢ ЧИСТ?

Он тасарруфоте, ки адиб дар процесси таълифи асари бадеӣ ба анъана, яъне унсурҳо ва имкониятҳои мавҷудаю маъмулӣ ба амал меорад, **навоварӣ** номида мешавад. Навоварӣ — ҷиҳати субъективияти адабиёти бадеиро ташкил медиҳад. Навоварӣ—он даҳолатест, ки нисбат ба анъана содир карда мешавад, бинобар ин навоварӣ дар тамоми унсурҳои анъана, яъне интихоби мавзӯъ ва ҳалли он, инъикоси ғоя, тарзи офариниши образ, сохтмони сюжет, истифодаи вазн, қофия, интихоби жанр ва ғайра дида мешавад. Аз ин нуқтаи назар, он ақида, ки гӯё навоварӣ танҳо дар мундариҷаи адабиёти бадеӣ ба амал меояд, саҳеҳ нест. Навоварӣ ҳам дар мундариҷа, ҳам дар шакли адабиёти бадеӣ содир мешавад.

Навоварӣ барои чӣ зарур аст? Навоварӣ барои диққатҷалбкунанда шудани асари бадеӣ, барои нишонрас гардидани матлаб, барои ба талаби замон ҷавоб дода тавонистани асари бадеӣ, барои мувофиқи тафаккурот ва завқи эстетикии ҳамзамонон ифода ёфтани мундариҷаи ғоявӣ зарур мебошад.

---

[1] Ниг.: Ҳаёт ва адабиёт. — Сталинобод, 1958, с. 53.

Табиист, ки ҳар як нависанда мекӯшад, ки дар асари вай ин ё он матлаби конкрет ифода ёбад. Ҳамчунин вай мехоҳад, ки ҳамин матлаб ба ҳамзамононаш ва наслҳои оянда на танҳо дастрас бошад, балки таъсири равшан ҳам расонад. Бинобар ин, нависанда ҳамеша саъй мекунад, ки ба мақсадаш ноил гардад. Вале тири адиб ҳамон гоҳ ба нишон мерасад, ки аз имконияти тавонои навоварӣ моҳирона истифода карда тавонад. Ба тарзи дигар гӯем, нависанда матлаби худашро ба тарзи махсус, ки он ҳатман бояд муассир бошад, ифода намояд. Барои расидан ба ин мақсад суханвар бояд **навовар** бошад, чунки дар акси ҳол вай муқаллид мешавад ва асари муқаллид ҳаргиз муассир нахоҳад шуд.

Шайх Низомӣ дар аввали «Иқболнома» ба мурури замон тағьир ёфтани чизро хеле хуб гуфтааст, чунончи:

Ба ҳар муддате гардиши рӯзгор,
Зи тарзе дигар хоҳад омӯзгор.
Сароҳанги пешина качрав кунад,
Навое дигар дар чаҳон нав кунад.
Ба бозӣ дароянд чу бозигаре,
Зи парда бурун оварад пайкаре.
Бад-он пайкар аз роҳи афсунгарӣ
Кунад муддате халкро дилбарӣ.
Чу пирӣ дар он пайкар орад шикаст,
Чавонпайкаре дигар орад ба даст.
Бад-ин гуна бар навхатони сухан,
Кунад тоза пирояҳои куҳан.
Замон то замон хомаи нахлбанд,
Сари нахли дигар барорад баланд.

Ба ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки адабиёти бадей бидуни навоварӣ на танҳо тараққӣ намекунад, балки аз миён ҳам меравад. Бинобар ин метавон гуфт, ки омили тавонотарини равнақи адабиёти бадей навоварӣ мебошад.

## ТАНОСУБИ НАВОВАРӢ БО МУНДАРИҶАЮ ШАКЛ

Чунон ки гуфтем, нававарӣ ҳам дар мундариҷа ва ҳам дар шакл рӯй медиҳад, вале назар ба унсурҳои шакли адабӣ, нававарӣ бештар дар мундариҷаи адабиёти бадеӣ ба амал меояд. Сабаби ин ҳодиса ба табиати таърихии иҷтимоии мундариҷаи адабиёти бадеӣ вобаста мебошад, зеро ҳамон навъе ки қайд шуд, ҳаёти иҷтимоӣ ба тағйирот ва табаддулот бештар ва зудтар дучор меояд. Дар адабиёт низ ҳодиса ва воқеаҳои инъикосшаванда тез-тез бадал мешаванд, вале шакли адабӣ (ба мисли сохти иҷтимоӣ) ба осонию тезӣ ба дигаргунӣ дучор намеояд.

Агар барои мисол ба таърихи адабиёти советии тоҷик назар андозем, маълум мегардад, ки дар як муддати таърихан кӯтоҳ, яъне тақрибан 60 сол мавзӯъҳои даъват ба инқилоб, тараннуми сохти нав, даъват ба мудофиаи музаффариятҳои инқилоб, ба фаранҷипартоӣ, мактабу маориф, мубориза ба муқобили душманони синфӣ, сохтмони социализм, мудофиаи Ватан дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, азнавбарқароркунии хоҷагии халқ, дӯстии халқҳо, азхуд намудани заминҳои бекорхобида, тарбияи одами нав ва ғ. ҳамчун як силсилаи маҳкаму ногусастанӣ инъикос ёфтаанд. Ба тарзи дигар гӯем, як даврai конкрети таърихӣ ба пеши адибон як масъалаи конкрет ва муҳимро мегузорад, даврai дигари конкрети таърихӣ масъалаи конкрети дигарро. Чунончи, аввали асри X масъалаи рафоқат, дӯстӣ, донишомӯзӣ ва монанди инҳоро ба миён гузошта буд, ки ба ин масъалаҳо бештар аз ҳама Рӯдакӣ ҷавоби бадеӣ гуфтааст. Таърихи нимаи дуюми асри X ватанпарвариро ҳамчун масъалаи муҳимтарин ба миён мегузорад. Ба ин масъала Фирдавсӣ ҷавоб мегӯяд. Таърихи давраҳои баъдина (асрҳои XI—XII) масъалаи ақаллан андаке бошад ҳам, пешгирӣ намудан ва сабуктар сохтани зулмро, ки он хеле ривоҷ ёфта буд, ба миён мегузорад. Ба ин масъ-

ала Носири Хисрав, Низомӣ ва дигарон ҷавоб мегӯянд.

Ин мисолҳо барои он оварда шуданд, то равшан шавад, ки масъаларо худи замон, ҳаёт ба миён мегузорад ва ин масъаларо адиб бояд хуб сарфаҳм рафта, дар ҳалли бадеии он кӯшиш намояд. Ана маҳз дар ҳамин сурат адиб аз ҷиҳати мундариҷа навовар мешавад.

Навоварии адиб пеш аз ҳама, дар идеали вай инъикос меёбад, яъне адиби навовар бояд талаби муҳитро дуруст сарфаҳм равад, энро бояд дуруст инъикос кунад ва роҳи дурусти ҳаллашро низ нишон диҳад. Зимнан бояд гуфт, ки яке аз шартҳои адиби **классик** шудан ҳам дар ҳамин аст (яъне навоварӣ дар мазмун, дар ғояи асари бадеӣ).

Илова бояд кард, ки хоҳу нохоҳ навоварӣ дар шакл низ ба амал меояд. Фаразан, навоварии шаклиро инкор мекарда бошем, хоҳу нахоҳ бояд иқрор шавем, ки адабиёт пеш намеравад, аз ҳаёт қафо мемонад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки **сабаби пайдоиши навоварӣ ҳодиса ва воқеаҳои ҳаётӣ будааст.**

## ТАШХИС ВА ТАСНИФОТИ НАВОВАРӢ

Таъкид кардан воҷиб мебошад, ки ҳар як навоварӣ ҳодисаи мусбат ҳисоб намеёбад. Навоварии мусбат — он дахолату тасаррруфотест, ки бинобар эҳтиёҷеву зарурате эбъективона ба амал омада бошад; навоварии манфӣ — он аст, ки адиб худсарона, аз рӯи ҳавову ҳавас татбиқ кардан хостааст. Навоварие, ки дар содир шудани он объективияту субъективият бо ҳамдигар мутобиқ омада бошанд, мусбат аст, вале агар мутобиқ наэмада бошанд, манфӣ.

Муҳаммадҷон Шукуров дуруст қайд кардааст, ки «Аз аввали революция, аз шеъри С. Айнӣ «Марши хуррият» («Марсельеза», 1918) сар карда, мавзӯю масъалаҳои назм ба куллӣ дигар шуд. Дар натиҷа дар васи-

тахои тасвир, кофияву бандсозӣ, ҳатто дар вазн дигаргуниҳо рӯй додан гирифтанд. Бо вучуди ин, структураи тафаккури бадей дар шеър хусусиятхои асосии анъанавиро бештар нигоҳ медошт ва мазмуни нав асосан ба тарзхои кӯхна ифода меёфт»[1]. Устод Турсунзода назари худро рочеъ ба навсварии сохта ин тарика катъӣ баён карда буд: «Агар навоварӣ сохта бошад, агар онро халқ написандад, он навоварӣ нест, балки ҳарачу марачест, натичаи аз рӯзгори халқ дар канор мондани шоир аст. Чунин назм ба халқ бегона аст, халқ аз он ҳазар мекунад. Мо он чизро навоварӣ мегӯем, ки халқ онро меписандад ва яроки маънавии хеш мегардонад»[2].

В. И. Ленин ба зиндагӣ, ба ходисаю вокеахои наврӯйдиханда чиддӣ нигаристан ва сарехан фарқ кардани неку бади хар як рӯйдодро таълим медод. Аз чумла, дохӣ таъкид карда буд, ки «Ба ҳаёт наздиктар шавем. Бештар ба ин диккат диҳем, ки чи тавр оммаи коргар ва деҳқон дар кори харрӯзаи худ амалан навигарие эчод карда истодааст. Бисьёртар тафтиш карда истем, ки ин навигарӣ то чӣ андоза ба тарзи коммунистӣ аст»[3]. «Аз хотир фаромӯш кардан мумкин нест, ки, — гуфта буд Ю. В. Андропов, — дар мероси маънавӣ, анъанаҳо, дар маишати хар миллат на факат чизи хуб, балки чизи бади умраш ба охир расида хам ҳаст. Аз ин чо боз як вазифа ба миён меояд, ки ин чиҳатхои бадро ба ҳоли худ намонда, балки аз ҳамаи он ки кӯхна шудааст, ба нормаҳои ҳаёти умумии советӣ, ахлоку одоби

---

[1] М. Шукуров. Ташаккул ва инкишофи жанрҳои реалистӣ. (Аз тачрибаи «Таърихи адабиёти советии точик»). — Ахбороти шӯъбаи чамъиятии АФ РСС Точикистон, 1981, № 3 (105), с. 79—80.

[2] Садои Шарқ, 1972, № 4, с. 150—151. (Аз мухтасари баромади М. Турсунзода дар Шӯрои адабиёти точик дар ҳузури Правлении Иттифоқи нависандагони СССР, ки мачалла бо номи «Маҳорат ва ҳисси масъулият» чоп кардааст мутаассифона, аз чилди сеюми Куллиёти шоир берун мондааст.

[3] В. И. Ленин. Дар бораи характери газетаҳои мо. — Асарҳо, ч. 28, с. 95. Нашри точикӣ.

социалистӣ, идеалҳои коммунистии мо мухолиф аст, халос шавем»[1].

Навовариии сунъию субъективона қобили қабул нест, он идома намеёбад, ба анъана мубаддал намегардад. Аммо агар сари вақт пеши роҳи он гирифта нашавад, метавонад ҳам ба равиши солими адабӣ, ҳам ба мафкураи эстетикӣ, ҳатто сиёсии аҳли ҷамъият халалҳо расонад. Маҳз аз ҳамин рӯ, ба ҳар як зуҳуроти нисбатан ҷиддии навоварӣ адибони пешқадам, аҳли фазл, хонандагони соҳибзавқ, ҳамчунин шахсони масъули идораю муассисаҳои дахлдор бетараф буда наметавонад.

Бояд таъкид намуд, ки ҳама гуна тасарруфот навоварӣ ҳисоб намеёбад, ё худ ҳама гуна навоварӣ қобили қабул буда наметавонад. Бинобар ин навовариро ба ду гурӯҳ тақсим кардан дуруст меояд: 1. Навовариии шоиста (пешқадам, объективона). 2. Навовариии сохта (ғайриҳақиқӣ, худсарона, субъективона).

Модоме ки навоварӣ мақбул ва номақбул буда метавониста бошад, пас онҳоро чи навъ фарқ кардан мумкин аст? Барои фарқ карда тавонистани навовариии шоиста аз номақбул меъёри дурустро муайян кардан зарур мебошад. Ҳамчун меъёри ташхиси навоварӣ омилҳои зеринро ба ҳисоб гирифтан мумкин аст: 1. Талаби замон, яъне табиати ҳодиса ва воқеаҳои мӯхташами замонӣ. 2. Табиат, имконият ва моҳияти анъана. 3. Дараҷаи тараққиёт ва завқи эстетикии омма. 4. Дараҷаи мафкураи адабию эстетикии умумиҷаҳонӣ.

Таъкид кардан зарур аст, ки навовариии субъективона на танҳо боиси тараққиёти адабиёт намешавад, балки пеши роҳи инкишофи онро медорад ва бо ҳамин восита ба афкори адабӣ-эстетикии омма зарбаи корӣ мерасонад.

Классикони марксизм-ленинизм ба муқобили навовариҳои субъективона муборизаҳои шадид бурдаанд.

---

[1] Ю. Андропов. СССР шастсола шуд. — Душанбе: Ирфон, 1982, с. 10.

Махсусан, хизматҳои В. И. Ленинро қайд кардан зарур аст, ки ба муқобили пролеткультчиён, ки онҳо бо баҳонаи навоварӣ тамоми осори мадании гузаштаро инкор мекарданд, зарбаи сахт мезанад. Чигунагии моҳияти навовариро аз осори Ленин ба хубӣ фаҳмидан мумкин аст. «Чаро дар пеши чизи нав, мисли он ки дар пеши худо бошад, мо сар хам кунем ва ба вай фақат барои он ки «ин нав аст» итоат намоем? Ин бемаънигист, сар то по бемаънигист»[1].

## § 3. РОБИТАИ УЗВИЮ ДИАЛЕКТИКИИ АНЪАНАЮ НАВОВАРӢ

Ҳамон навъе ки ишора шуда буд, ҳеҷ як адабиётро бидуни анъана ва навоварӣ тасаввур кардан мумкин нест. Аз худи ҳамин тезис қиёс кардан мумкин аст, ки анъанаю навоварӣ узван вобастаи ҳамдигаранд, ҷудоинопазиранд.

Анъанаю навоварӣ ба тарзи ҳатмӣ ду тарафи як процесс мебошанд, чунки ҳар як навоварӣ на дар ҷои хушку холӣ, балки дар заминаи анъана ба вуҷуд меояд ва ҳангоме ки навоварӣ рӯй медиҳад, он тадриҷан ба анъана табдил меёбад ва дар процесси минбаъда, дар шароити дигар кӯҳна мешавад, боз дар заминаи он навоварӣ рӯй медиҳад. Бинобар ин робитаи анъанаю навоварӣ робитаи муқаррарӣ набуда, балки робитаи диалектикӣ мебошад ва он дар асоси қонуни инкори инкор сурат мегирад. Л. И. Тимофеев образнок ифода кардааст, ки «анъана — модаркалони навоварӣ ва уму-

---

[1] В. И. Ленин. О литературе и искусстве. — М., 1969, с. 663.

ман тараққиёти адабиёт мебошад»[1]. Виктор Гюго образи боз бештар ҷолиби диққатро ба ҳамин маънӣ хотиррасон карда буд: «Ба дарахти булут баҳорон назар мекунем: танаи садсола, решаҳои бузурги пир ва баргҳои зиндаю сабзи навраста дорад. Анъана ва навоварӣ; анъана навовариро тавлид мекунад, ҳама чизи нав аз анъана ба миён меояд»[2]. А. Е. Бертельс таъкид кардааст, ки навоварӣ дар асрҳои миёна «танҳо дар заминаи анъана, дар вобастагии бағоят зич бо он имконпазир буд»[3]. Албатта, ин ҳукм на танҳо доир ба асрҳои миёна, балки дар замони нав ҳам қувваи худро гум накардааст. Ҳарчанд дар замони нав таъсир ва нуфузи адабиёти дигар торафт ба манбаи пурзӯртар табдил ёфта истодааст.

Алоқаи ҷудонашавандаи байни анъанаю навоварӣ дар Программаи КПСС хеле равшану возеҳ ифода ёфтааст. «Дар санъати реализми социалистӣ, ки ба принципҳои халқият ва партиявият асос ёфтааст, навоварии ҷасурона дар тасвири бадеии ҳаёт бо истифода бурдан ва инкишоф додани тамоми анъанаҳои прогрессивии маданияти ҷаҳон пайваст карда мешавад» (Программаи Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ. — Душанбе: Ирфон, 1970, с. 136).

Анъанаю навоварӣ дар тамоми навъҳои санъат аз ҷумла адабиёти бадеи низ ҳамчун қонун мавҷуд аст. Робитаи анъанаю навоварӣ ба даҳолати субъективона тоб надорад. Агар робитаи диалектикии анъанаю навоварӣ субъективона вайрон карда шавад, он боиси таназзули адабиёт мегардад. Хушбахтона, дар даврахои гуногуни таърихи адабиёт адибони бузурге пайдо мешаванд, ки онҳо қонуни робитаи диалектикии анъанаю на-

---

1 Л. И. Тимофеев. Основы теории литературы. — М., 1971, с. 127.

2 Аз мақолаи Э. Межелайтис. Андешаи шеър. — Газетаи муаллимон, 1982, 30 октябрь.

3 А. Е. Бертельс. Низами. Вступительная статья. — Дар китоби: Низами. Пять поэм. — М., 1968, с. 11.

навовариро дуруст пай бурда, асарҳои безаволи адабӣ эҷод мекунанд. Бузургии Рӯдакӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Пушкин, Лермонтов, Толстой ва даҳҳо адибони гениалӣ дар ин аст, ки онҳо анъанаҳои мавҷударо пурраю мукаммал азхуд намуда, дар заминаи он анъанаҳо навовариҳои шоиста кардаанд.

Мутаассифона, дар тамэми давраҳо кам ё беш адибоне ба миён меоянд, ки онҳо якравона ё ба анъана мечаспанд, ё худсарона навоварӣ мекунанд. Чунин рафторҳои субъективона дар тараққиёти адабиёт ҳеҷ гуна роли мусбат намебозанд. Дар ҳамон вақташ онҳо, аз як тараф, ба ҷараёни адабӣ, аз тарафи дигар, ба афкори умум то дараҷае монеа мешаванд, зарар мерасонанд, вале тадриҷан ҳам номи онҳо ва ҳам осорашон фаромӯш мешавад. Чунин манзарaро дар таърихи адабиёти ҳар як халқ ва дар бисьёр давраҳо дидан мумкин аст.

Инкори инкор қонуни диалектика аст. Дар асоси қонуни муборизаи ба ҳам зидҳо як ҳодиса кӯҳна мешавад, аз дунболи он ҳодисаи дигар сар мезанад. Ана ҳамин ҳодисаро дар адабиёт низ дидан мумкин аст. Масалан, адибони бузурги Ғарб аз адибони бузурги Юнони қадим, аз Шарқ омӯхтаанд. Мисол, Байрон, Шиллер. Дар вақташ ин адибон дар тамоми кишварҳои Ғарб ва Россия ғулғула меандозанд. Аз ин адибон Пушкин меомӯзад. Дар натиҷа, дар заминаи як қулла қуллаи нави азиме ба вуҷуд меояд.

Мисоли дигар. Вақте ки Навоӣ ҳамчун адиби фозил ба майдон меояд, мебинад, ки бо забони ӯ бисьёр қавмҳо гуфтугӯ мекунанд, аммо адабиёти казоӣ ба ин забон мавҷуд нест. Ҳамчунин ӯ мебинад, ки осэри бебаҳои халқи дигаре низ мавҷуд аст, ки ин адабиёти тоҷику форс мебошад. Ӯ дар қатори эҷодиёти даҳонӣ ва адабиёти хаттии мавҷудаи халқи худ адабиёти тоҷику форсро низ суботкорона меомӯзад, ки дар натиҷа адиби гениалӣ мешавад. Агар анъанаҳои адабии тоҷикӣ-форсӣ соқит карда шаванд, бешубҳа, эҷодиёти Навоӣ бисьёр чизэро гум хоҳад кард.

Дар адабиёти тоҷик (ба мисли бисёр адабиётҳои дигар) муносибатҳое дида мешуданд, ки сурати яктарафа доштанд. Масалан, дар солҳои бистум ба анъана рафтори нигилистона зоҳир шудааст. Чунончи, баъзе нависандагон гуфтанд, ки вазни арӯз ба мо имрӯз лозим нест. Аммо ин навъ муносибатҳои нигилистона инкишоф наёфта, ба монеа дучор омаданд, чунки табиати хатои рафтори нигилистона ба табиати сохти социалистӣ, бо моҳияти демократии он мувофиқат намекард. Ҷамъияти социалистӣ ҳодисаи объективӣ буда, бо роҳи далектикӣ тараққӣ мекунад, аммо рафтори нигилистона субъективӣ буда, ба тараққиёти ҷамъият мувофиқ намеояд, бинобар ин чунин рафтор реша давонда наметавонист.

## § 4. ОМИЛҲОИ АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ

Дараҷаи риояи анъана ва ҷорӣ гардидани навоварӣ як қатор омилҳо дорад:

1. Омилҳои объективӣ.
2. Омилҳои субъективӣ.

### а). Омилҳои объективӣ

Ба омилҳои объективӣ сохти иҷтимоӣ, ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ, муҳити табииро дохил кардан мумкин аст.

1. **Чигунагии табиат ва моҳияти сохти иҷтимоӣ.** Дар таърихи адабиёти умумиҷаҳонӣ ҳодисаҳое мушоҳида мешаванд, ки бинобар имконият надодани сохти иҷтимоӣ ин ё он ҳодисаи пешқадами адабӣ ҳамчун анъанаи мусбат ривоҷ наёфтааст. Чунончи, дар таърихи адабиё-

ти тоҷик бисёр ақидаҳои пешқадам, ки дар марҳалаи муайяни тараққиёти ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва афкори маданӣ ба миён омадаанд, минбаъд ривоҷи шоиста наёфтаанд ва бисёр адибон маҳз ба туфайли ҳамин гуна ақидаҳои пешқадам ба таъқибот дучор омадаанд. Ҳатто баъзе адибон талаф ҳам шудаанд. Бисёр намояндагони ҷараёни шуубия, ки аз тарафи халифаҳо ва ҳокимони ҷоҳилу мутаассиби маҳаллӣ гирифтори азияту маҳрумиҳо шуда буданд, ба ин фикр мисоли равшан шуда метавонад.

Ҷараёни шуубия дар даврони хилофат пайдо шудааст. Бузургтарин фарзандони Аҷам (аз қабили Ибни Муқаффаъ, Исмоил ибни Ясар, Башшор ибни Бурди Тохаристонӣ, Абӯ Нувос) бо нияти анъанаҳои қадимаи адабию мадани худро бо забони арабӣ нигоҳ доштан забони арабиро нағз азхуд карда, ба ин забон тарҷумаҳо кардаанд, асарҳои оригиналии илмию бадеӣ офаридаанд. Онҳо дар амал исбот меамоянд, ки халқҳои мағлуби Аҷам аз халқи ғолиби араб аз ҷиҳати адабиёт, санъат, маданият, таърих афзалу пешқадам ва ғанитаранд. Тарафдорони ин ҷараён аксаран фош гардида, нобуд мешуданд. Аз ҳамин сабаб ақидаи шуубӣ тадриҷан шакли дигар пайдо карда, торафт мураккабтар (пинҳонтар) мешавад, ки гоҳе онро пай бурдан ҳам душвор аст. Чунончи, идеали шуубии Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ба воситаи образҳои бадеӣ, забону вазни шеърӣ барин унсурҳои шаклӣ ва амсоли инҳо ифода ёфтааст.

Аммо бо мурури замон шариати исломӣ, аз як тараф, сохти давлатдории феодалӣ, аз тарафи дигар, имкон надоданд, ки анъанаи шуубия минбаъд инкишоф ёбад, балки баръакс маҷбур намуданд, ки он тадриҷан аз миён равад.

Мисоли дигар. Намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ маҳз бинобар ақидаҳои пешқадами худ ба зиддияти сахти амиру амалдорони аморат дучор шуданд. Маҳз

сохти ичтимой имкон намедиҳад, ки ин ҳодиса ба анъана табдил ёбад.

**2. Ҳодиса ва воқеаҳои конкрети таърихии давр.** Дар ҳаёти таърихии халқҳо баъзан ҳодисаҳое рӯй медиҳанд, ки барои ривоҷ ёфтани анъана ва ё ҷорӣ шудани навоварӣ монеа мешаванд. Вобаста ба моҳияти чунин ҳодисаҳо ва алоқамандии чунин воқеаҳо бо сохти иҷтимоӣ дер ё зуд монеа аз миён бардошта мешавад. Масалан, баъд аз падид омадани рубоиёти фалсафии оптимистонаи Умари Хайём рӯҳониёни мутаассиб ва ҳокимони ҷоҳил ба он дарафтоданд. Ба муқобили ин рубоиёт муборизаи ашаддӣ сар шуд, ки дар натиҷа муддати дарозе рубоиёти фалсафӣ ривоҷ наёфт. Вале дертар адибони забардасти пешқадам, ҳамчун Ҳофиз, Бедил анъанаҳои рубоисароии Хайёмро хуб ҳазм карда, муборизаҳои шадиди муқобили онро ба ҳисоб гирифта, он анъанаро андаке бо тарзи дигар давом доданд. Агар Хайём масъалаи марказии фалсафӣ — яъне худоро кушоду равшан зери шубҳа гирифта бошад, мутафаккирони минбаъда ин масъаларо то андозае пардапӯшона баён намудаанд.

Мисоли дигар. Баъд аз ғалабаи Революцияи Кабири Социалистии Октябрь ҳарчанд диктатураи пролетариат барқарор гардида буд, аммо маданияти синфи ҳоким, мафкураи иртиҷоии буржуазӣ қисман давом мекарданд, зеро агар сохти иҷтимоиро ба тарзи революционӣ табдил додан мумкин бошад, мафкураро ин тарз якбора дигар кардан мумкин нест. Бинобар ин, дар солҳои бистум ақидаҳои буржуазӣ баробари ақидаҳои демократӣ вуҷуд доштанд ва онҳо ба муқобили ҳамдигар ҳатто ошкоро мубориза ҳам мебурданд. Дар натиҷаи маҳз ҳамин муборизаҳо тараққиёти мӯътадили анъанаю навоварӣ ҳам зарар мебинад. Чунончи, як гурӯҳ бо қатъият анъанаро инкор кунанд, гурӯҳи дигар бо ҷиддият ба муқобили ҳама гуна навоварӣ мебаромаданд. Нилигизм, аз як тараф, консерватизм, аз тарафи дигар, бо ҷӯшу хурӯш талош мекард. Аммо дар натиҷаи торафт ба рӯёб омадани афзалиятҳои социализм, хунук шудани

ҳодисаҳои тезу тунд ва маълум гардидани ҳақиқати мубориза ҳо дар адабиёту санъати халқҳои советӣ анъанаю навоварӣ ба маҷрои мӯътадили худ дохил мешаванд. Маҳз ҳосили тараққиёти мӯътадили анъанаю навоварӣ мебошад, ки адабиёту санъатӣ советӣ дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ ба муваффақиятҳои барҷастатарин ноил гардид, ки ба ин асарҳои Горький, Маяковский, Шолохов, Айтматов, Ғамзатов ва дигарон мисол шуда метавонанд.

Ҳамин ду мисоли овардашуда боз аз он шаҳодат медиҳад, ки чигунагии сохти иҷтимоӣ ба тараққиёти анъанаю навоварӣ таъсири ҷиддии гуногун мерасондааст. Чунончи, агар дар мисоли якум анъана бо роҳи мураккаб инкишоф ёфта бошад ва он хуб тараққӣ накарда бошад, дар мисоли дуюм сурати ҳодиса баръакс аст.

Дар маркази рубоиёти Умари Хайём худо, тақдири одам ва вобаста будани тақдири инсон ба он меистад ва одам ба дараҷаи худоӣ бардошта мешавад. Хайём дар асри XII, Ҳофиз дар асри XIV, зиндагӣ ва эҷод кардаанд, вале дар ду аср анъанаи Хайём давом наёфт.

Баъди ду аср Хоҷа Ҳофиз рубоиёти зиёде гуфтааст, ки онҳо аз ҷиҳати мудохила ба ҳодиса, таҷассуми ғоя, доираи масъала аз ҳамдигар фарқи ҷиддӣ надоранд, вале аз ҳайси тарзи баён ин шоирон фарқ доранд. Ҳофиз ба масъалаи марказӣ на кушоду равшан, балки бавосита (тавассути шароб, ишқ) наздик шуда, матлабро боз бештар пардапӯшона баён кардааст. Воситаҳои баёни Хайём минбаъд мувофиқи талаботи шароит такомул меёбанд. Сабаби чунин муддати дароз таваққуф кардани анъана, чунон ки ишора шуд, сохти иҷтимоӣ ва мафкураи ҳукмрони замона мебошанд.

Дар мисоли Ҳофизу Хайём тараққиёти анъана ва навоварӣ бо тараққиёти объективии сохти иҷтимоӣ мувофиқат намекунад, аммо дар мисоли дуюм бошад, мувофиқат мекунад.

Барои тараққӣ накардани анъана мисоли дигарро

низ ишора кардан мумкин аст, ки он минбаъд инкишоф наёфтани социализми хаёлии Низомию Ҷомӣ мебошад. Ҷомӣ дар афкори эстетикии худ ба нуктаи баландтарин мерасад, яъне вай социализмро инъикос мекунад, аммо ин социализми хаёлӣ бинобар сабаби мувофиқат накардани сохти феодалӣ минбаъд ба анъана табдил намеёбад, балки ин ҳодисаи адабӣ ҳамчун ҳодисаи муҷаррад боқӣ мемонад. Аммо социализми хаёлии мутафаккирони фаронсавӣ ба анъана табдил меёбад, зеро он минбаъд дар асарҳои адибону олимони Франция, Англия ва ғайра такрору инкишоф меёбад ва дере нагузашта дар заминаи социализми хаёлӣ назарияи коммунизми илмӣ ба вуҷуд меояд.

## б) Омилҳои субъективӣ

Дар масъалаи чигунагии тараққиёти анъанаю навоварӣ омилҳои субъективӣ роли хеле калоне мебозанд. Ба омилҳои субъективӣ истеъдоди нависанда, ҷаҳонбинии вай, завқи эстетикӣ ва малакаи эҷодии ӯ дохил мешаванд.

1. **Истеъдод**. Агар адиб соҳиби истеъдоди ҳақиқии адабӣ набошад, дар эҷодиёти вай таносуби мӯътадили анъанаю навоварӣ фароҳам намеояд. Вале агар адиб соҳибистеъдод ва соҳиби зеҳни тез бошад, моҳияти анъанаю навовариро дар шароити конкрет дуруст сарфаҳм меравад ва мувофиқи талаби ҳамин шароит муносибати шоиста зоҳир менамояд, ки дар натиҷа ин адиб ба муваффақиятҳои барҷастаи эҷодӣ ноил гашта метавонад.

2. **Ҷаҳонбинӣ.** Ҷаҳонбинии нависанда дар масъалаи таносуби анъанаю навоварӣ омили ҳалкунанда мебошад, зеро агар нависанда дорои ҷаҳонбинии васеъ ва пешқадам бошад, моҳияти талаби замонро дуруст сарфаҳм меравад ва ҳамин моҳиятро бо таносуби анъанаю навоварӣ алоқаманд карда метавонад. Дар ин сурат муносибати адиб ба анъанаю навоварӣ объективона

хоҳад шуд. Ҳамчун мисол метавон қайд кард, ки муваффақиятҳои ҳамаи адибони бузург дар ҳамин ҷост.

Аммо агар ҷаҳонбинии нависанда маҳдуд бошад, талаби замон, моҳияти ҳодиса ва воқеаҳои конкрети давр-ро пурраю дуруст сарфаҳм рафта наметавонад, дар ин сурат миёни таносуби анъанаю навоварӣ ва муҳити конкрети таърихӣ мувофиқати комилу барҷаста фароҳам намеояд. Масалан, Есенин ва Маяковский — адибони фавқулъодда соҳибистеъдод буданд, аммо ин адибон ба халқ баробар хизмат накардаанд. Хизмати В. В. Маяковский дар назди таърих, ҷамъият ва халқҳо нисбатан бузургтар аст. Сабаби ин ҳодиса ба доираи ғояҳо алоқаманд мебошад, ки нависандагон бинобар гуногунии ҷаҳонбинии худ дар асарҳояшон масъалаҳоро инъикос кардаанд.

Дар маркази эҷодиёти Сергей Есенин ботини одам, эҳсосоти вай, дар маркази эҷодиёти Маяковский истиқлол ва озодии одам меистад. Маяковский замони инқилобро фаҳмида, мувофиқи ҳамон замон анъанаро ба он тобеъ кунондааст. Кредои ӯ ин буд:

> Нависанда он аст дар ин рӯзгор,
> Ки марше сарояд, нависад шиор!

Есенин бошад, анъанаи назми русро ба замон баробари Маяковский тобеъ накардааст.

3. **Завқи эстетикӣ ва меҳнати шахсии нависанда.** Завқи эстетикии нависанда ва кӯшишу меҳнатҳои вай дар эҷодиёти ӯ нақши муайяне мегузоранд. Завқи эстетикии нависанда бо ҷидду ҷаҳд ва кӯшишҳои шахсии нависанда зич алоқаманд мебошад, чунки агар нависанда ҷидду ҷаҳд накунад, завқи вай сайқал намеёбад ва агар завқи нависанда сайқал наёфта бошад, вай назокату нафосати анъана ва бурду бақои онро сарфаҳм намеравад. Ҳамчунин, табиату нафосати навовариро ҳам пай намебарад. Дар ин сурат эҷодиёти ин қабил адиб ҳамчун тақлиди ноӯҳдабароёна ва хушку холӣ

сурат хоҳад гирифт. Осори зеҳни кунд дар ҳар давр пайдо шавад ҳам, вай умр намебинад, фаромӯш мешавбад.

Бинобар ин, нависанда ҳамэн вақт ба масъалаи анъанаю навоварӣ баҳои муносиб дода, ба он муносибати объективона зоҳир меңамояд, ки вай дар натиҷаи омӯзиши суботкорона ва ҷустуҷӯҳэи пай дар пай донишӣ мукаммали адабӣ, илмӣ, таърихию сиёсӣ, табиӣ ва ғ. ҳосил карда, завқи салим ва сайқалъёфтаи эстетикӣ ба даст дароварда бошад.

4. **Малака ва маҳорати нависанда.** Нависанда яку якбора ба камол намерасад, роҳи камолоти вай аз фосилаи муайяну конкрет иборат хоҳад шуд. Ҳар як нависанда дар оғози фаъолияти эҷодӣ анъанаи мавҷударо меомӯзад, онро ба тарзи нисбатан пассив татбиқ менамояд, яъне вай ба пешгузаштагони худ тақлид мекунад, дар натиҷаи омӯзиши пайвастаи анъанаҳо торафт бештар анъанаро маърифат мекунад. Агар нависанда эмӯзиши анъанаҳоро дар маҳаки талаби замон ба амал барорад, дар ин сурат тезтар аз доманаи тақлид халос мехӯрад, яъне доираи анъана торафт маҳдуд шуда ва баръакс, доираи навоварӣ торафт вусъат пайдо мекунад.

Ҳамон навъе ки маълум аст, анъанаю навоварӣ мутаносибан ба амал меоянд, яъне агар анъана пурра риоя карда шавад, навоварӣ маҳдуд мемонад, вале агар навоварӣ васеъ ҷорӣ шавад, доираи анъана танг мегардад. Аммо гарави муваффақият — баробар, мутаносибан риэя шудани ҳарду мебошад.

Азбаски нависандагон дар масъалаи омӯзиш фаъолияти якхела зоҳир намекунанд ва малакаи эҷодӣ хусусияти субъективӣ дорад, фосилаи роҳи камолот низ гуногун мешавад, яъне агар адиб ҷаҳонбинии пешқадам дошта бэшад, соҳибистеъдод бошад ва фаъолияти бештар зоҳир намояд, дар он сурат вай зинаи камолотро тезтар тай мекунад. Дар акси ҳол зинаи камолот хеле

тӯл меёбад, ё баъзан адибон то охир энро паймуда наметавонанд.

Давраи муайянро дар бар гирифтани камолоти нависанда дар мисоли эҷодиёти М. Турсунзода равшан ба назар мерасад. Эҷодиёти ин адиб солҳои сиюм сар шудааст, вале ӯ то солҳои чилум асарҳои шогирдона навиштааст. Ӯ аз адабиёти классикӣ, эҷодиёти даҳонии халқ, аз адабиёти халқҳои бародар суботкорона ва хеле фаъолона меомӯзад. Омӯзиши фаъолонаи М. Турсунзода дар соли 1940 натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Шоир дар асоси синтези шоистаи анъанаҳои адабӣ ва навоварӣ асари барҷастаи «Ба В. И. Ленин»-ро эҷод мекунад, ки он яке аз шоҳасарҳои ленинномаи тоҷик мебошад. Маҳз аз ҳамин шеър марҳилаи нав дар эҷодиёти шоир сар мешавад. Аммо гуфтан мумкин нест, ки Турсунзода аллакай камолоти эҷодиро азхуд кардааст, тамоми анъанаҳоро омӯхтааст ва ба тарзи шоиста навоварӣ карда метавонад. Омӯзиши шоир баъд аз ин ҳам давом мекунад. Як қатор шеърҳои лирикӣ ва достони эпикии «Писари Ватан» мисоли ҳамин омӯзиш мебошанд.

Махсусан, дар достони «Писари Ватан» Мирзо Турсунзода дар офариниши образу характери қаҳрамон, дар тасвири воқеа ва ғ. аз таъсири анъанаҳо алҳол пурра халос шуда натавонистааст. Аммо метавон гуфт, ки аз охири солҳои чилум шоир тамоми моҳияти ҳама гуна анъанаҳоро пурра дарк мекунад ва дар ҷои даркориаш ба тарзи шоиста навоварӣ менамояд. Силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон», достони «Ҳасани аробакаш» ва дигар асарҳои шоир шоҳиди ҳамин фикранд. Аксари мутлақи асарҳои баъд аз солҳои панҷоҳум эҷодкардаи ӯ тимсоли барҷастаи таносуби мӯътадили анъанаю навоварӣ мебошанд.

Аммо чунин тасаввур кардан хатост, ки баъди азхуд намудани анъана ва ҳосил кардани малакаи комили эҷодӣ нависанда ҳамеша асарҳои баркамол меофарида бошад. Имкон дорад, ки ҳар адиби бузург дар қатори асарҳои барҷастаи адабӣ, асарҳои ноқису яктарафа

(хоҳ дар анъана ва хоҳ дар навоварӣ) эҷод кунад. Сабаби ин ҳодиса дар он аст, ки малакаю маҳорат омили субъективӣ мебошанд ва субъект метавонад тағйир ёфта истад, яъне гоҳе субъект бо объект мукаммалан мувофиқат накунад.

Баъзе нависандагон моҳияти тамоми унсурҳои анъанаро дуруст сарфаҳм намераванд, дар ин сурат хоҳу нохоҳ таносуб фароҳам намеояд. Сабаби аз байн рафтани таносуб бисьёр будани омилҳои субъективӣ мебошад.

Дар сохти ҷамъиятии мо азбаски омилҳои объективии таносуби анъанаю навоварӣ пурра дида мешаванд, тамоми шароит муҳайёст, бинобар ин омилҳои субъективӣ фактори муҳим буда, роли калон мебозанд.

## § 5. ТАНОСУБИ АНЪАНАЮ НАВОВАРӢ БО МУНДАРИҶАИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ

Қайд кардан лозим аст, ки унсурҳои мундариҷа фаҳмиши нисбӣ доранд, зеро унсурҳои мундариҷа ва шакл дар ҳолатҳои конкрет тағйир меёбанд, яъне агар як унсур нисбат ба унсури дигар мундариҷа ҳисоб ёбад, ҳамон унсур нисбат ба унсури сеюм воситаи шаклӣ ба шумор меравад. Мисол, образ нисбат ба забон мундариҷа ҳисоб ёбад, нисбат ба ғоя — шакл шумурда мешавад. Ё худ сюжет нисбат ба жанри адабӣ мундариҷа бошад, нисбат ба мазмун — шакл аст. Аз ин нуқтаи назар доираи мафҳумҳои унсурҳои мундариҷа нисбӣ мебошад. Одатан, дар таркиби мундариҷа унсурҳои мазмун, мавзӯъ ва ғояро ҳамеша дохил менамоянд.

Дар таркиби тамоми унсурҳои процесси эҷодӣ ғоя (ё худ идея) нуқтаи асосӣ ва мавқеи марказиро ишғол мекунад. Бинобар ин, бояд таъкид кард, ки идея ҳа-

меша ва дар тамоми ҳолатҳо унсури мундариҷа ба шумор меравад ва он ҳаргиз воситаи шаклӣ буда наметавонад. Аммо унсурҳои боқимонда чун фаҳмишҳои нисбӣ метавонанд тағьир ёбанд.

Пас ғоя чист? **Ғоя** — он матлабу мақсади марказиест, ки нависанда маҳз онро ба хонанда арз кардааст, ё худ, **ғоя** — он маромест, ки барои ифодаи он асари бадей навишта мешавад. Ғоя ҷанбаи субъективии асари бадеиро пурзӯр менамояд. Нависанда ин ё он масъалаи ҳаётиро ё тасдиқ мекунад, ё инкор менамояд. Ӯ ё ҳусни таваҷҷӯҳи хонандаро ба ин ё он масъалаю ҳодиса пайдо карданист ва ё нафрати ӯро бедор намуданист. Бинобар ин, ғояи асари бадей ё тасдиқӣ мешавад ва ё инкорӣ.

Мавзӯъ чист? **Мавзӯъ** — ин ё он соҳа, ин ё он масъала ё ҷиҳати ҳаёти иҷтимоии халқ, ягон соҳаи воқеият мебошад, ки асари бадей дар хусуси он навишта мешавад. Азбаски ҳаёт тарафҳо, ҷиҳатҳо, муносибатҳо, масъалаҳо ва ҳолату ҳодисаҳои беҳисоб дорад, дар адабиёт низ мавзӯъҳо беҳисоб мешаванд. Ҷанбаи объективии асари бадей аз ҷумла дар мавзӯъ зоҳир мешавад.

Мазмун чист? Қайд кардан лозим аст, дар фаҳмиши истилоҳи мазмун ва мундариҷа ихтилоф ҳаст, яъне доираи истилоҳоти мазкур норавшан мебошад. Барои фаҳмиши нисбатан осонтар ҳудуди мазмун ро маҳдуд ва доираи мундариҷаро васеътар тасаввур кардан мумкин аст, яъне мазмунро бо фаҳмиши мазмуни асари конкрет маҳдуд кардан, аммо мундариҷаро дар маънии ҷузъи (компоненти) қонуни мундариҷаю шакл донистан авлотар мебошад. Бинобар ин, **мазмун** дар фаҳмиши маҳдудаш он предмет, воқеа ва ҳолате, ки дар зимни асари конкрети бадей баён мешавад, ҳисоб меёбад. Аммо мундариҷа бар замми мазмун боз ғоя, мавзӯъ, сюжет, образу характер ва ғайраро фаро гирифта метавонад.

## Таносуби анъанаю навоварӣ бо ғоя

Мувофиқи таърихи адабиёт ва маданият, мувофиқи таърихи ҳаёти халқ, мувофиқи завқи эстетикии омма ва омилҳои дигар ин ё он ғоя ва ё силсилаи ғояҳо дар даврахои гуногуни таърихӣ ҳамчун анъана идома меёбанд. Дар масъалаи ба анъана табдил ёфтани ин ё он ғоя эҳтиёҷоти маънавӣ ва моддии халқ ҳамчун омили ҳалкунанда хизмат менамояд, зеро агар ба ин ё он ғоя эҳтиёҷи иҷтимоӣ набошад, он ғоя ба анъана табдил намеёбад. Чунончи, дар доираи ғояҳои адабии асри X дӯстӣ, накӯкорӣ, илмомӯзӣ ва ғайра ҳамчун сарсилсила намоён мешаванд. Сабаби иҷтимоии ин ҳолат дар он аст, ки давлати навбуньёди тоҷикон ба ин масъалаҳо эҳтиёҷ ҳис менамуд, зеро дӯстию накӯкорӣ ва илму дониш бақои давлату ободии мамлакат мебошанд. Дар «Шоҳнома» бошад, ғояи марказӣ ватанпарварӣ аст. Сабаби ин ҳодиса дар он аст, ки дар охирҳои асри X ҳуҷуми бодиянишинҳо ва суст шудани иттифоқи дохилӣ ҳис карда мешуд, яъне хавфи барбод рафтани давлати тоҷикон ба миён омада буд. Бинобар ин ҳимояи Ватан масъалаи зарууртарини давр ба шумор мерафт.

Гирем ғояи бузургдошти деҳқониро. Халқ **деҳқонро** аз камоли хоксорӣ **хокпош** мегӯяд. Ба ғоят ҷолиби диққат аст, ки ҳамин амали хокпоширо халқ аз замонҳои қадим муқаддастарину муаззамтарин амал меҳисобид, чунончи дар «Авасто» гуфта шудааст, ки **ҳар касе, ки замин шудгор мекунаду ғалла мекорад, беҳтарин кори ҷаҳонро баҷо меорад.** Дертар, дар «Матадғани Ёвишни Фриён» («Китоб дар бораи Ёвишни Фриён») бо чунин чистоне дучор меоем: **«Он чист, ки даҳ пой дораду се сар, шаш чашму шаш гӯш, ду думу се олот, ду дасту се бинӣ, чор шоху се китф ва ҷаҳон бар дӯши вай аст».** Ҷавоби чистон **деҳқонест**, ки ҳамроҳи ду **барзагов** заминн меронад. Дар асри XI мутафаккири бузург Носири Хисрав боиси ободию маъмурии олам ва осоиштагии тамоми ҷуку ҷондорро дар деҳқонӣ дидааст, чунончи:

Беҳ, аз саннои олам деҳқон аст,
Ки ваҳшу тайрро роҳатрасон аст...
Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Аз ӯ гаҳ заръ, гоҳе бӯстон аст.

Ё худ, ҳодисаи дигар. Дар адабиёти тоҷик масъалаи адолату зулм ва тарғиби ғояи адолат дар тамоми давраҳои сохти феодалӣ аз ғоя ва масъалаҳои марказӣ ба шумор меравад. Сабаби эътибори ин ғоя ташнагии иҷтимоист. Гап дар сари он аст, ки барои сохти феодалӣ зулм, торочгарӣ, умуман беадолатӣ хос мебошад. Маҳз бинобар он ки адолат вуҷуд надорад, онро халқ орзу менамояд. Ин орзуро адибони пешқадам ифода менамоянд.

Идеяи дигар гуманизм мебошад, ки он низ чун анъана идома меёбад. Дар ҳаёти иҷтимоӣ инсондӯстии ҳақиқӣ вуҷуд надошт. Мубориизаҳои шадиди мазҳабӣ, қабилавӣ ва вилояту кишварҳо аз ҳодисаҳои муқаррарӣ буданд. Ин воқеаи типии феодалӣ ҳамчун ҳодисаи таърихӣ дар «Ғуломон» дуруст инъикос ёфтааст. Маҳз бинобар мавҷуд набудани инсондӯстии ҳақиқӣ халқ ва нависандагони пешқадам ин идеяро орзу ва талқину тарғиб мекарданд.

Адабиёти тоҷику форс аз ҷиҳати доираи ғояҳо ва демократизми онҳо дар ҷаҳон, метавон гуфт, мақоми баландтаринро ишғол менамояд, чунки дар олам кам адабиёте дучор меояд, ки ғояҳои гуманизм, накӯкорӣ, сулҳҷӯӣ, ватанпарварӣ, муҳаббати поку илҳомбахшро ба мисли адабиёти тоҷику форс ҳамчун масъалаҳои марказӣ тараннум ва ташвиқ карда бошанд. Сабаби ин ҳолат, аз як тараф, ва пеш аз ҳама муддати дуру дароз ва ба тариқи махсус ҳукмронӣ кардани феодализм бошад, аз тарафи дуюм, завқи эстетикӣ ва ҷаҳонбинии халқ, ва аз тарафи сеюм, эҷодиёт ва заковати махсуси классикони бузурги ин адабиёт мебошад. Аммо ҳамаи ғояҳои пешқадами адабиёти давраи феодалӣ маҳдудияти таърихии синфӣ ва ҷаҳонбинӣ доранд. Бинобар ин,

ақидаҳои пешқадами гузашта дар адабиёти советии тоҷик, аз як тараф, ба тарзи шоиста чун анъана давом мекарда бошад, аз тарафи дигар, ин ғояҳо мувофиқи тақозои сохти иҷтимоии социалистӣ ва ҷаҳонбинии марксистӣ-ленинӣ такмил ёфтааст. Агар пеш дар эҷодиёти адибони классик умуман гуманизм тарғибу ташвиқ мешуда бошад, ҳоло интернационализми пролетарӣ тарғибу ташвиқ мeёбад, яъне ба гуманизм аз меъёри синфият назар карда мешавад.

Дар интернационализми пролетарӣ гуногунии мазҳабӣ, иркӣ, нажодӣ ва ғайра ҳеҷ гуна роль намебозад.

Ҳамчунин, агар пеш дар осори классикон умуман ватанпарварӣ таҷассум меёфта бошад ва Ватан ба фаҳмиши хэки ин ё он қавму қабила ва халқ дониста мешуда бошад, ҳоло **ватанпарварии советӣ** тараннум карда мешавад. Чунончи, Ҳабиб Юсуфӣ мегӯяд:

Қалам ба даст бигирам, ки шеър бинвисам,
Забони ман зи ҳама пештар Ватан гӯяд.
Ватан, чу нағмасарой аст дил зи ишқи ту,
Туро хазинаи илҳоми хештан гӯяд.
Ба ин таровату ин рангу бӯ, ки ҳастӣ ту,
Сазад, саросари саҳни туро чаман гӯяд.
Дар оғӯши ту ҳазорон диёру шаҳр бувад,
Ба ҳар куҷот равам, дил диёри ман гӯяд.

(Ҳабиб Юсуфӣ. Роҳи нотамом. — Душанбе: Ирфон, 1973, с. 82).

Дар масъалаи ватанпарварии адабиёти советӣ боз бояд илова кард, ки ватанпарварии советӣ бар зарари халқу давлатҳои дигар намебошад, чунонки гоҳе дар адабиёти тореволюционӣ дида мешавад. Ҳамчунин бояд илова кард, ки ватанпарварӣ дар адабиёти феодалӣ дар бисьёр мавридҳо ба хотири подшоҳони ҷудогона содир мешуд, вале ватанпарварии советӣ ба хотири тамоми халқи советӣ, ба хотири тамоми Давлати Советӣ ба амал оварда мешавад.

Ҳамин навъ тафовут дар ғояи муҳаббати пок ҳам ба назар мерасад. Дар адабиёти гузашта ишқи поки инсонӣ, ҳусну ҷамоли олии одам, садоқати баланду рӯҳбахш таҷассум меёфтанд, яъне дар ғояи ишқи пэк ду компоненти дигар: ҳусни маҳбуба ва садоқати ошиқ диққатро ҷалб мекард ва ба таври ҳатмӣ инъикос меёфт, аммо дар адабиёти советии тоҷик дар ғояи ишқи пок кэмпоненти дигар ҳамчун унсури муҳим дохил мешавад. Ин компонент қаҳрамонӣ ва бунёдкорист. Дар гузашта меъёри ишқи пок садоқати шахси ошиқ буд. Баъзан муболиға дар садоқати беҳудуд инкишоф меёфт. Дар ин сурат идеали ошиқи содиқ яктарафа ривоҷ меёбад, яъне ошиқи қаҳрамэн то ба дараҷае ошиқ мешавад, ки худро гум мекунад ва ҳатто талаф ҳам мебинад. Натиҷаи чунин вусъати идеали ошиқи пок муҷаррад, гоҳе пессимистона ва фоҷиаомез мешавад. Мо ин навъ ақидаро дар лирикаи шоирони гузашта Қамол, Ҳилолӣ бисьёр мебинем ва бисьёр дэстонҳои ишқии романтикӣ низ аз ҳамин қабиланд.

Дар адабиёти советии тоҷик ин ғоя низ хеле такмил ёфтааст. Агар пеш меъёри садоқати пок муҷаррад ва яктарафа ривоҷ меёфта бошад, ки он аксаран ба натиҷаҳои нохуш меовард, ҳоло ин меъёр такмил ёфтааст ва он бо эптимизм ва бунёдкорӣ мукаммал гардидааст, яъне садоқат дар адабиёти социалистӣ бо ободии мамлакат, бо бунёдкориҳои оммавӣ ҳамроҳ ривоҷ меёбад. Агар садоқати том дар гузашта эяндаи сарбаста дошта бошад ва ошиқ ногузир ба нокомӣ дучор мешуда бошад, дар марҳилаи нави адабиёти тоҷик муҳаббат бо роҳи солим ҷараён ёфта, бо хушбахтӣ анҷэм меёбад. Албатта, сабаби гуногунии ҷараёни муҳаббат ва гуногунии натиҷаҳо ба табиати сохти иҷтимоӣ вобаста мебошад, зеро агар сохти феодалӣ ба коми эдамони баргузида бошад, сохти социалистӣ ба коми оммаи меҳнаткаш аст. Дар ҷамъияти феодалӣ ҳар як инсон наметавонад ба мақсад бирасад, балки агар вай дар роҳи иҷрои мақсад ҷидду ҷаҳди зиёд намояд, нэгузир ба кул-

фат дучор меояд. Аммо дар ҷамъияти социалистӣ ҳар як аъзои ҷамъият метавонад ба мақсад бирасад ва агар вай дар роҳи иҷрои мақсад ҳар қадар бисьёртар ҷидду ҷаҳд намояд, ҳамон қадар бештару тезтар ба саодат ноил мешавад.

Ба ҳамин тариқ, тақрибан ҳамаи ғояҳои пешқадами адабиёти тоинқилобӣ ҳамчун анъана дар давраи советӣ низ давом мекунанд, аммо ин анъанаҳо ба тарзи холис ва айнан идома намеёбанд, балки навоварона арзи вуҷуд мекунанд. Анъанаҳо ҳатман бо такмилоти зарурӣ идома меёбанд. Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ ва ҳамаи адибони дигари советии тоҷик анъанаҳои ғоявиро мувофиқи табиати сохти социалистӣ ва ҷаҳоншиносии марксистӣ-ленинӣ такмил ва инкишоф медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар, бояд таъкид намуд, ки ҳеҷ як анъанаи ҳақиқӣ бе дахолати ҷасуронаи адиб давом намекунад.

Муҳимтарин ғояи мусбати «Авасто» гуманизм мебошад, ки он пеш аз ҳама дар ду ҷабҳа намоён мегардад: яке — таҳсини некию равшанӣ, ки дар муборизаи муттасила бо бадию зулумот собит мегардад; дигар — бузургдошти деҳқонӣ. Ҳардуи ин ғоя боиси ободонии кишвар ва маъмурии башарият мебошад. Ҳамин ғояҳо дар адабиёти асримиёнагӣ низ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, ки мисолашро дар эҷодиёти ҳар як классик равшан мебинем.

Ғояи инсонпаравари суфиёни бузургро махсусан таъкид кардан лозим меояд, зеро Ансорӣ, Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ барин адибони барҷаста покии ахлоқи одамиро чун идеал ба миён гузошта, монеаҳои қабилавию нажодӣ ва ҳатто динию мазҳабиро паси сар кардаанд. Гуманизми суфиёни бузург ба моҳияти иҷтимоии феодализм зарбаҳо мезад.

Бояд хотирнишон кард, ки меъёри гуманизм дар гузашта асосан дину мазҳаб буд. Аммо дар эҷодиёти адибони генималӣ ин меъёр хеле васеъ карда мешавад ва ҷои онро покии ахлоқ, наҷобати рафтор ва улвияти

ҳиммат ишғол менамоянд. Дар замони мо бошад, меъёри гуманизм равшану конкрет — манфиатҳои синфист, яъне интернационализми социалистӣ ва гуманизми пролетарист.

Анъанаҳои ғоявӣ бо мурури замон такмил ёфта, ҳамчун сарвати бебаҳои маънавӣ наслҳои гуногунро бо роҳи нек, бо роҳи саодати башарӣ пеш мебаранд. Агар назми имрӯзаи советии тоҷик ба туфайли ғояҳои ҳаётиаш оламгир бошад, дар ин мартабаи бузург анъанаҳои ғоявӣ ҳамчун пойдевори азим хизмат намудаанд.

## Таносуби анъанаю навоварӣ бо мавзӯъ

Одатан таносуби анъана бо мавзӯъ нисбатан заиф аст, зеро ҳолату ҳодисаҳои ҳаёти, ки мабдаи мавзӯъҳои адабианд, ҳамеша дар тағйирот мебошанд. Ҳодисаҳо пайдо мешаванд, инкишоф меёбанд ва аз миён мераванд, бинобар ин, дар адабиёти бадеӣ низ мавзӯъҳо дар тағйироти муттасила мебошанд, яъне зуҳур мекунанд, инкишоф меёбанд ва иваз мешаванд. Азбаски дар ҳаёти иҷтимоӣ як силсила ҳодиса, ҳолат, масъала ва муносибатҳое ҳастанд, ки ҳамеша давом мекунанд, дар тамоми давраҳо мавқеъ ва мартабаи калон доранд, дар адабиёти бадеӣ низ мавзӯъҳое ҳастанд, ки ҳамешагӣ идома меёбанд. Дар қатори чунин мавзӯъҳо мавзӯъҳои дӯстии халқҳо, илму маърифат, ишқу муҳаббат ва ғайраро дохил кардан мумкин аст. Дар эҷодиёти классикони гузашта ҳусну малоҳати одам, заковати инсонӣ, шуҷоату қаҳрамонӣ, зебоии ботинӣ, дӯст доштани муҳит ва амсоли инҳо мақоми азимеро ишғол менамоянд, ки ин мавзӯъҳо дар адабиёти советии тоҷик низ дида мешаванд. Аммо дар адабиёти тоинқилобӣ интихоби мавзӯъ ва махсусан ҳалли он бештар ба тарзи муҷаррад, алоҳида, схематикӣ ва якранг сурат мегирад, яъне мавзӯъҳо бо ҳамдигар алоқаманд инъикос намеёбанд. Ҳалли мавзӯъ бо ҳодисаҳои конкрети ҳаётӣ, бевосита

бо зиндагӣ вобаста карда намешавад. Мисол, дар «Шоҳнома» қаҳрамонӣ ва ҷангҳо, ҷангҳои мамлакатҳо асэсан дар симои паҳлавонҳои ҷудогона гирд оварда шудааст. Ё ин ки дар достонҳои ишқӣ-романтикӣ диққат танҳо ба саргузашти пуршӯри қаҳрамонон равона карда мешавад.

Дар адабиёти асримиёнагӣ нависандагон мекӯшиданд, ки мавзӯъ ҳар қадар бештар диққатангез ҳал карда шавад. Табиист, ки дар ин сурат ҳалли мавзӯъ бо масъалаҳои дигари ҳаётӣ, бо ҳодисаҳои конкрети зиндагӣ хеле суст вобаста мегардад ва гэҳе мумуман алоқаманд намешавад. Аммо дар даврэи советӣ, аз як тараф, интихоби мавзӯъ бо тарафҳои гуногуни ҳаётӣ алоқаманд бошад, яъне агар мавзӯи марказӣ бо силсилаи мавзӯъҳои дигар алоқаманд бошад, аз тарафи дигар, дар ҳалли мавзӯъ даврэи конкрети таърихӣ, ҳолат ва вэқеаҳои зиндагӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Мисол, мавзӯи манзара дар адабиёти тоинқилобӣ бештар хусусияти муҷаррадро доро мебошад, зеро дар шеърҳои манзаравии гузаштагон нишонаҳои умумии ин ё он манзара тараннум карда мешавад. Аз ин қабил шеърҳо маҳалли конкрет, ҳаёти конкрет равшан тасаввур карда намешавад. Барэи мисол мусамматти мусаддаси машҳури Манучеҳриро ишора кардан мумкин аст. Чунончи:

Хезеду хаз оред, ки ҳангоми хазон аст,
Боди хунук аз ҷониби Хоразм вазон аст.
Он барги хазон аст, ки бар шохи разон аст,
Гӯӣ ба масал пираҳани рангрезон аст.
Деҳқон ба тааҷҷуб сари ангушт газон аст,
Қ-андар ҷаману боғ на гул монд, на гулзор.

(Манучеҳрӣ. Мунтаҳабот. — Душанбе, 1974, с. 48).

Ин шеър бисьёр шавқангез ва самимона эҷод шудааст. Аммо бояд иқрор шуд, ки макони манзара ба тақо-

зон методи асосии адабиёти асримиёнагӣ як андоза муҷаррад мебошад.

Барои муқоиса шеъри манзаравии шоири муосир Мӯъмин Қаноат «Пири гулфурӯшон»-ро мулоҳиза кардан мумкин аст:

Кӯҳи Варзобро чи даврон аст,
Гӯӣ, он пири гулфурӯшон аст:
Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,
Локии шоҳӣ дар камар дорад,
Саллаи суф гирди сар дорад,
Сабади гул ба пеши бар дорад.

(М. Қаноат. Сарҷӯи сабз. — Душанбе: Ирфон, 1975, с. 167).

Бояд ишора кард, ки дар ҳарду шеър ҳам дар маддӣ назари шоир инсон қарор гирифтааст. Ин ҷиҳати анъанавист. Аммо агар дар объекти тасвири Манучеҳрӣ инсон ҷои дуюмдараҷаро ишғол намуда, шахси беҳаракату ғамолуд намояд, дар шеъри Мӯъмин Қаноат вай дар маркази объекти тасвир қарор гирифтааст ва дар назари хонанда шукӯҳманду фаъол ва олиҳиммат метобад.

Дар шеърҳои манзаравии шоиронии советии тоҷик манзара бештар ба таври конкрет таҷассум меёбад ва хонанда аз шеърҳои манзаравии адибони муосир дониши бештари конкрет ҳосил карда метавонанд. Ба тарзи дигар гӯем, анъанаи мавзӯи манзара дар адабиёти советии тоҷик васеъ идома меёбад. Аммо ин анъана хеле мукаммал гардидааст. Сабаби ин дигаргунӣ ва ба ин восита омили навоварӣ — сохти иҷтимоӣ ва инчунин методи реализми социалистӣ мебошад.

Мавзӯи фалсафаи зиндагӣ дар эҷодиёти Хайём, Ҳофиз, Бедил барин адибони мутафаккир ҳамчун анъана ривоҷ дошт. Ин шоирон абадияти ҳаётро, гузаранда будани умри инсонро, зебоӣ ва иқтидори одамиро

тараннум кардаанд. Дар эҷодиёти ин қабил адибон ҳаёт асосан ҳамчун як предмети объективӣ инъикос карда мешавад. Даҳолати субъект ба объект тақрибан мушоҳида карда намешавад. Аммо дар давраи нави таърихӣ дар эҷодиёти Лоҳутӣ, Иқбол ва адибони дигар масъалаи фалсафаи ҳаёт бо даҳолати фаъоли одам тасвир карда мешавад, яъне инсон шахси фаъол-муқтадир ва дигаргункунандаи объект — ҳаёт тасвир мешавад.

Ба ин тариқ, метавон хулоса кард, ки як силсила мавзӯъҳои анъанавӣ дар адабиёти советии тоҷик низ давом мекунанд, вале ин мавзӯъҳои анъанавӣ мувофиқи иқтизои давраи нави таърихӣ ва ҳаёти конкрети моддӣ, тибқи тараққиёти мафкураи ҷамъиятӣ ба тағьирот дучор шуда мукаммал гардидаанд.

## § 6. АНЪАНАЮ НАВОВАРӢ ДАР ЖАНРҲОИ АДАБӢ

### 1. ДОСТОН

Анъанаи достонсароӣ дар адабиёти тоҷик таърихи хеле қадимӣ ва бой дорад. Анъанаи достонсароии тоҷику форс аз адабиёти қадим, махсусан, адабиёти даврам паҳлавӣ сарчашма мегирад. Дар асрҳои миёна дар достонсароӣ ҷиҳатҳои гуногун ҳамчун анъана тараққии шоиста мекунанд.

Дар достонсароии адабиёти тоинқилобӣ, махсусан масъалаҳои офариниши образу характерҳои муҳташам, тасвири ҳодисаю воқеаҳои ғайриоддӣ, методи эҷодии романтикӣ, шакли жанрии маснавӣ ҳамчун унсурҳои пурзӯри анъана дар тамоми даврахо тақрибан як хел давом мекунанд.

Азбаски достонсароӣ дар адабиёти тоинқилобӣ мав-

қеи хеле баландро ишғол мекунад, дар давраи советӣ низ то давраи муайяне анъанаҳои асосии худро бидуни тағйиротти ҷиддӣ нигоҳ медорад. Масалан, достонҳои шоирони советии тоҷик, ки дар солҳои бистум, сиюм ва ҳатто чилум офарида шудаанд, аз ҷиҳати методи эҷодӣ, махсусан, аз ҷиҳати чигунагии образу характер, мӯҳташамии ҳодиса ва воқеа, шакли жанрии маснавӣ анъанаҳои гузаштаро риоя намудаанд.

Достонҳои Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода ва дигарон дар солҳои сиюм ба масъалаҳои конкрети ҳаётӣ бахшида шуда бошанд ҳам, образҳои мӯҳташам бо обу ранги романтикӣ офарида шудаанд, умуман дар ин давра эҳтишоми романтикӣ мақоми калон дорад. Ҳамин ҳодиса, яъне номутобиқатии предмети конкрети тасвир ва воситаи романтикии тасвир дар солҳои чилум низ мушоҳида мешавад. Масалан, дар достони эпикии «Писари Ватан» ки он аз ҷиҳати моҳияти масъалаи фарогирифта асари комилан реалистӣ аст, дар тасвири характери қаҳрамонон, дар инъикоси воқеаҳо, дар ҳалли мушкилот ва ғайра таъсири романтизми анъанавиро баръало дидан мумкин аст.

Тадриҷан ин номутобиқатӣ торафт бештар ҳис карда мешавад ва дар дохили анъана навовариҳо бештар ба амал меоянд. Аз солҳои панҷоҳум сар карда, шоирони советии тоҷик дар масъалаи офариниши образу характерҳои реалистӣ ба муваффақиятҳо ноил мешаванд. Барои мисол ба достони «Ҳасани аробакаш», ки он дар тамоми адабиёти умумииттифоқ аз ҷумлаи достонҳои мӯҳташамтарини реалистӣ ба шумор меравад, ишора кардан мумкин аст.

«Ҳасани аробакаш» дар адабиёти тоҷик ҳодисаи тамоман навест. Аммо наметавон гуфт, ки дар достон анъана тамоман дида намешавад. Бешубҳа, дар шахсияти Ҳасан, дар виқору бузургии вай таъсири анъанаи қаҳрамонони гузашта дида мешавад. Ору номӯси Ҳасан, ҷасорату паҳлавонии вай, характери мураккаби ӯ, бешубҳа, собиқаи анъанавӣ доранд. Аммо дар ин дос-

тон ба мисли достонҳои пештараи шоирони советии тоҷик анъана ҷои асосиро ишғол намекунад, балки анъанаю навоварӣ бо ҳамдигар узван алоқаманд мебошанд ва ду чиз будани онҳо тамоман ҳис карда намешавад.

Шоир шираи анъанаро дар масъалаи характер афшурда, тамоми восита ва имкониятҳои боқимондаро навоварона ба кор бурдааст. Чунончи, агар дар достонҳои «Хазон ва баҳор», «Писари Ватан» шоир диққатро ба таъсирнокии ғоя, салосату нафосати сухан, вазн, қофия равона карда бошад, дар «Ҳасани аробакаш» диққати асосиро ба ҷиҳати типии характери марказӣ равона карда, барои боварибахш инъикос ёфтани характер ва типӣ тасвир намудани ҷузъиёти ҳодисот кӯшиш намудааст. Бинобар ин, агар пеш ҳамчун анъана пардозу ороиши сухан ҷои асосиро ишғол мекарда бошад, дар «Ҳасани аробакаш» кӯшиш ба ороиш умуман дида намешавад. Чунончи, калимаю ибораҳои «Ҳасани аробакаш» нисбатан дурушт ва носуфта мебошанд, вазни достон равон нест ва бинои достонро на маснавӣ, балки бандҳои мураббаъ ташкил кардааст. Аз ин рӯ, як миқдори калони мисраъҳо умуман аз қофия озод ҳастанд ва он миқдори мисраъҳо ки дорои қофия мебошанд, аксаран қофияҳои ноқис доранд. Тақрибан ҳамагӣ 15 фоизи қофияҳои «Ҳасани аробакаш» солиманду халос. Ҳамаи ин ҳодисаҳо ҳаргиз камбудии достон нестанд, балки инҳо маҳз ҳамон воситаҳое мебошанд, ки ба туфайли онҳо ҷиҳатҳои асосии характери қаҳрамони марказӣ, яъне кибру ғурур, худпарастӣ, ҷасорату паҳлавонӣ ва саргузашти ноҳамвори вай ҳам равшан, ҳам типию боварибахш инъикос ёфтаанд.

Ин таҷрибаи М. Турсунзода, яъне дар заминаи анъана ҷасурона навовариҳо намудан натиҷаҳои хуб дод ва ҳоло шоирони советии тоҷик навовариҳои нав татбиқ намуда, достонҳои барҷаста эҷод карда истодаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки шаклҳои навоварӣ дар достони муосири тоҷик пеш аз ҳама навигариҳои ҳаёти иҷтимоӣ, табиати методи реализми социалистӣ ва ша-

рофати таъсири адабиёти халқҳои бародар мебошад. Дар марҳилаи ҳозираи достонсароии тоҷик ҳодисаҳои тамоман нав мушоҳида мешавад, яъне навоварӣ боз ҳам бештар ба назар мерасад, ки инро ҳам дар масъалаи мундариҷа, ҳам дар масъалаи шакл дидан мумкин аст.

Инкишоф ёфтани достонҳои лирикӣ дар мавзӯъҳои гуногуни таърихӣ ва ҳаётӣ низ аз натиҷаҳои нави ҷустуҷӯҳои шоирон ба шумор меравад.

Метавон гуфт, ки мудохилаи ҷасуронаи Мирзо Турсунзода ба анъанаҳои достонсароӣ дар марҳилаи ҳозира бо роҳи солим инкишоф ёфта, боиси муваффақиятҳои калони эҷодӣ гашт. Достонҳои лирикии Мирзо Турсунзода, Мӯъмин Қаноат ва дигарон, ки аз муваффақиятҳои адабиёти советии тоҷик мебошанд, тимсоли барҷастаи навовариҳои фаъолонаи шоирон аст. Дар достонҳои лирикии адибони муосир, навоварӣ ҷои асосиро ишғол менамояд, аммо дар ин қабил достонҳо низ анъанаро тамоман инкор кардан мумкин нест. Ҳарчанд дар гузашта достонҳои лирикӣ маъмул набуданд, аммо муносибати қаҳрамони лирикӣ ба ҳаёти давр, мулоҳизаю андешаи ӯ ба ин ё он воқеаи ҳаётӣ ва ё фардӣ-индивидуалӣ, таассуроти ӯ аз ин ё он ҳодисаю воқеоти ҳаётӣ дар жанрҳои гуногуни адабӣ, чунончи, қасида, мусаммат, тарҷеот, ғазал ва ғайра баён мешуданд. Аммо бояд илова намуд, ки дар ин масъала низ то андозае навоварӣ мушоҳида карда мешавад, яъне агар мулоҳизаю андешаи қаҳрамони лирикӣ оид ба муносибату ҳодисаҳои ҳаётӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва ғайра ва таассуроти ӯ аз онҳо бештар хусусияти фардӣ-индивидуалӣ дошта бошад, дар достонҳои лирикии муосир аксаран хусусияти иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ доранд.

Ҳамчун ҳодисаи нав бояд илова намуд, ки дар достонсароии муосири тоҷик дар баробари давом кардани анъанаи маснавӣ (чунончи, «Писари Ватан», «Ҷони ширин», «Аз Ганг то Кремль», «Панҷи ноорэм», «Падар» ва ғ.) боз дар шаклҳои гуногун эҷод мешавад, яъне баъзе достонҳо аз бандҳое иборат мебошанд, ки

ин бандҳо ҳамчун анъана ё мураббаъ, ё мухаммасанд ва ғ. Инчунин, достонҳое низ ҳастанд, ки дар бандҳои онҳо аз ҷиҳати миқдори мисраъ қонунияти ягона риоя карда нашудааст. Ғайр аз ин, достонҳое низ ҳастанд, ки дар масъалаи қофиябандиашон умуман қонунияти маълум мавҷуд нест. Навовариии шоирон дар масъалаи вазни достон низ дида мешавад, ки ин масъалаи махсус аст.

## II. ҒАЗАЛ

Ғазал яке аз жанрҳои паҳншудатарини лирикаи тоҷик ба шумор меравад ва он ба адабиёти як қатор халқҳои дигар низ гузаштааст. Ин жанр, ки давраи дуру дарозро аз сар гузаронидааст, ба як қатор анъанаҳои мундариҷавӣ ва шаклӣ соҳиб шудааст, чунончи: 1) **мавзӯъ,** ки ишқ мебошад; 2) **ғоя** — садоқат дар муҳаббати поку беғаш ва илҳомбахш; 3) **образ, ки** маъмулан се навъ аст: а) маҳбуба, б) қаҳрамони лирикӣ, в) рақиб; 4) **қофия,** ки танҳо як шакл дорад: **аа, ба, ва, га...;** 5) **ҳаҷм** — одатан аз 7 то 12 байт мешавад; 6) **тахаллус.**

Чунин пиндоштан, ки анъанаҳои мазкур дар тамоми даврахои адабиёти асримиёнагӣ як хел ҳолат доштаанд, ғалат мебуд. Масалан, агар дар оғози адабиёти классикӣ мавзӯи марказии ғазал ишқи ҳақиқии инсонӣ бошад, дертар ин мавзӯъ тобишҳои нав, яъне ишқи ирфонӣ, ишқи илоҳӣ пайдо мекунад. Ғайр аз ишқ дар ғазал баъдтар мавзӯъҳои танқиду шикоят, ахлоқу фалсафа ва ғ. дохил мешаванд. Ё худ, муроди асосии шоири ғазалсаро — ситоиш кардани ҳусну малоҳат, нозу истиғнои маҳбуба мебошад: қаҳрамони лирикӣ ҳамеша ошиқи содиқ аст. Дар ибтидои адабиёти классикӣ миёни қаҳрамони лирикӣ ва маҳбуба баробарии нисбии маънавӣ мавҷуд бошад ҳам, қаҳрамони лирикӣ олиҳимматона мартабаи маъшуқаро баланд медонад. Тадриҷан

қадру манзалати маҳбуба торафт баланд меравад, аммо қаҳрамони лирикӣ — торафт паст.

Дар даврахои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик анъанаи ғазалсароӣ тадриҷан такмил ёфтааст. Ҳамчун қоидаи маъмулӣ навоварӣ бештар дар мундариҷаи ғазал ба амал меояд. Чунончи, агар дар асрҳои XI—XII дар ғазал ишқу муҳаббати оддии одамӣ, ҳусну ҷамоли маҳбуба ва фароғати қаҳрамони лирикӣ ба тарзи фараҳбахш инъикос мешуда бошанд, дар асри XIII дар ғазал ахлоқ, панду насиҳат пурзӯр мегардад, дар асрҳои XIV—XV бошад, ғояҳои тасаввуфию ирфонӣ дар ғазал бештар мақом мегиранд. Дар асри XV, махсусан XVI боз лирикаи ишқии инсонӣ мавқеи асосӣ ишғол менамояд, вале ин дафъа ҳоли қаҳрамони лирикӣ хеле вазнин ва риққатомез инъикос меёбад. Чунончи, идеали қаҳрамони лирикии Ҳилолӣ ба он қаноат мекунад, ки бо саги кӯи маҳбуба ҳамнишин бошад. Дар асри XVII ба доираи тематикаи ғазал зиндагӣ бо нафаси гарми худ дохил мешавад. Чунончи, Сайидо аз рӯзгори ҳунармандон ва одамони оддии замони худ ғазалҳо гуфта, образҳои сершумори ҳунармандона эҷод кардааст. Дар асри XVIII дар ғазал оҳангҳои фалсафӣ пурқувват мешаванд. Дар асри XIX, махсусан дар охирҳои он боз ҳам бештар дар лирикаи асри XX дар ғазал мавзӯъҳои иҷтимоӣ мавқеи калонро ишғол менамоянд.

Агар адибони маорифпарвар дар ғазалҳои худ ба масъалаҳои иҷтимоӣ каму беш дахл карда бошанд, адибони ибтидои асри XX аз ғазал барои ифода намудани масъалаҳои муҳими замонавӣ хеле хуб истифода намудаанд. Махсусан, ғазалҳои Лоҳутӣ ва Иқбол зинаи баландтарини тараққиёти ғазал ба шумор мераванд, чунки ин шоирон ғазалро ҳамчун як воситаи тавоноӣ ифодакунандаи мавзӯъҳои инқилобӣ, сиёсию таърихӣ ба кор бурдаанд. Ҳамчун навоварии бузурги ин шоирон қайд кардан зарур аст, ки онҳо ин жанри машҳури лирикии асосан ишқиро ҳамчун қолаби муассири хитобаҳо ба кор бурдаанд. Бешубҳа, ғазалҳои сиёсии иҷти-

мони Иқбол, Лоҳутӣ ва дигар ғазалсароёни пешқадам ҳам дар беҳбудии ҳаёти моддӣ ва ҳам дар вусъати олами мафкуравии халқҳои зиёде хизмати арзанда кардаанд ва карда истодаанд.

Доираи тематикии ғазал дар марҳилаи нави таърихӣ, яъне баъд аз ғалабаи социализм дар Тоҷикистон хеле васеъ мегардад. Ҳудуди ғоявии ғазалҳо ва моҳияти образҳои лирикӣ низ тағъир ёфтанд. Ҳоло нишэту ифтихори одами озод ва хуррамию маъмурии Ватани азиз тараннум мешаванд. Баробарию комилҳуқуқии маҳбубаи соҳибҷамолу соҳибихтиёр ва қаҳрамони лирикии ошиқи содиқ аз ғазалиёти шоирэни муосири тоҷик равшан мушоҳида мешавад.

Дар ғазалсароии муосири тоҷик ду равияро мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Миқдори зиёди ғазалҳое дучор мешаванд, ки ҳамчун анъана дар мавзӯъҳои ишқӣ суруда шудаанд ва бо тарзи образофарии анъанавӣ гуфта шудаанд. Дар ин навъ ғазалҳо М. Раҳимӣ, Б. Раҳимзода ва баъзе адибони дигар ба муваффақият бештар ноил шудаанд. Сабаби муваффақияти ин адибон дар он аст, ки онҳо равияи ғазалсароии анъанавиро хуб дарк карда, дар пайравии ҳамон услуб ва дар ҳамон қолаб образҳои шеърии бикр гуфтаанд. Ҳамчун намунаи ин қабил ғазалҳо шеърҳои М. Раҳимӣ — «Ошиқ шудам», «Машъалаи меҳр», «Шиканҷи зулф», «Турраҳои анбарин»-рэ номбар кардан мумкин аст. Ана ин ғазали Раҳимиро мулоҳиза фармоед:

Ин турраҳои анбарин макшо, дилу ҷон меравад,
Мӯят парешон мешавад, ҳушам парешон меравад.
Ин мӯи анбарсо чаро пурғозу пурпечу хам аст?
Охир, ба ҳар як печу хам сад ақл ҳайрон меравад!
Ду офати ҷон бофта, аз пешу пас партофта,
Худро дил он ҷо ёфта, барбаста бо он меравад.
Дуздида ҳисси ҳамдигар чашмони ту, чашмони ман,

Бар ҳамдигар доранд асар... эй дил ба ҷавлон
меравад.
Имрӯз агар бечора дил, афтода дар роҳат нарафт,
Албатта, фардо дар раҳат афтода, нолон меравад.
Дар боғи ту ҳоло дилам нақши гуле афкандааст,
Гар пой дар вай мениҳӣ, хораш ба домон меравад.
Ҳаргиз зи ман дурӣ макун, қурбони чашмонат шавам,
Аз омадат ҷон ояду аз рафтанат ҷон меравад!
Бо шеъри шириншеваш андар хиёбонҳои шаҳр,
Ҳар сӯ Раҳимӣ меравад, бо ёди ҷонон меравад.

(М. Раҳимӣ. Машъалаи меҳр. — Сталинобод, 1960, с. 79—80).

Аммо, мутаассифона, дар аксари ин қабил ғазалҳо шоирон асли моҳияти услуби ғазалсароии қадимиро ё пурра дарк карда натавонистаанд ва ё дар эҷодиши образҳои оригиналӣ оҷизӣ мекашанд, ки дар натиҷа аксари мутлақи ғазалҳо ҳусну таровате пайдо накарда, хусусияти тақлидии хушкро мегиранд.

2. Равияи дигари ғазалсароӣ иборат аз он аст, ки шоирони советии тоҷик анъанаҳои устодон Айнӣ ва Лоҳутиро дар шароити нав давому инкишоф дода истодаанд, яъне онҳо доираи тематикии ғазалро мувофиқи тақозои шароити таърихӣ васеъ карда истодаанд. Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ ва баъзе дигарон мавзӯъҳои гуногуни ҳаётӣ, ҳамчун ҳимояи Ватан, ободии мамлакатамон, озодии одами советӣ, муборизаи сулҳ ва ғайраро дохил намудаанд. Мутаассифона, ин равия чунонки бояд, алҳол тараққӣ накардааст. Мо намунаҳои нисбатан беҳтарини ин навъ ғазалҳоро танҳо дар эҷодиёти Ҳ. Юсуфӣ ва М. Турсунзода дида тавонем ҳам, ин жанр дар эҷодиёти шоирони мазкур мавқеи бузурге (нисбат ба жанрҳои дигар) надорад.

Ғазалҳои Ҳ. Юсуфӣ аз ҷиҳати нафосати ғоявӣ, образҳои шеърии оригиналӣ ва рӯҳбахш хеле хуб ва намунаи ибратанд. Аммо дар ин ғазалҳо шогирдии муаллиф ҳис карда мешавад, чунки дар забону услуби ин ғазалҳо

носуфтагӣ, норавонӣ ҳис карда мешавад. Ба тарзи дигар гӯем, маҳорати Ҳ. Юсуфӣ алҳол такмил наёфтааст ва шоир ҳамчун устоди ғазал ба камол нарасидааст. Аммо М. Турсунзода бошад, ба ин навъ норасоӣ тақрибан роҳ надодааст, бинобар ин, ғазалҳои ӯ ҳам аз ҷиҳати мавзӯю мундариҷа, ҳам аз ҷиҳати тарзи баён, забон хеле пухта мебошанд.

М. Турсунзода дар давраҳои гуногуни эҷодиёти худ махсусан, солҳои охир як силсила ғазалҳои хуби анъанавӣ ва замонавӣ гуфтааст, аммо бояд иқрор шуд, ки бинобар сабабҳои дигари эҷодӣ шоир ба жанри лирикии ғазал диққати якуминдараҷа надодааст. Бинобар, ин, наметавон гуфт, ки дар марҳилаи ҳозира ғазал ба зинаи нав расидааст, яъне ҳамон навъе ки эҷодиёти Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Сайидо, Ҳилолӣ, Бедил ҳар яке марҳилаи нави ғазалсароӣ мебошад, ғазал дар замони мо ба ҳамин гуна марҳилаи нави олӣ соҳиб нашудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки ғазал имконияти минбаъдаи тараққиёт надошта ва акнун аз миён мерафта бошад. Имкон дорад адиби забардасте пайдо шавад, ки тамоми анъанаҳои ғазалсароиро омӯхта, имкониятҳои нави ин жанри адабиро кашф кунад ва ба ин восита марҳилаи нави ғазалсаророиро ташаккул диҳад.

Бояд илова кард, ки навоварӣ дар шакли ғазал ҳам дида мешавад. Ғазал дар таърихи худ ба тағйироти шаклӣ низ дучор омадааст, вале ин тағйирот хеле суст, нонамоён ва ночиз сурат гирифтааст. Ба ин тағйирот метавон дохил кард, ки ғазал дар асри XI ҳамчун жанри адабӣ ташаккул ёфта бошад ҳам, дар давраҳои гуногун миқдори байтҳо тағйир меёбад, яъне дар як давра аз 5 то 7 байт бошад, дар давраи дигар аз 7 то 12 байт мешавад ва гоҳе ба 25—30 байт мерасад. Ҳамин навъ, агар устухонбандии ғазал дар асрҳои XIII, махсусан XIV хеле заиф бошад, яъне байтҳо бо ҳамдигар узван алоқаманд набошанд, дар давраҳои минбаъда сохти композиционӣ нисбатан устувор мешавад.

Тағйироти сеюми шаклӣ иборат аз ин аст, ки агар

дар давраҳои феодалӣ бинобар тақозои шароити конкрети ҳаётӣ дар ғазал байти тахаллус ба тарзи ҳатмӣ ба анъана табдил ёфта бошад, дар давраи нав байти тахаллус ҳатмӣ нест, яъне ин анъана қудрати худро гум кардааст. (Доир ба байти тахаллус боз таваққуф хоҳад шуд).

Ҳамчун тағйироти чорум дар шакли ғазал метавон қайд кард, ки миқдори ҳиҷои мисраъҳо дар марҳилаҳои аввали ғазалсароӣ кам бошад (аз ҷиҳати рукн бештар мураббаъ ва мусаддас), дар давраҳои охир, яъне дар давраи таназзули феодализм миқдори ҳиҷоҳо зиёд шуда, мисраъҳо тӯлонӣ мешаванд ва ғазалҳои бисьёреро дучор омадан мумкин аст, ки аз ҷиҳати тақтеъ мусамман мебошанд. Аммо дар давраи советӣ мисраъҳо асосан кӯтоҳ-кӯтоҳанд. Чунончи, аксари ғазалҳои шоирони советӣ дар шакли мураббаъ ва мусаддас гуфта шудаанд.

Ҳамин тариқа, дар давраи ҳозира дар ғазал дар қатори унсурҳои анъанавӣ, унсурҳои нав низ дохил шудаанд ва навоварӣ бештар дар мундариҷа ва қисман дар шакл ба амал омадааст.

Саволе ба миён меояд, ки чаро дар асрҳои XIII, махсусан, XIV сохти композиционии ғазал заиф мешавад?

Дар назарияи ғазал муҳаққиқони гузашта гуфтаанд, ки дар ғазал бояд байт бо байти дигар алоқа надошта бошад, «маънии байт бо байти дигар мавқуф набошад». Дар воқеъ, дар ғазалҳои Ҳофиз ва дигар ғазалсароён мебинем, ки байтҳо аз ҷиҳати маънӣ бо ҳам алоқаманд нестанд. Ҳатто дар дохили як ғазал якчанд мавзӯъ инъикос меёбад. Чунин ҳодиса ҳам мешавад, ки дар ғазал як мавзӯъ ҳамчун мавзӯи марказӣ инъикос меёбад, вале дар дохили байтҳо як ё якчанд байт дар мавзӯи тамоман дигар гуфта мешавад. Сабаби ин ҳодиса на дар адабиётшиносии гузашта, на дар адабиётшиносии муосир гуфта нашудааст. Аммо дар ин масъала метавон тахмин кард, ки яке аз сабабҳои ин ҳолат дар ҳаёти иҷтимоии давраҳои гузашта ҷойгир аст. Агар ғазалҳои

дар як мавзўъ гуфташуда ва дар дохили эн қисман ба мавзўи дигар ручўъшударо мулоҳиза кунем, чунин манзара ҳосил мешавад, ки аксари мутлақи ин қабил ғазалҳо асосан дар мавзўъҳои ишқию ирфонӣ эҷод шуда, қисман ба масъалаҳои ҳаётӣ ручўъ шудааст. Дар асоси ин ҳодиса метавон таҳмин кард, ки шоир дар дохили мавзўи бетараф, чунончи, ишқ, манзара, тасаввуф ва ғайра **мавзўи ҳаётӣю ичтимоиро** инъикос мекунад.

Барои он ки ғояи сиёсии ичтимоии шоир равшан ва назаррас баён нашавад, шоир матлаби марказии шеър, ғояи асосии худро ба воситаи ҳамагӣ як мисраъ ва ё як байт дар дохили ғазали калони ишқӣ ва ё манзаравӣ баён мекунад. Табиист, ки дар чамъияти антагонистӣ ва махсусан, феодализми Шарқ, ки деспотизм хусусияти он аст, кушэду равшан дахл кардан ба масъалаҳои таърихии ичтимоӣ ба шоир кулфатҳои зиёде меовард, бинобар ин суханвар ночор матлаби асосии худро дар дохили мавзўъ ва мазмунҳои дигари имконпазир пинҳон мекунад. Барои мисэл ғазали машҳури Сайидо «Шарбати висол аст ин» ва ғазали Шоҳпури Нишопурӣ «Рўзгор ошуфтатар...»-ро овардан мумкин аст.

Ин чи рангу рухсор аст? — Гулшани чамол аст, ин,
Ин чи қадду рафтор аст? — Ғояти камол аст ин.
Пеши рўи тобонат, чилваи тачаллӣ чист?
Офтобу моҳ аст он, партави ҳилол аст ин.
Бо даҳони майнўшат нест ғунчаро нисбат,
Чашмаи ҳаёт аст он, соғари сафол аст ин.
Мекунӣ гаҳ истиғно, мекунӣ гаҳе дашном,
Шишаи шароб аст он, шарбати висол аст ин.
Аз ту анчуман кардан, май зи хуни дил хўрдан,
Базми пойдор аст он, айши безавол аст ин.
**Аз замин чӣ мечўӣ, в-аз фалак чӣ меҳоҳӣ?**
**Гунбази тилисм аст он, чодари хаёл аст ин.**
Аз ғамат чу нақши по-хок мекунам бар сар,
Ваҳ чи рўзгор аст он, оҳ ин чи ҳол аст ин.
Ҳамнишин маро бо ту ҳар ки дид мегўяд,

Пири кӯҳнакор аст он, шӯхи хурдсол аст ин.
Ҳар куҷо ту мебошӣ, Сайидо бувад он ҷо,
Юсуфи Миср аст он, ҳинди хокмол аст ин.

(А. Мирзоев. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. — Сталинобод, 1947, с. 128).

Дар ғазали боло, ки аз нӯҳ байт иборат мебошад, ҳашт байт дар мавзӯи ишқ гуфта шуда, ҳамагӣ як байт (байти шашум) дар масъалаи конкрети зиндагӣ — сахтии ҳаёт, мушкилии гиреҳҳо, ҳатто кушоданашаванда будани онҳо гуфта шудааст. Вале ин шикояти шаккокона аз муҳит дар мағзи тасвирҳои шоиронаи ишқӣ пинҳон карда шудааст. Бояд гуфт, ки мазмуни чуқури иҷтимоии байт ва образҳои пухтаи шеърии он («замингунбази тилисм», «осмон-ҷодари хаёл») гувоҳӣ медиҳанд, ки байтулқасидаи ғазал ҳамин байт мебошад, яъне бунъёди шеърро ҳамин ду мисраъ ташкил додааст.

Агар Сайидо ғазали худро ба хотири байти «Аз замин чӣ меҷӯӣ, в-аз фалак чӣ мехоҳӣ?» иншо намуда бошад, Шоҳпури Нишопурӣ ғазалашро барои мисраи «Чашми ту хунрезтар, ё чарх, ё шамшери шоҳ?» таълиф кардааст, чунончи:

Рӯзгор ошуфтатар, ё зулфи ту, ё кори ман?
Зарра камтар, ё даҳонат, ё дили ғамхори ман?
Шаб сияҳтар, ё дилат, ё ҳоли ман, ё холи ту?
Шаҳд хуштар, ё лабат, ё лафзи гавҳарбори ман?
Назми Парвин хубтар, ё дурр, ё дандони ту?
Қомати ту росттар, ё сарв, ё гуфтори ман?
Васли ту дилҷӯйтар, ё шеърҳои нағзи ман?
Ҳаҷри ту дилсӯзтар, ё нолаҳои зори ман?
Меҳру маҳ рахшандатар, ё рои ман, ё рӯи ту,
Осмон гардандатар, ё хӯи ту, ё кори ман?
Ваъдаи ту кӯжтар, ё пушти ман, ё абруват,
Қавли ту беаслтар, ё бод, ё пиндори ман?
Сабри ман кам, ё вафои некувон, ё шарми ту?

Хубии ту бештар, ё андӯху темори ман?
**Чашми ту хунрезтар, ё чарх, ё шамшери шоҳ?**
Ғамзаи ту тезтар, ё тег, ё бозори ман?

(Т. Зеҳнӣ. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ. — Сталинобод, 1960, с. 105).

Агар дар ғазали Сайидо матлаби асосии иҷтимоии шоир дар дохили як байт нисбатан ошкоротар ифода ёфта бошад, Шоҳпури Нишопурӣ чунин матлабро дар матлаю мақтаи ғазал пинҳон намудааст. Мароми идеявии Шоҳпури Нишопурӣ боз ҳам пинҳонтар — дар шакли таҷоҳули ориф таҷассум гардидааст; шоир ҳолати ошуфтагии рӯзгорро дар аввали шеър—садри матлаъ бо ду калима зикр карда, барои ҳимояи худ дарҳол ба мавзӯи номамнӯи ишқ гурез мекунад, вале дар мисраи якуми мақтаъ онро конкрет месозад; боиси ошуфтагии рӯзгор шамшери шоҳ аст. Шоир барои ҳимояи худ, аз як тараф, имкониятҳои устухонбандии шеърро, аз тарафи дигар, таҷоҳули орифро моҳирона истифода намудааст.

Ин мисолҳо хулосаеро ба миён меоранд, ки яке аз сабабҳои дар якчанд мавзӯъ суруда шудани як шеър **тақозои иҷтимоӣ-таърихии замон** будааст.

Ғайр аз сабаби мазкӯри объективӣ, дар масъалаи заъфи устухонбандии ғазалҳои классикӣ, омили дигари вобаста ба субъект — шоирро низ хотиррасон кардан мумкин аст. Гап дар сари ин аст, ки маҳорату истеъдоди суханвар ҳар қадар бузургтару баландтар бошад, матонату яклухтии асари бадеӣ ҳамон андоза баланду барҷаста хоҳад шуд. Аз қудрати суханвар на танҳо асари мукаммали бадеӣ, балки ҳар як қисми таркибии он низ соҳиби мустақилияти матин мегардад (чунон ки «Шоҳнома»-и азим аз якчанд силсила фароҳам омадааст, ҳар силсила аз чандин достон иборат мебошад ва ҳар як достон, дар навбати худ, як асари том ва мустақилест). «Шеъри дилкаши Ҳофиз» ҳам (ба таъбири худаш) айнан ҳамин хел аст.

Дар ғазалҳои Ҳофиз, Сайидо ва дигар шоирони пешқадам доир ба ин масъалаҳо мисолҳои ҷолиби диққат хеле зиёданд.

**Масъалаи байти тахаллус.** Аксари муҳаққиқэне, ки оид ба байти тахаллуси ғазал таваққуф кардаанд, мегӯянд, ки оварда шудани байти тахаллус дар байти охирини ғазал ва ё яке аз байтҳои охир — аз унсурҳои асосии анъана дар ғазал мебошад, яъне ҳамчун анъана дар тамоми давраҳои адабиёти асримиёнагӣ давом мекунад. В. А. Эберман ақида дорад, ки ин ҳодиса анъанаи адабиёти тоисломист. Мувофиқи афкэри Е. Э. Бертельс ва А. Баузани тахаллус дар асри XI дар назми тасаввуфӣ шоеъ шудааст.

Баъзе муҳаққиқон қайд намудаанд, ки сабаби ин ҳодиса, яъне ҳамчун анъана дарҷ ёфтани тахаллуси шоир дар ғазал дар натиҷаи он ба вуҷуд омадаст, ки дар ҷамъияти феодалӣ аксари мутлақи мардум бесавод буданд ва шеърро хондаю навишта наметавонистанд. Барои он ки шеъри шоир гум нашавад ва бо шеърҳои шоирони дигар омехта нагардад, шоир номи худро бо ваҷҳи латифе зикр мекунад. Ин расм, мувофиқи тахмини Е. Э. Бертельс, дар таъсири фаъолияти ҳунармандон ҷорӣ шудааст, ки онҳо одатан «амали фалэнӣ»-гӯён имзои худро мегузоранд.

Ба фикри академик Ян Рипка, сабаби пайдоиши тахаллус омехта нашудани шеъри шоир бо моли дигарон аст. Аз рӯи гуфтаи А. Баузани, тахаллус бинобар эҳтиёҷоти муассир баён сохтани эҳсэсот хукми анъанаро гирифтааст. Ин ақида бештар қобили таваҷҷӯҳ мебошад.

Қонунияти ҷинси лирика ин аст, ки мазмуни ҳақиқати объективӣ ба воситаи эҳсосот ва андешаи қаҳрамони лирикӣ ифода мегардад; ҳар қадар ин воситаи ифода конкреттар—мазмун ҳамон қадар муассиртар. Номи м а н агар мазкур бэшад, албатта, бештар конкрет мешавад, чунончи:

Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол...

Агар ишораҳои парокандаи суханшиносони давраҳои гузашта ба ҳисоб гирифта шаванд ва инчунин ин ҳолат, ки дар давраҳои аввали ҳаёти феодалӣ, махсусан, дар асрҳои IX—X номи муаллиф дар рубоӣ, қитъа, қасида ва ғайра низ зикршудааст, ба ҳисоб гирифта шавад, тахмини академик А. Мирзоев дуруст мебарояд, ки ғазал дар ибтидо жанри конкрети адабӣ набуда, балки умуман порчаҳои шеърии ишқӣ будааст. Бинобар ин, метавон тахмин кард, ки дар давраҳои қадим дар эҷодиёти даҳонакии халқ гуфтани ном ва ё тахаллуси гӯянда ба ҳукми анъана дохил шуда будааст, яъне шоири халқӣ, ки хату савод надорад, мувофиқи табъу завқи худ порчаи шеърие мегӯяд, онро дар маъракаҳо месарояд ва барои он ки шахсияти гӯянда махлут нашавад, номи гӯянда низ зикр меёбад. Агар ин хел набошад, яъне гузоштани тахаллус дар шеър заминаи анъанавии халқӣ надошта бошад, дар давраҳои аввали адабиёту тоҷику форс байти тахаллус хеле бисьёр дучор намеомад ва ҷои омадани чунин байтҳо низ гуногун намешуд ва дар баъзе асарҳо такроран ҳам зикр намеёфт.

Тахаллуси шоир дар давраҳои аввал дар ғазал баъзан бо мазмуни ҷумлаи грамматикӣ бевосита мутобиқат намекунад, балки ҳамчун мухотаб ё калимаи туфайлӣ зикр мешавад, аммо дар давраҳои минбаъда тахаллус ба ҷумлаи грамматикӣ ҳамчун узви ҷудонашаванда дохил мегардад. Ин ҳодиса низ аз он шаҳодат медиҳад, ки овардани тахаллус дар шеър анъанаи қадимии халқӣ дорад.

Дар адабиёти советии тоҷик байти тахаллус хеле маҳдуд шудааст. Сабаби ин ҳолат дар чист?

Агар ақидаи «сабаби пайдоиши тахаллус — бесаводист» дуруст бошад, пас он бояд дар адабиёти муосир намешуд, лекин ҳоло тахаллус ҳам дар эҷодиёти шоирони куҳансол, ҳам дар эҷодиёти шоирони ҷавон дида мешавад. Ин давоми ҳамон анъанаи халқӣ аст, яъне ҳофиз вақте ки шеърро мехонад, намегӯяд, ки «шеъри

ман» аст, онро дар зимн зикр менамояд. Ғазал анъанаи бевоситаи халқӣ дорад, ана барои ҳамин имрӯз маҳдуд шудааст, аммо нест нашудааст.

Чаро байти тахаллус дар асарҳои эпикӣ маъмун нест, вале дар лирика хос аст? Чунки асарҳои лирикӣ ҳоло ҳам суруда, яъне тараннум карда мешаванд.

Дар ғазалҳои шоирони советии тоҷик сохти композиционӣ нисбатан устувор аст. Дар ҳақиқат, ғазалҳои шоирони советии тоҷик хусусиятҳои аҷиб доранд:

1. Мустаҳкамии алоқамандии байтҳо.
2. Маҳдудияти тематикии худи ғазал.

Дар як ғазал асосан як мавзӯъ инъикос меёбад, аммо агар ба ғайр аз мавзӯи марказӣ мавзӯҳои дигар инъикос ёбанд (чунин ҳолат дар ғазалҳои М. Турсунзода бештар ба назар мерасад), дар он ҳолат, аз як тараф, мавзӯъҳои иловагӣ бо мавзӯи марказӣ мутақобила набуда (чунон ки баъзан дар Ҳофиз, Сайидо дида мешавад), балки наздик ва бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд, аз тарафи дигар, гузариш аз як мавзӯъ ба мавзӯи дигар ба тарзи ногаҳонӣ ва ғайри чашмдошт набуда, балки оромона ва нонамоён аст. Масалан, тараннуми манзараи баҳорони Тоҷикистон дар ғазали М. М. Турсунзода «Чӯпон» бо мавзӯи дигар, яъне мавзӯи сулҳу осоиштагӣ ба тариқи пайваст инъикос меёбад ва ҷамъбаст мешавад. Ин ду мавзӯъ, яъне манзараи Тоҷикистони Советӣ ва масъалаи сулҳу амонии ҷаҳон бо ҳамдигар моҳиятан алоқаи узвӣ доранд, чунки халқи тоҷик ба мисли тамоми халқи советӣ ва ҳамаи одамони тараққипарвари олам толиби он аст, ки ҳаво ҳамеша софу манзара беғубору дилкаш бошад. Чунончи:

Чӯпон ба сари кӯҳу чаридан рама дорад,
Аз санг ба харсанг ҷаҳидан рама дорад.
Бӯи гули кӯҳию алафзори чарогоҳ
Дар панҷаи бодасту давидан рама дорад.

Чун абри сафеде, ки ғирифтаст фазоро,
Чодар ба сари сабза кашидан рама дорад.
Сарчашма занад ҷӯш, аз он барра кунад нӯш,
Аз ҷӯи сафобахш паридан рама дорад.
Дар дасти шубон чӯб-хитобест ба душман,
Гургон ба ҳаросанду рамидан рама дорад.
Чӯпон нигарад бо назари меҳр ба поён,
Аз қуллаи кӯҳсор ҳамидан рама дорад.
**Ишқу ҳаваси дидани ин манзари зебо**
**Ман дораму ту дориву дидан ҳама дорад.**

(М. Турсунзода. Асри ман. — Душанбе: Ирфон, 1974, с. 70).

Шоир дар мақтаби ғазали иқтибосшуда алоқамандии диалектикии оромию сукунати манзараи табиатро бо сулҳ хеле нозук баён намуда тавонистааст. Барои пурзӯр шудани таъсири эмоционалии ҷамъбасти ғоявӣ як ҳарфи бинои радифро тағьир додааст. Ин низ то андозае асоси анъанавӣ дорад, зеро намунаи он дар «Шикоят аз пирӣ»-и устод Рӯдакӣ вомехӯрад.

Бинобар ин, хулоса кардан мумкин аст, ки дар ғазалҳои равияи дуюми шоирони советии тоҷик, яъне он ғазалҳое, ки мутобиқан ба талаби замон ва муҳит суруда шудаанд, таносуби байни байтҳо нисбатан мустаҳкамтар аст. Агар ҷои байтҳои Ҳабиб Юсуфӣ ва Мирзо Турсунзода тағьир дода шаванд, композицияи онҳо халал меёбад, доираи қимати ғоявию тематикии он рахна мегардад. Аммо дар ғазалҳои равияи якум, яъне ғазалҳое, ки аз ҷиҳати услуб ва мавзӯю мазмун бештар хусияти анъанавӣ доранд, муносибати байни байтҳо нисбатан заиф мебошад.

## III. РУБОЙ

Рубоӣ ҳамчун жанри адабӣ таърихи қадима дорад. Мувофиқи ишораи сарчашмаҳо асосгузори жанри рубоӣ

устод Рӯдакӣ аст, аммо ин ривоят пурра қобили қабул набошад ҳам, инаш равшан аст, ки дар ташаккули жанри рубоӣ хизмати устод Рӯдакӣ бағоят бузург мебошад.

Рубоӣ сарчашмаи пурқуввати халқӣ дошта, дар он мисли ҳар як жанри дигар, анъанаҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

1. Анъанаҳои мундаричавӣ.
2. Анъанаҳои шаклӣ.

Аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявӣ рубоӣ чунин хусусият дорад, ки дар он фалсафаи зиндагӣ инъикос меёбад, оптимизм, ҳаётдӯстӣ, буньёдкорӣ, зебоии ботинӣ ва хусну ҷамоли одамӣ пафоси ғоявии онро ташкил медиҳанд. Образҳои рубоӣ — ҳам образи қаҳрамони лирикӣ, ҳам образи қаҳрамони шеър — маъмулан шахсони тавоно ва мӯҳташам мебошанд, онҳо бағоят муқтадир ва соҳибистиқлоланд.

Рубоиҳои Хайём, Ҳофиз, Бедил ва дигарон нишон медиҳанд, ки мавзӯи марказии рубоӣ — фалсафаи оптимистонаи ҳаёт буда, дар он масъалаҳои абадият ва ҷовидияти ҳаёт, бузургии одам таҷассум меёбанд. Инчунин аз рубоиёти адибони мутафаккир маълум мешавад, ки дар рубоӣ рационализм мавқеи муҳимро ишғол менамояд, яъне дар он масъалаҳо доир ба ҳаёт ба тариқи муҳокима баён мешаванд. Ба тарзи дигар гӯем, дар рубоӣ баён хусусияти объективизмро ба худ гирифтааст.

Дар масъалаи шакл бошад, рубоӣ дорои чунин анъанаҳост:

1. Аз ҷиҳати қофия рубоӣ ду тарзи қофиябандии анъанавӣ дорад: а) а а, б а, ки чунин рубоиро **хасӣ** мегӯянд: б) а а, а а, ки онро **рубоии тарона** меноманд.

2. Аз ҷиҳати забон. Рубоӣ аз ҷиҳати забон назар ба дигар жанрҳои лирикӣ дорои чунин хусусиятест, ки дар он калима ва таъбирҳои ҳаётии халқӣ бештар инъикос меёбанд. Забони рубоӣ ба забони оммавии халқӣ хеле наздик аст. Дар рубоӣ калима ва таъбирҳое, ки маънии духӯра доранд, яъне калима ва таъбирҳое, ки мазмун-

ҳои динӣ — ирфониро низ инъикос мекарда бошанд, тақрибан дида намешаванд.

3. Аз ҷиҳати устухонбандӣ. Рубоӣ аз нуқтаи назари композиция сохти бениҳоят устувор дорад. Дар адабиётшиносии муосир рубоиро **жанри минётурӣ** мегӯянд. Рубоиро барои он чунин мегӯянд, ки он ҳамагӣ аз чор мисраъ иборат буда, мазмуни том ва конкрети ҳаётии фалсафӣ дар як қолаби рехта ифода меёбад.

Архитектоникаи рубоӣ хеле мураккаб ва мустаҳкам мебошад. Дар мисраи якуми рубоӣ одатан ин ё он масъала баён мешавад, дар мисраи дуюм он масъала (аксаран ба воситаи образ) ба тарзи ғайричашмдошт инкишоф меёбад. Дар мисраи сеюм вазъияте, ки бо мазмуни мисраи якум зоҳиран алоқаи зич дорад, нисбатан оромона баён мешавад, вале дар мисри чорум мазмун дар шакли тезутунди ғайричашмдошт ҳал мешавад, яъне мисраи чорум дар масъалаи мундариҷаи идеявӣ мисраи ҷамъбасткунанда мебошад. Масалан, рубоии машҳури Ҳофизро мулоҳиза кунем, хусусиятҳои хоси композицияи рубоӣ равшан мешавад:

Бо май ба канори ҷӯй мебояд буд,
В-аз ғусса канораҷӯй мебояд буд.
Чун умри гаронмояи мо даҳ рӯз аст,
Хандонлабу тозарӯй мебояд буд.

Хусусияти архитектоникии рубоӣ азбаски хеле мураккаб мебошад, дар рубоӣ ба комьёбӣ муваффақ шудан ба ҳар як шоир муяссар намегардад. Танҳо ҳамон шоироне комьёб мешаванд, ки дар натиҷаи истеъдод, заковат ва меҳнати пурмашаққат тамоми асрори рубоӣ ва махсусан, архитектоникаи онро хуб азхуд карда бошанд.

4. Аз ҷиҳат вазн. Рубоӣ дар лирикаи тоҷик аз қабили он жанрҳои камшуморест, ки дар масъалаи вазн доираашон ба тарзи қатъӣ муайян мебошад. Рубоӣ дар ду шаҷараи ахрам ва ахраби баҳри ҳазаҷ гуфта меша-

вад, ки ҳар яке аз ин шаҷараҳо 12 шоха ё худ зиҳоф дорад, ки дар натиҷа ҷамъулҷамъ рубоӣ 24 навъи вазни баҳри ҳазаҷро доро мебошад. Тақтеи якуми вазни рубоӣ м а ф ъ ӯ л у н а с т, ки дар ин сурат ин шаҷара **аҳрам** мебошад. Баъзан мафъӯлун ба тағйирот дучор меояд, яъне ҳиҷои дароз ба ҳиҷои кӯтоҳ табдил мёбад ва мафъӯлун м а ф ъ ӯ л у мешавад, ки дар ин сурат ин шаҷара **ахраб** ном мегирад.

Вазни рубоӣ дар асоси эҷодиёти даҳонакии халқ бунёд ёфтааст, бинобар ин, ин вазн ба тарзи комил зодаи табъу завқи эстетикии халқҳои тоҷику форс мебошад. Сарчашмаи халқии рубоиро ҳеҷ яке аз муаллифон инкор накардаанд. Ҳатто дар ривояти машҳури ба Рӯдакӣ нисбат доштани рубоӣ низ гуфта мешавад, ки Рӯдакӣ дар пайравии суханони зерини кӯдаке:

Ғалтон-ғалтон ҳамеравад то лаби кӯз—вазни рубоиро мавзун кардааст.

Дар масъалаи вазни рубоӣ таъкид кардан лозим аст, ки ин вазн бо мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии рубоӣ ба дараҷаи аъло мувофиқат мекунад. Оҳанги оптимистонаи мундариҷаи рубоӣ бо вазни мутантани он табиатан як мешавад. Рубоӣ ҳамеша ва ё ин ки дар аксари мутлақи мавридҳо бо ду ҳиҷои дароз оғоз мёбад ва умуман дар рубоӣ назар ба дигар жанрҳои адабӣ ҳиҷои дароз бештар истифода мешавад. Аз тарафи дигар, дар рубоӣ ҳиҷоҳо миқдоран зиёд нестанд. Мисраъҳои рубоӣ одатан аз 12—13 ҳиҷо иборат аст. Аз тарафи сеюм, дар рубоӣ аксаран ду ҳиҷои кӯтоҳ паи ҳам меояд, ки дар натиҷа оҳанг хусусияти ҷиддии сифатӣ пайдо мекунад ва шукӯҳу тантана ҳис карда мешавад.

Хулоса, рубоӣ ҳамчун жанри анъанавӣ як навъи паҳншудатарини лирикаи адабиёти хаттӣ ва даҳании тоҷик ба шумор меравад. Боиси шӯҳрат ва эътибори рубоӣ, аз як тараф, табиати хоси мундариҷаи ғоявии рубоӣ бошад, аз тарафи дуюм, оҳанги махсуси мутантани он ва аз тарафи сеюм, мувофиқати томи тамоми унсурҳои шакл бо мундариҷаи рубоӣ мебошад.

Рубой дар назми советии тоҷик низ давом мекунад. Азбаски анъанаҳои рубой ҳам дар мундариҷа, ҳам дар шакл бағоят тараққикарда ва устуворанд, навоварӣ дар дохили он тақрибан ба амал наомадааст. Бо вуҷуди ин гуфтан мумкин нест, ки дар рубой фақат анъана давом мекунад. Шоирони советии тоҷик махсусан, устод Лоҳутӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ доираи анъанаҳои рубоиро аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷа васеътар кардаанд.

Масъалаи дахолати фаъолонаи шахс ба ҳаёт агар дар рубоисароии тоинқилобӣ хеле заиф бошад, ин масъала дар назми Лоҳутӣ хеле пурзӯр мегардад. Дар рубоиёти Лоҳутӣ одам на танҳо фаъол аст, балки вай фаъоли инқилобист, вай дигаркунандаи ҳаёт мебошад. Ба тарзи дигар гӯем, агар дар рубоиёти классикӣ одам бо ҳаёт оқилона то андозае созиш мекарда бошад ва барои баҳраманд шудан аз ҳаёт кӯшиш мекарда бошад, дар назми Лоҳутӣ одам (одами заҳматкаш) кӯшиш мекунад, ки **ҳаётро мувофиқи табъи** дили худ аз нав созад, онро ба коми дили худ гардонад.

Ҳамин навъ вусъати тематикии рубой дар эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ низ дида мешавад. Юсуфӣ дар маркази тематикии рубой Ватанро мегузорад. Агар шоирони пеш фақат гоҳ-гоҳе дар рубой Ватанро тараннум карда бошанд, Юсуфӣ асосан Ватанро таранум менамояд.

Кӯшиши А. Лоҳутӣ ва Ҳ. Юсуфӣ дар хусуси такмили доираи тематикии рубой комилан мусбат мебошад, зеро дахолати ҳарду адиб ҳам ба тематикаи рубой, аз як тараф, мувофиқи талаби давру замон ба амал омада бошад, аз тарафи дуюм, ин навовариҳои ғоявӣ ҳам бо талаботи мундариҷавии рубой ва ҳам бо табиати қонунҳои шаклии он ба дараҷаи аъло мувофиқ меоянд, чунки ҳам мубориҷаи инқилобӣ ва ҳам ватанпарварии советӣ табиати патетикаи баланд ва тобиши мутантан дорад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки анъанаҳои рубой ба воситаи эҷодиёти ин адибон тараққӣ карда, ба зинаҳои нав соҳиб шудааст. Аммо, мутаассифона, дар айёми мо шоирони советии тоҷик анъанаҳои Лоҳутӣ

ва Юсуфиро дар мархилаи нави таърихӣ алҳол такмил надода истодаанд.

Шоирон М. Раҳимӣ, А. Шукуҳӣ, Лоиқ дар як давраи муайяни эҷодиёти худ ба таълифи рубоӣ ҷиддан машғул шуда, китобҳои рубоӣ таълиф намудаанд. Ин шоирон дар эҷоди силсилаи рубоӣ аз мундариҷаи ғоявии эҷодиёти даҳонакии халқ ва адибони гузашта илҳом гирифтаанд, бинобар ин, ин адибон дар атрофи масъала ва мавзӯъҳои кайҳо анъанашуда эҷод намудаанд. Дар худи ҳамин ҷо камбудие мавҷуд аст ва маҳз ҳамин камбудӣ боиси он мегардад, ки адибон ба муваффақиятҳои барҷаста камтар ноил шаванд.

М. Раҳимӣ ва А. Шукӯҳӣ бештар дар масъалаҳои ишқу ошиқӣ рубоӣ гуфтаанд, Лоиқ асосан ҳамчун Хайём дар масъалаҳои фалсафаи ҳаёт рубоӣ сурудааст. Ҳамаи ин шоирон, бешубҳа, то андозае ба муваффақият ноил шудаанд. Махсусан, Лоиқ дар эҷоди рубоӣ маҳорати оригиналии худро нишон дода тавонист. Мутаассифона, ҳеҷ яке аз ин шоирон рубоиро ба зинаи нави тараққиёташ расонда натавонистанд. Камбудии ин адибон дар он аст, ки онҳо ба мисли А. Лоҳутӣ, Ҳ. Юсуфӣ масъалаи муҳимтарини замонро ба воситаи рубоӣ гуфта натавонистанд. Чунон ки маълум аст, ҳоло бузургӣ ва иқтидори одами советӣ, бунёди ҷамъияти коммунистӣ, муборизаи сулҳ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарини замон ҳисоб меёбанд ва ин масъалаҳо бо хусусиятҳои хоси услубии рубоӣ пурра мувофиқат мекунанд. Аммо, мутаассифона, рубоисароёни муосири тоҷик ин мувофиқатро алҳол ба амал наоварда истодаанд.

## IV. ДУБАЙТӢ

Дубайтӣ низ аз жанрҳои қадимаи лирикаи халқӣ ба шумор меравад. Дубайтӣ аз ҷиҳати қофия, миқдори мисраъ ва то андозае аз ҷиҳати сохти композиционӣ ба

рубой монанд аст, аммо аз ҷиҳати вазн ва пафосу ғоя аз рубой фарқ мекунад.

Дубайтӣ танҳо як вазн дорад ва он ҳазаҷи мусаддаси мақсур (маҳзуф) мебошад: мафоӣлун мафоӣлун фаӯлун (ё фаӯлон).

Аз ҷиҳати мавзӯъю мундариҷа дубайтӣ чунин хусусият дорад, ки дар он масъалаҳои ишқӣ, фалсафӣ, шиквой ва ғ. ба воситаи эҳсосот ва ҳаяҷоноти қалбии қаҳрамони лирикӣ инъикос мешаванд. Бинобар ин, дар тарзи баёни дубайтӣ риққати қалбӣ, афтодагӣ, яъс бештар хос мебошанд. Агар дар рубой объективизм, рационализм ва оптимизм бештар хос бошанд, дар дубайтӣ мазмун тобиши субъективию пессиммистӣ пайдо кардааст: эмоционализм хоси дубайтист. Шоир дар дубайтӣ таассуроти риққатомези худро аз масъалаҳои ҳаётӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва ғ. баён мекунад. Ҳамин оҳанги ғоявии дубайтӣ бо вазни он пурра мутобиқат мекунад, чунки вазни номутантан, равон ва ҳазину якнавохти (мафоӣлун мафоӣлун фаӯлун) табиати мазмуни андӯҳомез ва ғояи афтодагиро дуруст ифода менамоянд.

Дар маркази дубайтӣ образи қаҳрамони лирикӣ қарор гирифтааст; образҳои дигари лирикӣ нисбат ба рубой маҳдуд мебошад.

Агар мо ба таърихи адабиёт ва дубайтиҳои халқӣ назар андозем, ақидаҳои боло дар бораи хусусиятҳои ғоявию услубии дубайтӣ равшан мешавад, чунки шоирони мутасаввуф ва ё адибони дар ҷаҳонбинӣ камиқтидор бештар дубайтӣ гуфтаанд ва аксари мутлақи дубайтиҳои халқӣ низ мазмунҳои ғарибӣ, шиквой, ишқи ноком ва монанди инҳоро ифода менамоянд, аммо пешқадамтарин адибони давраҳои гузашта рубой зиёд гуфтаанду дубайтӣ кам.

Дар даврai советӣ баъзе шоирони тоҷик, ҳамчун Лоҳутӣ, Раҳимӣ, Шукӯҳӣ ва баъзе дигарон дубайтӣ гуфтаанд. Дар адабиёти советии тоҷик дар масъалаи дубайтӣ бештар аз ҳама устод Лоҳутӣ муваффақ шуда-

аст. Вай дар дубайтӣ эҳсосоти нафиси худро аз ишқи пок, таассуроташро аз ҳастӣ, аз ҳаёти хуррам баён намудааст.

## V. МУСАММАТ

Дар лирикаи тоҷик мусаммат аз қабили он жанрҳое мебошад, ки заминаи қадимаи халқӣ дошта бошад ҳам, нисбатан дертар, яъне дар асрҳои XI ва минбаъд ҳамчун жанри мустақили адабӣ ташаккул ёфтааст. Дар масъалаи ташаккули мусаммат санъати бадеии саҷъ роли асосӣ мебозад, зеро ин санъат дар марҳилаи минбаъдаи тараққиёти худ вазифаи навро иҷро менамояд, яъне байтро ба чор пораи баробар тақсим мекунад. Аввалҳо шоирон барои боз ҳам мавзунтар ва хушоҳангтар адо кардани ин ё он байти бештар ҷолиби диққат дар дохили шеър онро ба воситаи саҷъ ба чор пораи баробар тақсим мекарданд. Чунончи, Рӯдакӣ гуфтааст:

Бихандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,
Бигирьяд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.
Зи оби ҷӯй ҳар соат ҳаме бӯи гулоб ояд,
Дар ӯ шустаст, пиндорӣ, нигори ман рухи гулгун.

(Рӯдакӣ. Шеърҳо. — Душанбе: Ирфон, 1974, с. 31).

Дар байти якуми ин порча як навъи назми мусаҷҷаъ ба кор бурда шудааст. Дертар шоирон ин воситаи ифодаро такмил дода, онро дар саросари шеър ба тарзи қатъӣ риоя намудаанд. Чунончи, дар асоси байтҳои ғазал шеъре пайдо мешавад, ки ҳар як байти он шакли ду байтро мегирад. Адабиётшиносон ин навъи шеърро мусаммат номидаанд, зеро пораҳо, тарафҳо, самтҳо ҳам дар масъалаи вазн, ҳам дар масъалаи қофия бо ҳамдигар баробаранд.

Ҳамин навъ дар марҳилаи аввали пайдоиши мусаммат бештар ду навъи он, яъне мураббаъ ва мусаммаи

ривоҷ ёфта, минбаъд навъҳои дигари он пайдо мешаванд. Ҳамин тариқа, мусаммат силсилаи шеърҳое мебошанд, ки ҳар яке аз бандҳои с е-, ч о р-, п а н ҷ-, ш а ш-, ҳ а ф т-, н ӯ ҳ- ва д а ҳ м и с р а ъ г ӣ иборат мебошанд.

Ин силсила чунин қонунияти муштарак дорад, ки дар ҳамаи онҳо ҳамаи мисраъҳои банди якум қофияи ягона дошта, дар ҳар як банди минбаъда тамоми мисраъҳо, ба истиснои мисраи охирин, қофияи алоҳида доранд, вале ҳамаи мисраъҳои охирини ҳамаи бандҳо аз ҷиҳати қофия ба банди якуми шеър тобеъ аст.

Ба навъҳои мусаммат бинобар миқдори мисраъҳои бандҳо номҳои алоҳида гузошта шудаанд, чунончи:

1. Мусаммати **мусаллас** (а а а, б б а, в в а...),
2. Мусаммати **мураббаъ** (а а а а, б б б а, в в в а...),
3. Мусаммати **мухаммас** (а а а а а, б б б б а, в в в в а...).
4. Мусаммати **мусаддас** (а а а а а а, б б б б б а, в в в в в а...),
5. Мусаммати **мусаббаъ** (а а а а а а а, б б б б б б а, в в в в в в а...),
6. Мусаммати **мусамман** (а а а а а а а а, б б б б б б б а, в в в в в в в а...),
7. Мусаммати **мутассаъ** (а а а а а а а а а, б б б б б б б б а, в в в в в в в в а...),
8. Мусаммати **муашшар** (а а а а а а а а а а, б б б б б б б б б а, в в в в в в в в в а...).

Аз ҷиҳати назария ҳамин ҳашт навъи мусаммат имконпазир аст, вале дар таърихи адабиёт мусаллас, мураббаъ, мухаммас, мусаддас ва мусамман caристеъмол буда, навъҳои мусаббаъ, мутассаъ ва муашшар тақрибан истифода нашудаанд.

Аз ҷиҳати шакл мусамматҳо қонунияти дахлнопазири анъанавӣ доранд, ки ин, аз як тараф, риоят намудани миқдори ягонаи мисраъҳо дар ҳамаи бандҳо,

аз тарафи дигар, риоя намудани сохти қофиябандӣ (ҳам банди якум ва алоқамандии он бо мисраъҳои охирини ҳамаи бандҳои оянда ва ҳам қофияи дохилии ҳар як банди оянда) ҳисоб меёбанд.

Аз ҷиҳати мавзӯю мазмун мусаммат ба мисли ғазал, рубоӣ ва монанди инҳо мавзӯи ягонаи марказӣ надорад. Аз эҷодиёти Манучеҳрӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигар мусамматсароён маълум мешавад, ки дар ин жанри адабӣ бештар манзара, ишқ, кайфияти қаҳрамони лирикӣ ва қисман масъалаҳои иҷтимоӣ инъикос меёфтаанд.

Дар давраи советии адабиёти тоҷик, аз як тараф, мусамматҳои анъанавӣ давом мекунанд, яъне шоирони советии тоҷик мусамматҳое гуфтаанд, ки дар онҳо тамоми қонунҳои мусамматсароии анъанавӣ риоя карда шудааст, аз тарафи дигар, шоирони советии тоҷик дар мусаммат навовариҳои зиёде дохил намудаанд. Ин навовариҳоро ҳам дар мундариҷа ва ҳам дар шакл дидан мумкин аст.

Навовариҳои шоирони советии тоҷик дар масъалаи мундариҷа иборат аз он аст, ки онҳо дар қатори мавзӯъҳои анъанавӣ боз дар ситоиши Ватан, васфи Октябрь, Партияи Коммунистӣ, доҳӣ, ҳаёти социалистӣ, меҳнат ва ғ. мусамматҳо гуфтаанд.

Навоварии шоирони советии тоҷик дар мусаммат бештар аз ҳама дар шакл мушоҳида мешавад. Тағйироти шаклӣ аз инҳо иборатанд;

I. Бандҳои мусаммат агар аз рӯи анъана бо ҳамдигар алоқаманд бошанд, ҳоло дар як гурӯҳ мусамматҳо мустақиланд, яъне мисраъҳои охирини бандҳо ба банди якум аз ҷиҳати қофия тобеъ намебошанд.

II. Агар аз рӯи анъана мисраъҳои бандҳо ба истисноӣ мисраи охирин як қофияи алоҳида дошта бошанд, ҳоло ин қоида риоя намешавад. Умуман ягонагии қофия дар бандҳои мусаммат дида намешавад.

III. Агар аз рӯи анъана дар саросари мусаммат бандҳо миқдори муайяни мисраъро дорo бошанд, ҳоло мусамматҳое дида мешаванд, ки бандҳо аз ин нуқтаи

назар гуногунанд, яъне як банд се мисраъ бошад, банди дигар шаш мисраъ мешавад ва г.

Саволе ба миён меояд, ки мусаммат чаро ба ин гуна тағьирот дучор шудааст? Мусаммат ҳамчун жанри анъанавӣ дорои як қатор имкониятҳо мебошад, ки баъзеи онҳоро аз назар гузаронидан мумкин аст.

1). Як мавзӯи лирикӣ дар мусаммат мукаммал ва нисбатан ҳаматарафа ҳал мешавад.

2). Мусаммат имконият дорад, ки як мавзӯъ ва мазмуни комил ба порчаҳо тақсим карда шавад ва ҳар як порча дар як банди мусаммат ғунҷоиш ёфта метавонад.

3). Азбаски ҳамаи мисраъҳои як банд ба истисноп мисраи охирин қофияи ягона доранд ва аксаран ҳамроҳи қофияҳо радиф ҳам меояд, як порчаи алоҳидаи мазмунан том ба тарзи муассир, мураттаб ва мавзун инъикос меёбад.

4). Мисраъҳои охирини бандҳо, ки бо банди якум ҳамқофия мебошанд, имконият медиҳанд, ки ҳар як порчаи мазмун ва ҳар як лаҳзаи мавзӯъ, ки дар банди якум хотиррасон шуда буд, бо бандҳои минбаъда алоқаманд карда шаванд. Ин боиси ягонагии устувори шеър мегардад.

Ҳамин тариқа, мусаммат дорои як сохти муайян ва қатъии композиционӣ гардида буд, аммо дар замони мо шоирони советии тоҷик ҳамин имкониятҳоро то андозае васеътар намуданд. Чунончи, дар ҳар як банд мазмуни нисбатан мустақилро ҷой намуданд, аз тарафи дигар, бинобар он ки як порчаи як мазмуни том аз порчаи дигараш нисбатан хурдтар ё калонтар буда метавонад, миқдори мисраъҳоро тағьир доданд, ки дар натиҷа имконияти ҳашв барҳам мехӯрад. Инчунин, қолаби ягона (дар мисоли ягонагии миқдори мисраъҳо ва қофия дар мусамматҳои анъанавӣ) баъзан бинобар якрангӣ ва якнавохтӣ таъсири эмоционалии шеърро заифтар мекарданд, аз ин рӯ, ин қонун низ ба тағьирот дучор омад. Дар натиҷаи гуногун шудани миқдори мисраъ ва қофия диққати хонандаю шунавандаро на танҳо раво-

нӣ, мавзуӣ ва хушоҳангӣ, балки бештар мазмуни ифодашаванда ва ғояи марказӣ ҷалб менамоянд.

Ҳамчунин, азбаски аз рӯи анъана ҳамчун принцип дар миқдори муайяни мисраъҳо қофияи ягонаро риоя кардан лозим аст, шоир хоҳу ноҳоҳ маҷбур мешавад, ки баъзе қофияҳоро на аз рӯи тақозои мазмуни ифодашаванда, балки аз рӯи зарурат ба кор барад, ки дар натиҷа, ягонагии томи мундариҷаю шакл гоҳе вайрон карда мешуд, вале аз рӯи тартиботи нав ин навъ имконият барои вайрон гардидани қонуни мазкур вуҷуд надорад.

Бояд таъкид намуд, ки мутаассифона, баъзе шоирони муосир табиат ва моҳияти тағйироти мусамматро дуруст дарк накарда, онро субъективона, аз рӯи ҳавову ҳавас истифода менамоянд, ки дар натиҷа ин гуна шеърҳо қимати дурусти ғоявӣ ва бадеӣ-эстетикӣ пайдо карда наметавонанд. Дар адабиёти советии тоҷик агар устод Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мӯъмин Қаноат асосан шаклҳои нави мусамматро бомуваффақият, яъне аз рӯи талаботи ғоя, мавзӯъ ва мазмун ба кор бурда бошанд, баъзе шоирони дигар навовариҳои ноӯҳдабароёна ва ношоиста содир намудаанд.

## VI. ТАРҶЕОТ

Тарҷеот низ аз ҷумлаи он жанрҳое мебошанд, ки дар марҳилаи минбаъдаи тараққиёти адабиёти тоҷик пайдо шудаанд. Намунаҳои аввалини тарҷеот дар осори Масъуди Саъди Салмон дида шаванд, дар эҷодиёти Саъдӣ ин навъ хеле инкишоф ёфтааст.

Тарҷеъ — чунин шеъре мебошад, ки он аз дастаи ғазалҳое фароҳам меояд, ки дар як мавзӯъ, дар як вазн ва қофияҳои гуногун гуфта шудаанд ва бо ҳамдигар ба воситаи як байт алоқаманд мешаванд. Ин байти алоқа-

чиро адабиётшиносон **байти восита, банди восила, байти банд** меноманд. Байти восила се навъ мешавад:

1. Баъд аз ҳар як порча айнан такрор меёбад.

2. Баъди ҳар як порча ҳам мазмунану ҳам шаклан тағьир меёбад.

3. Аз ҷиҳати мазмун тағьир ёфта, вале дар қофияи ягона гуфта мешаванд ва агар ҳамаи байтҳои восита ҷамъ карда шаванд, як ғазали комил хосил шуда метавонад.

Вобаста ба чигунагии байти восита ба тарҷеот номи алоҳида гузоштаанд, яъне агар байти восита айнан такрор шавад, чунин шеърро **тарҷеъбанд,** агар дар ҳар маврид тағьир ёбад, **таркиббанд** меноманд. Аммо навъи сеюм дар таърихи адабиёт, метавон гуфт, ки истифода нашудааст ва он ном ҳам надорад. Сабаби ин ҳодиса дар он аст, ки аз як тараф, дар як қофия дар ҳар маврид мазмунан байти воситаи дигар гуфтан мушкилии муайяне пеш орад, аз тарафи дигар, ин усули баён бо ифодаи ғоя, ҳалли мавзӯъ, инъикоси мазмуни умумии шеър таносуби судбахш надорад.

Тарҷеот ба мисли мусаммат аз нуқтаи назари мавзӯъ қонунияти махсус надорад, вале ба ин жанр чунин хусусият хос аст, ки дар он эҳсосоти қалбии қаҳрамони лирикӣ, таассуроти ӯ аз ин, ё он ҳодисаи ҳаётӣ ва андешаю мулоҳизаи вай доир ба онҳо нисбатан батафсил ва муассир баён карда мешавад. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои жанрии тарҷеот — инъикоси таассуроти яклухт аст, ки меҳвари асосии он дар байти восила ифода меёбад.

Тафовути ин жанр иборат аз ин аст, ки шоир аз эҳсосот ва андешаи баёншаванда нуқтаи марказиро ҷудо менамояд ва онро ҳар сари чанд вақт такрор менамояд (дар тарҷеот), ё худ шоир аз ҳар як порчаи мазмуни умумӣ ва ҳар лаҳзаи мавзӯи инъикосшуда дар охири банд масъалаи асосиро ҳамчун хулоса ҷудо менамояд. Аз ин нуқтаи назар, аз як тараф, тарҷеот барои баёни муфассали эҳсосоти қаҳрамони лирикӣ им-

конияти мусоид дошта бошад, аз тарафи дигар, барои такроран таъкид намудани ғояи марказии шеър ва хулосаҳои умумии мундариҷавӣ имконияти хеле хуб дорад.

Дар таърихи адабиёти давраи феодалӣ хеле шоирон тарҷеот гуфтаанд, вале нуфузи тарҷеот баробари ғазал, рубой ва мисли инҳо васеъ набуда, балки маҳдуд мебошад. Аз тарафи дигар, на ҳамаи шоирони тарҷеот гуфта ба муваффақият ноил шудаанд. Сабаби ин ҳолат ба мураккабии сохти композиционии тарҷеот, аз як тараф, ба қадру қимати эҳсосоти типӣ ва арзиши ғоявии он, аз тарафи дигар, вобаста мебошад, чунки дар як мавзӯи муҳимми ҳаётӣ ба воситаи эҳсосот ва андешаи қаҳрамони лирикӣ дар як вазн эҷод намудани як силсилаи ғазалҳои алоқаманд аз шоир ҳам истеъдод ва ҳам машаққати зиёди фикриро талаб мекунад. Бесабаб нест, ки дар ин жанр танҳо Масъуди Саъди Салмон, Саъдӣ, Навоӣ барин шоирони соҳибистеъдоди ҳассос муваффақ шудаанд.

Барои мисол чанд банди марсияи Навоиро дар ҳаққи Ҷомӣ, ки дар он тамоми имкониятҳои жанри тарҷиббанд барои ифодаи мувофиқтарини мақсад устодона ба кор бурда шудаанд, овардан мумкин аст:

Ҳар дам аз анҷумани чарх ҷафои дигар аст,
Ҳар як аз анҷуми ӯ доғи балои дигар аст.
Рӯзу шабро, ки кабуд асту сияҳ ҷома дар ӯ
Шаб азои дигару рӯз азои дигар аст.
Балки ҳар лаҳза азоест, ки аз дашти адам,
Ҳар дам аз хайли аҷал гарди балои дигар аст.
Ҳаст мотамкадае даҳр, ки аз ҳар тарафаш
Дуди оҳи дигару нолаву вои дигар аст.
Оҳи ӯ ҳаст ба дил тирагӣ афзоянда,
Вои ӯ низ ба ҷон яъсфизои дигар аст.
Гули ин боғ, ки садпора зи мотамзадагист,
Ҳар яке сӯхтаи ҷома-қабои дигар аст.
Оби ӯ заҳру ҳавояш мутааффин, чӣ аҷаб,

Ки дар ин марҳала ҳар лаҳза вабои дигар аст.
Аҳли дил майл сӯи тулшани қудс овардаид,
Ҳаст аз он рӯ, ки дар ӯ обу ҳавои дигар аст,
Назди арбоби яқин дори фано ҷое нест,
Ватани аслии ин тоифа ҷои дигар аст.
**З-он сабаб масти маи ҷоми азал орифи Ҷом,**
**Сархуш аз дори фано сӯи ватан кард хиром...**
Ту бирафтию дили халқи ҷаҳон зор бимонд,
То қиёмат ба фироқи ту гирифтор бимонд.
З-оташи оҳи дили сӯхтагон то ба абад —
Дудҳо дар хами ин гунбази даввор бимонд.
Аҳли тавҳид, ки бе муршиди комил гаштанд,
Садашон мушкили ҳалношуда дар кор бимонд.
Соликонро, ки камоли ту расидӣ ба сулук,
Аҷзҳо дар равишу нуқс дар атвор бимонд.
Уламоро, ки шудӣ машъали меҳр аз ту мунир,
Тира шуд машъалу то ҳашр шаби тор бимонд...
На ки сад хори алам дар дили аҳрор халид,
Ки дусад хори ситам бар тани аброр бимонд.
Толибонро равиши роҳи фано рафт зи даст,
Ҳар яке дар паси сад пардаи пиндор бимонд.
**Чи тазалзул, ки зи фавти ту дар айём афтод,**
**З-он тазалзул чӣ халалҳо, ки дар ислом афтод.**

(Алишер Навоӣ. Хамсат-ул-мутаҳайирин. — Сталинобод, 1961, с. 79—81).

Аз ҷиҳати мавзӯъ бояд илова кард, ки тарҷеот дар бораи ҳодисаҳои ҳаётӣ, манзара, ишқ ва ғайра, ки қаҳрамони лирикиро аз ин ё он ҷиҳат ба ваҷду риққат овардаанд ва дар айни замон ҳодисаи ибратангези ҳаётӣ ба шумор меравand, эҷод мешаванд. Барои мисол тарҷеъбанди Абдурахмони Ҷомиро аз назар гузаронидан мумкин аст:

Эй рӯи ту моҳи оламорой,
Чун моҳ зи парда рӯй бинмой!

Чун турраи ту шикастаҳолем,
Бар ҳоли шикастагон бубаҳшой.
Гуфтӣ суханеву лаб газидӣ,
Тӯтӣ набувад чунин шакархой.
Холи ту балои ҷонписанд аст,
Бар лаб хати анбарин маяфзой.
Аз гирьяи сахт сӯхт ҷонам,
Ширин лаби худ ба ханда бикшой.
Ту ҷой даруни ҷон гирифта,
Ман меҷӯям туро ба ҳар ҷой.
То пой бувад, раҳи ту пӯям,
В-ар дар раҳи ту дароям аз пой,

Биншинаму бо ғами ту созам,
Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозам.

Мӯе шудам аз ғами миёнат,
Мурдам зи ду чашми нотавонат.
Ҷонам ба лаб омаду надидам,
Коме зи лаби шакарфишонат.
Гаштам зи ту бенишон чу зарра,
Як зарра наёфтам нишонат.
Гуфтам ба сухан маё зи ман танг,
Танг омад аз ин сухан даҳонат.
Дур аз ту зи зиндагӣ ба ҷонам,
Савганд ҳамехӯрам ба ҷонат.
Аз хоки дари ту гарчи имрӯз,
Дурам зи ҷафои посбонат.
Фардо, ки равад ба бод хокам,
Чун гард оям бар остонат,

Биншинаму бо ғами ту созам.
Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозам.

Эй монда зи васли ту ҷудо ман,
Ҳаҷри ту бубин чӣ кард бо ман?
Ронда зи буруни дар маро ту,

Чо карда даруни чон туро ман.
Халқе чу сабо ба рӯи ту хуш,
Бӯе нашунида аз сабо ман.
Ман зарра, ту офтоби тобон.
Ҳайҳот, кучо туву кучо ман!
Болои хушат балои чонхост,
Чон дода барои он бало ман.
Гуфтӣ: биншину бо ғамам соз,
В-ар не, кушамат ба сад чафо ман.
Биншин нафасеву оташамро,
Биншон ба зулоли васл, то ман

Биншинаму бо ғами ту созам,
Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозам...

(Чомӣ. Осори мунтахаб, чилди II, — Душанбе: Ирфон, 1964, с. 378—379).

Тарчеъбандҳои классикӣ боз як хусусияти мумтозе доранд — маънии барчастае дар охири банд гуфта мешавад, ки он бо мазмуни ғоявии байти восита аз чиҳате алоқаманд бошад. Бо ин роҳ байти восила ҳам мазмуни банди болоро чамъбаст менамояд, ҳам ғояи марказии тамоми шеърро такроран таъкид менамояд. Ба ин маънӣ, байти восиларо шоҳсутуни бинои композиционии тарчеъбанд шумурдан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки дар тарчеъбандҳо хеле хусусиятҳои ғазалро дучор омадан мумкин аст. Масалан, дар тарчеъбанди Хоча Ҳофиз на танҳо умумияти мавзӯъро мебинем, балки бандҳои ин шеър ҳамчун ғазал байти тахаллус, образҳои шоирона ва монанди инҳоро доро мебошад:

Эй дода ба ёди дӯстдорӣ!
Ин буд вафову аҳди ёрӣ?
Охир дили реши дардмандам,
То чанд ба дасти ғам супорӣ?

Аз зулфи ту ҳосиле надидам,
Ҷуз шефтагию беқарорӣ.
Эй ҷони азиз, бар заифон
То чанд кунӣ ҷафову хорӣ?
Ҳарчанд, ки сӯхтӣ ба ҷаврам,
Кардам мани хаста созгорӣ.
Гуфтам: магар аз сари тараҳҳум,
Даст аз ситаму ҷафо бидорӣ.
Чун нест умеди он ки рӯзе
Бар ошиқи хаста раҳм орӣ,

**Он беҳ, ки зи сабр рух натобам,**
**Бошад, ки муроди дил биёбам.**

Эй соқӣ, аз он маи шабона,
Дардеҳ ду-се ҷоми ошиқона!
То дар сари ман зи ақл боқист,
Аз даст мадеҳ маи муғона!
Бардоштаанд савти Довуд,
Мурғони чаман зи ошъёна.
Эй мутриби мо ту низ як дам,
Магзор зи каф дафу чағона!
Баргӯй ба ёди васли ҷонон,
Чун уд ба сӯзи дил тарона!
Май нӯш ту, Ҳофизо, ба шодӣ!
То чанд хӯрӣ ғами замона?
Дерест, ки оташи ғами дил,
Аз сина ҳамекашад забона.
Чун нест ба ҳеҷ гуна пайдо,
Дарьёи фироқро карона.

**Он беҳ, ки зи сабр руҳ натобам,**
**Бошад, ки муроди дил биёбам.**

Дар сахтии ишқ гар бимирам,
Ман дил зи ғами ту барнагирам.
Бешак дили моҳу хур бигирад,

Гар сӯи фалак расад нафирам.
Пайваста камони абрувонаш,
Аз ғамза ҳамезанад ба тирам.
Натвон ба қалам навишт шавқат,
Гар пири фалак шавад дабирам.
Пири ғами ишқам арчи тифлам,
Тифли ғами ишқам, арчи пирам.
Дорам сари он ки ҳамчу Саъдӣ,
«Биншинаму сабр пеш гирам».
Чун кард замонаи ситамкор,
Дур аз ту ба банди ғам асирам,

**Он беҳ, ки зи сабр рух натобам,**
**Бошад, ки муроди дил биёбам.**

Эй ғайрати лӯъбатони танноз,
Бурқаъ зи рухи чу маҳ барандоз,
То ман зи сари ҷаҳон ба куллӣ,
Бархезаму тавба бишканам боз!
Эй дӯст зи раҳгузори дида,
Шуд фош миёни мардумон роз,
То худ чӣ бувад маро саранҷом,
Дар ишқ чу ҳаҷр кард оғоз?
Сармояи умр дод барбод,
Ҳар к-ӯ ба ғами ту гашт анбоз.
Дар оташи ишқу миҷмари ғам,
Месӯз дило чу уду месоз!
Ҳолӣ чу намедиҳад мурод аст,
Бӯсидани пои ӯ сарафроз.

**Он беҳ, ки зи сабр рух натобам,**
**Бошад, ки муроди дил биёбам.**

Эй сарви суманбари гуландом,
Аз орази ту хиҷил маҳи шом,
Боз ой, ки ҳаҷри ҷонгудозат,
Бурд аз дили ман қарору ором.

Чун ком нашуд ба саъй ҳосил,
Қонеъ шудаам ба ҳаҷри ноком.
Моему ғами фироқи ҳолӣ,
То худ ба куҷо расад саранҷом.
Ҷуз меҳнату дард гӯиё нест,
Дур аз ту насиби ман ба айём.
Мақсуди вуҷуд, Ҳофизо, чист,
Ҷуз сӯҳбати ёру бодаи ҷом?
Ҳолӣ чу намешавад муҳайё,
Қоми дилам аз ту, эй дилором,

**Он беҳ, ки зи сабр рух натобам,**
**Бошад, ки муроди дил биёбам.**

Эй роҳати ҷони беқарорам,
Уммеди дили умедворам!
Шодам ба ғамат, ки дар ҳама ҳол,
Сӯзи ғами туст созгорам.
То рафтаӣ аз канорам, эй дӯст,
Якбора зи хеш бар канорам.
Дар орзуи висоли ҷонӣ,
Умре ба фироқ мегузорам.
Имшаб бигузашт бе ту аз дӯш,
Тӯфони сиришки ашкборам.
То марг нагирадам гиребон,
Ман даст зи доманат надорам.
Чун ҳеҷ нашуд ба саъй ҳосил,
Коми дили хастаи фигорам,

**Он беҳ, ки зи сабр рух натобам,**
**Бошад, ки муроди дил биёбам.**

Эй, захми ғами ту маҳрами дил,
Ишқи ту анису маҳрами дил!
Зулфи ту каманди гардани ҷон,
Лаъли ту нигини хотами дил,
Абрӯи ту буд шаҳнаи ҷон,

Чун хашми ту гашт ҳокими дил.
Ӯ дар дили мову мо дар оташ,
Моро ғами ӯст, не ғами дил.
Наздик шуд он ки ман ба дурӣ,
Гирам сари хеш ё ками дил.
Ҳофиз чӣ шавад агар биёбӣ,
Нуре зи ҳузури одами дил.
Чун мулки висоли ӯ нагардад,
Осон, осон мусалламидил.

Он беҳ, ки зи сабр рух натобам,
Бошад, ки муроди дил биёбам.

(Ҳофизи Шерозӣ. Мунтахаби девон. — Сталинобод, 1957, с. 545—548).

Бояд таъкид кард, ки мундариҷаи ғоявии шеър — сабру тоқат ва умеди боварӣ маҳз дар байти восита таъкидан ва такроран ифода ёфтааст. Йнашро ҳам бояд таъкид кард, ки ин навъ оптимизм ба мағзи ғоявии тамоми эҷодиёти шоири бузург далолат мекунад.

Дар адабиёти советии тоҷик анъанаи тарҷеот то андозае давом мекунад. М. Раҳимӣ, Б. Раҳимзода ва баъзе дигарон тарҷеъбанду таркиббандҳо гуфтаанд. Вале бештар дар адабиёти советии тоҷик тарҷеот дар шаклҳои нав истифода мешавад, яъне шоирон дар масъалаи шакли тарҷеот навигариҳои зиёде дохил намудаанд. Чунончи, бандҳои тарҷеот дар шакли гуногун сохта мешавад. Ҳамчунин, тарҷеот дар масъалаи қофия низ хусусиятҳои нав пайдо кардааст. Вале бояд иқрор шуд, ки намунаҳои беҳтарини тарҷеот дар назми советии тоҷик хеле кам аст. Сабаби ин ҳодиса ба талаби жанрии ин навъи адабӣ вобаста мебошад, аммо дар тарҷеоти шоирони советии тоҷик ин чиз ҷолиби диққат мебошад, ки тарҷеот ба жанрҳои дигар омехта гардидааст. «Марсия»-и устод Айнӣ, «Баҳория»-и Пайрав Сулаймонӣ, «Душанбе»-и М. Раҳимӣ намунаҳои беҳтарини тарҷеъбанд дар адабиёти советии тоҷик ба шумор меравад.

Қобили қайд аст, ки шеъри «Марсия»-и устод Айнӣ аз ҷиҳати шакл асосан тарҷеъбанди анъанавӣ бошад ҳам, (яъне шеър аз бандҳои ҷудогона таркиб ёфта, он бандҳо бо ҳамдигар ба воситаи байти восилаи айнан такроршаванда алоқаманд гардида, ҳар банд дар шакли қофиябандии ғазал омадааст) бо чанд хусусияти худ аз он фарқ мекунад:

а) Пеш аз ҳама, дар тарҷеъбанди устод Айнӣ байти восита бо банди якуми шеър ҳамқофия мебошад, ки чунин хусусият дар тарҷеъбандҳои анъанавӣ дида намешавад:

Дӯстон! Фоҷиаи сахт биёмад ба сарам,
Рафт аз ин фоҷиа рӯҳ аз тану нур аз басарам.
Хабаре омаду рафт аз дилу ҷон тоқату ҳуш,
Баъд аз ин кай шавад аз ҳушу дилу ҷон хабарам?!
Хабар ин аст, ки бо теғи ситам кушта шудаст,
Додарам — қуввати рӯҳу дилу қути ҷигарам.
Аз ҳуҷуми аламам қуввати фарьёд намонд,
То чунин дашнаи бедод фалак зад ба сарам.

Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

б) Тарҷеъбандҳои анъанавӣ бо байти восила анҷом меёбанд, аммо устод Айнӣ бо тақозои мазмуну ғоя баъди банди охирин овардани байти восиларо зарур нашумоpидааст, балки ба ҷои он байти дигаре овардааст, ки он ҷамъбасти идеявии шеърро ифода менамояд:

Хоҳам он хонаи бедоду ситам вайрон бод!
Хоҳам он маҳкамаи ҷавр мазористон бод!
Хоҳам он тахт, ки шуд боиси бадбахтии мо,
Реза-реза шуда бо хоки сияҳ яксон бод!
Хоҳам он тоҷ, ки зеби сари хунхоре шуд,
Бо сари соҳиби худ зебдеҳи зиндон бод!
Хоҳам он қаср, ки ишратгаҳи ҷаллодон аст,

Пора-пора шуда дар зери замин пинҳон бод!
Хоҳам он зумра, ки имрӯз таҳаккум дорад,
Дастбаста ба дари маҳкамаҳо ҳайрон бод!
Хоҳам он муфтию он қозию он шоҳу вазир,
Сарнагун гашта ба хуни худашон ғалтон бод!
Қ-ин ҳама зулм ба даврон, ки бадин ваҳшат рафт,
Баҳри омодагии ишрати ин ҳазрат рафт.

(С. Айнӣ. Ашъори мунтахаб. — Сталинобод, 1958, с. 15).

Тарҷеъбанди Пайрав Сулаймонӣ «Баҳория» ҳамагӣ аз ду банди панҷбайтӣ таркиб ёфтааст:

Ваҳ, чи хуш медамад насими баҳор,
Субҳи содиқ зи ҷониби кӯҳсор.
Духтари ховар — нозанин хуршед
Барфурӯзонд оташин рухсор.
Пири колхозчӣ зи ҷо бархост,
То рафиқонашро кунад бедор.
Деҳқони ҷавон ба даст каланд
Мешитобид сӯи киштукор:
Шоду хандон ба сӯи деҳқонон
Менамуд ин хитобро такрор:

Бӯи хуш медамад баҳор, баҳор!
Зуд биштоб, эй баҳорикор!...

Абрҳо ҳамчу дуди кӯра парид,
Барқҳо абри тираро бидарид,
То саҳаргоҳ баски шабнам рехт,
Домани дашту кӯҳ сабза дамид,
Ба трактор савор шуд деҳқон,
Чархҳояш ба пеш мечархид.
Агрономи ҷавон ба деҳқон гуфт:
Мавсими киштукори пахта расид,

Ҳон, бикӯшед, то кунед иҷро,
Нақшаи панҷсоларо дар чор.

Бӯи хуш медамад баҳор, баҳор!
Зуд биштоб, эй баҳорикор!

(Пайрав Сулаймонӣ. Девон. — Душанбе: Ирфон, 1971, с. 56—57).

Пайрав ба ғайри он ки байти воситарэ бо банди якум ҳамқофия кардааст, инчунин мисраи охирини банди дуюми шеърро низ бо банди якум ҳамқофия сохтааст. Ин шеър, ки дар он факти таърих заиф истифода шудааст, аз навҷавонии шоир ва умуман аз навҷавонии адабиёти советии тоҷик гувоҳӣ медиҳад. Қимати тарбиявию эстетикии шеър назар ба бисьёр эфаридаҳои хуби ин шоири ҳассос ночиз мебошад.

Дар тарҷеъбанди М. Раҳимӣ «Душанбе» ҳодисаи дигари ҷолиби диққат ба назар мерасад. Муаллиф банди восиларо аз ду мисраъ не, чунон ки дар тарҷеъбандҳои классикӣ дида мешуд, балки аз се мисраъ тартиб додааст, яъне байти охирини бандро ду тақсим карда, мисраи якумро ба банди боло пайваст намуда, мисраи дуюмрэ такроран ҳамроҳи банди восила овардааст:

Дӣ Душанбеи кӯҳна буд, имрӯз
Шуд ба чашми ҷаҳониён фирӯз.
Гӯшаи ҷаҳли одат-оин буд,
Сахт таъсири ӯст монда ҳанӯз.
То биёбад наҷот аз ин мӯҳлак,
Сарфи таъмири ӯст ҳар шабу рӯз.
Кунун, эй ранҷдида, хушбахтӣ,
Бар канораш биёву илм омӯз!
Эй фақиру асири дирӯза,
Шамъи дониш дар ин Ватан афрӯз!
Шавад обод чун намуна ба Шарқ —
Ин замин, ин харобаи дирӯз,

**Ҷои фатҳи зиёд хоҳад шуд,**
**Ҳамчу Ленингрод хоҳад шуд!**

Тоҷикистони пеш аз ин маҳкум
В-аз ҳуқуқи тараққиаш маҳрум,
Буд помоли синфи бадхоҳон,
Гашт акнун чу моҳи нав маълум.
Фуқарояш асири ғорат буд,
Нотавон, бебизоату мазлум.
Бар сари халқ буд ҳокими кул
Ағниё солҳо ба ҳар мавсум.
Гашт имрӯз ранҷбар — соҳиб,
Соҳиби давлату саводу улум.
Ба сари зӯр-зӯр шуд муздур,
Ҳаст ин ҳам ҳақиқати мафҳум.

Ин замин, ин харобаи дирӯз,
Ҷои фатҳи зиёд хоҳад шуд,
Ҳамчу Ленингрод хоҳад шуд!

Даст бар дасти иттифоқ равост,
Байраҳи шӯравӣ аз он болост!
Чашм бикшо: ҷаҳон-ҷаҳони нав аст,
Ранҷбар ҳар куҷо бувад—бо мост!
Дониши ленинӣ ба мо раҳбар,
Қори таълим з-он ба нашъунамост.
Зулмҳое, ки пештар дидем,
Фикр кун, он ҳама кунун ба куҷост?
Меҳнати мо кунун барои ҳама,
Нафъи давлат ва нафъи мо якҷост.

**Ин замин, ин харобаи дирӯз,**
**Ҷои фатҳи зиёд хоҳад шуд,**
**Ҳамчу Ленингрод хоҳад шуд!**

(М. Раҳимӣ. Сабоҳи сухан. — Душанбе, 1963, с.24 25).

# VII. ҚАСИДА

Қасида дар лирикаи тоҷик аз ҷумлаи қадимтарин жанрҳое ба ҳисоб меравад, ки ҳанӯз дар марҳилаи аввали тараққиёти адабиёт ташаккул ёфтаанд. Қасида аз нуқтаи назари шакл қонунияти муайянеро доро мебошад. Унсури маркази анъанаи қасида дар масъалаи шакл қофия ҳисоб меёбад. Сохти қофия дар ин жанри адабӣ: а а, б а, в а... мебошад.

Қасида аз нуқтаи назари миқдори байтҳо ва вазн қонунияти ягона надорад, чунки миқдори байтҳои қасида одатан аз 20 зиёд аст ва қасидаҳое ҳастанд, ки 100 ва аз он ҳам зиёд байтро дар бар мегиранд.

Аз ҷиҳати вазн қасида, одатан, дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал ва ғайра гуфта мешавад. Аз ҷиҳати миқдори ҳиҷо қасида ба гурӯҳи жанрҳои тавил дохил мешавад, зеро аксаран миқдори ҳиҷоҳо дар қасида аз 12—13 зиёд мебошад.

Аз ҷиҳати мавзӯю мазмун қасида имконияти васеъ дорад, зеро дар он масъалаҳои ахлоқӣ, таърихӣ, шиквоӣ, инчунин васф, ҳаҷв ва ғ. инъикос ёфта метавонанд. Бинобар хусусиятҳои тематикӣ дар қасида навъҳои ҳолӣ, васфӣ, шиквоӣ, ирфонӣ, манзаравӣ, марсиявӣ ва ғайраро муайян кардаанд.

Дар адабиёти давраи феодалии тоҷик мувофиқи тақозои шароити таърихӣ бештар як навъи қасида: васфӣ, ки дар ситоиши подшоҳону ҳокимон ва одамони ҷудогона гуфта шудаанд, ривоҷ меёбад. Маҳз ба туфайли тақозои дарбори феодалӣ ҳамин навъи қасида зиёда аз ҳад ривоҷ ёфта, тамоми навъҳои қасидаро бадном мекунад, чунки мағзи қасидаҳои васфии дарбориро ситоиши пуч, яъне дурӯғ ташкил медиҳанд ва ҳамин дурӯғ будани қасидаҳои васфӣ обрӯи умуман қасидаро мерезад.

Сабаби иҷтимоии ривоҷ ёфтани қасида дар сохти феодалӣ иборат аз ин аст, ки подшоҳ қонунан ҳокими мутлақ дониста мешавад. Мувофиқи назарияи феода-

лизм подшоҳ сояи худо дар рӯи замин аст, бинобар ин вай дар тамоми масъала ҳамчун худо мутлақ мебошад. Ҳамчунон ки худо дар қулли масъала холиқу тавоно дониста мешуд, подшоҳ низ дар тамоми соҳа қодиру тавоно ҳисоб меёфт. Ҳамчунон ки худоро ҳамеша ва дар ҳама ҳолат муқаддас медоранд, ба вай тоату ибодат мекунанд, мебоист подшоҳро низ ҳамин тавр парастиш мекарданд. Чунончи, Унсурӣ дар яке аз қасидаҳояш мегӯяд:

Шоҳи гетӣ, хисрави лашкаркаши лашкаршикан,
Сояи яздон, шаҳи кишвардеҳи кишварситон.

Феодализм дар Шарқ хусусияти махсусе дорад ва яке аз сабабҳои муҳимтарини ин хусусиятро дини ислом ташкил медод. Шариат, ки он қонуни динии ҷамъият ҳисоб меёфт ва дар асоси дини ислом ба вуҷуд омадааст, моҳиятан ба сохти феодалӣ мувофиқат мекунад ва ба синфи феодал ва махсусан, дарбори феодалӣ ҳамчун як дастгоҳи ҳукмронӣ ва ҳамчун як қувваи пурзӯри истисморкунанда хизмат менамояд. Ҳамин тариқа, шариат бо дарбори феодалӣ як мешавад, ки дар натиҷа умри ин сохти иҷтимоӣ, аз як тараф, дароз шавад, аз тарафи дигар, боиси ба миён омадани деспотизми маълуми шарқӣ мегардад. Чунонки маълум мешавад, дар ҷамъияти феодалӣ як кас, яъне подшоҳ асоси ҳама чиз дониста мешуд ва тамоми воситаҳои идеологӣ, яъне дин, фалсафа ва адабиёту санъат вазифадор буданд, ки ҳамин як касро парастиш, тарғиб ва ситоиш намоянд. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар яке аз навъҳои қасида (васфӣ), ки ситоиш хусусияти марказии он ҳисоб меёбад, дар иҷрои ҳамин вазифа созгор омада метавонист. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар дар адабиёти тоҷик дар асри X қасида дар иҷрои ҳамин вазифа камар баста бошад, минбаъд ин хизматро содиқона давом медиҳад ва оқибат то ба ҳадди ифрот мерасонад.

Ҷолиби диққат аст, ки қасидаҳои васфӣ низ дар

марҳилаи аввалини тараққиёти худ, яъне дар асри X ва қисман асри XI нисбатан объективона ҷараён меёбад, яъне ситоиши шахси ҳоким бо тавсифи одамон, Ватан, ахлоқ, манзара ва ғ. алоқамандона сурат мегирад. Ба тарзи дигар гӯем, диққати нависанда на танҳо ба як шахс, балки инчунин ба муҳити вай мутаваҷҷеҳ мегардад, аммо дертар баробари тараққиёти феодализм ҷои асосиро фақат шахси муҷаррад ишғол менамояд ва дар марҳилаи таназзули феодализм қасида ба таърифу тавсифи комилан пучу бардурӯғи ҳокимони замон машғул мешавад. Бесабаб нест, ки дар давраҳои гузашта дар байни омма ҳама гуна ситоиши хушк ва дурӯғро «қасида» ва «қасидахонӣ» меномиданд.

Қасидаҳои мадҳӣ то ба дараҷае тамоми жанри қасидаро сиёҳ намуданд, ки ҳоло баъзе адабиётшиносону шоирон аз шунидани номи қасида дарҳазар мешаванд. Аммо ҳақиқат талаб мекунад, ки аз болои тамоми навъҳои қасида хатти батлон кашидан дуруст нест. Бинобар сабабҳои ишорашуда, қасида дар давраи советӣ суръати худро тамоман тағьир дод, вале гуфтан мумкин нест, ки ин жанри адабӣ аз истеъмол тамоман баромадааст. С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Раҳимӣ ва баъзе шоирони дигар имкониятҳои жанрии қасидаро дар давраи нави таърихӣ ба кор бурдаанд. Дар давраи нав қасида бо ду роҳ идома меёбад:

1) Бо роҳи анъанавӣ. Яъне як гурӯҳи шоирон ба воситаи шаклҳои анъанавии қасида асарҳои бадеӣ эҷод карда, ҳақиқати ҳаёти социалистӣ, озодии одами советӣ, образи В. И. Ленин, Октябри Аъзам ва ғайраро тараннум кардаанд. Ин навъ қасидаҳоро дар эҷодиёти С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Раҳимӣ, Н. Шанбезода, С. Ҷавҳаризода ва дигарон мебинем.

Ҳамчун намунаи классикии ин навъи қасида «Кремль»-и устод Лоҳутиро номбар кардан мумкин аст. Дар мисоли «Кремль» равшан дида метавонем, ки дар давраи советӣ қасида чигуна ба тағьироти ҷиддии мундариҷавӣ ва ғоявӣ дучор омадааст, чунки дар ин асар

шоир дар марказн мундаричави ситоиши шахси мучаррадро нагузошта, балки қасри Кремльро гузоштааст ва ба ин восита қувваи буньёдкоронаи халқро инъикос намудааст:

То чанд куни гирья бар маснади Нўширвон?
Дар қасри Кремль, эй дил, асрори ниҳон бархон!
Ин қаср, ки мебинӣ дар пеши ту хандон аст,
Бар куштаи мазлумон бисьёр шуда гирьён,
Дар дохили ҳар девор бо дидаи сир бингар —
Пайкар ба сари пайкар, сутхон ба сари сутхон.
Аз хуни дили халқ аст ҳар нақш дар ин гунбад,
Ҳоки тани муздур аст ҳар хишт дар ин айвон.
Аз оҳи шаҳидон аст ҳар дуд дар он пайдо,
Аз ашки ятимон аст ҳар дур ки дар он ғалтон.
Дарбори ситам буд ин, бо дидаи ибрат бин,
Зери паи ҳар поя хуни ду ҳазор инсон.
Ин чо ки пур аз шодист, сарманзили озодист,
З-ин пеш ба чашми мо буд зиштар аз зиндон.
Имрўз адолатгоҳ, дирўз ситамхона,
Дирўз пур аз лаънат, имрўз пур аз ғуфрон.
Ин чову Мадоинро муздур бапо кардаст,
Ин қасри Романов шуд, он маснади бин Сосон.
Танҳо на ҳамин инчост, к-аз хуни башар барпост,
Буньёни вай аз бедод, аркони вай аз удвон...
Аз ранчи кишоварз аст осоиш ҳар доро,
Аз кўшиши муздур аст сармояи бозаргон...

(А. Лоҳутӣ. Куллиёт, чилди III. — Душанбе, 1961, с. 71).

Дар масъалаи ғоя бошад, агар дар гузашта чавҳари ғоявиро бебақоии ҳаёт ва бесуботии ҳақиқат, хуллас пессимизм ташкил медода бошад, шоири советӣ патетикаи оптимистона ва қувваи буньёдкоронаро ҳамчун чавҳари ғоявии қасида акс намудааст.

2) Бисьёр шоирони советии точик шакли анъанавии

қасидаро дар амалия инкор карда, барои баёни мавзӯъ ва мундариҷае, ки шоистаи қасида бошад, шаклҳои мувофиқро ҷустуҷӯ кардаанд, вале ба мисли баъзе жанрҳои дигар шоирон барои мундариҷаи қасидавӣ шакли нисбатан ҳам бошад, ягонаи адабиро пайдо карда натавонистанд. Бинобар ҳамин аст, ки ҳоло мазмунҳои қасидавӣ, чунончи ситоиши доҳиён, васфи Партия ва Октябрь, таърифи қаҳрамониҳои одамони советӣ дар шаклҳои баллада, достонҳои лирикӣ, мусаммату тарҷеот ва ғ. инъикос меёбанд. Ҳоло ҳатто шаклҳои шеърие ҳастанд, ки ба онҳо ном гузошта нашудааст ва дар айни замон номи конкрет додаи ҳам душвор мебошад.

Қасида як имконияти хуб дорад. Шоир ин ё он мазмун ва мавзӯъро хеле чуқур фикр мекунад ва беҳтарин мафҳумҳоро ҷудо менамояд. Калимаю иборае, ки ҳамчун калимаи марказӣ меояд, ба воситаи қофияю радиф таъкид меёбад, яъне қофия ифодакунандаи ғояи марказист. Вақте ки ҳиҷо бо садоноки **он** хотима меёбад, он вақт як шукӯҳ, як тантана ҳис карда мешавад. Мисол, «Оҳ ва афсӯс»-и М. Раҳимӣ. Ин асар аз ҷиҳати ҳаҷму шакл ба ғазал монанд бошад ҳам, қасида аст, ҷамъбасти оптимистона дорад.

## VIII. МУСТАЗОД

Мустазод дар лирикаи тоҷик аз қабили он жанрҳоест, ки нисбатан дертар пайдо шудааст. Намунаҳои он дар адабиёти асрҳои XI—XII (чунончи дар осори Абӯсаиди Абулхайр, Аттор) ва давраҳои минбаъда дучор меояд.

Мустазод чунин жанрест, ки аз рӯи анъана баъд аз ҳар як мисраи комили шеър ва ё як байт як ё ду мисраи кӯтоҳ оварда мешавад. Мисраъҳои кӯтоҳ одатан аз як тақтеъ ва ё ду тақтеъ иборатанд.

Масъалаи қофия дар мустазод чунин аст, ки мисраъҳои иловагӣ бо мисраъҳои комили пешин ҳамқофия

мешаванд ва ё байни худ қофияи мустақил доранд. Мустазод ҳамчун жанри мустақили адабӣ дорои чунин имконият мебошад, ки дар он мухтасари мазмуни асосӣ дар шакли хулоса ва ғояи маркизии шоир таъкидан баён карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар мустазод барои ифода намудани масъалаҳои ҳаяҷонбахш имкониятти хеле хубе дорад. Бинобар ин дар мустазод бештар мавзӯъҳои иҷтимоӣ, таърихӣ ва масъалаҳои муҳимми ҳаётӣ инъикос меёбанд. Бесабаб нест, ки устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Пайрав маҳз дар мустазод масъалаҳои муҳимтарини замони худро бар тарзи ҳаяҷонбахш баён намудаанд. Мустазодҳои ин шоирон барои бедор намудани ҷӯшу хурӯши хонанда, барои ба мубориз фаъоли сохтмони социалистӣ табдил додани хонандагон роли калоне бозидаанд.

Ба ин тариқ, таъкид кардан лозим аст, ки шоирони советии тоҷик ҳанӯз дар солҳои бистуму сиюм анъанаи мустазодро дар масъалаи мундариҷа такмил дода, имкониятҳои жанрӣ ва ғоявии онро барои инъикоси идеяҳои заруртарини ҳаётӣ эҷодкорона истифода намудаанд. Дар марҳилаи ҳозира мустазод на танҳо аз нуқтаи назари мундариҷаи ғоявӣ такмил ёфтааст, балки хусусиятҳои нави шаклӣ низ пайдо намудааст.

Дар масъалаи шакли мустазод дар лирикаи муосири тоҷик навъҳои зеринро қайд кардан мумкин аст:

I. **Шаклҳои анъанавӣ.**

1. Як мисраи зиёдӣ баъд аз як мисраи комил меояд.
2. Баъд аз як мисраи комил ду мисраи иловагӣ меояд.
3. Баъд аз ду мисраи комил як мисраи иловагӣ меояд.
4. Баъд аз ду мисраи комил ду мисраи иловагӣ меояд.

II. **Шаклҳои нави мустазод**

1. Як мисраи иловагӣ баъд аз се мисраъ меояд.
2. Як мисраи иловагӣ баъд аз чор мисраи комил меояд.

3. Мисраъҳои иловагӣ ҷои қатъии махсус надоранд, яъне онҳо дар мавридҳои гуногун қарор мегиранд.

Дар лирикаи муосири тоҷик дар масъалаи қофияи мустазодҳо ҳодисаҳои зеринро мушоҳида кардан мумкин аст:

1) Як мисраи иловагӣ бо як мисраи комили пешин ҳамқофия мешавад (А а).

2) Мисраъҳои пурраю иловагӣ ҳамқофия намешаванд, дар ин сурат мисраъҳои комил байни худ қофия доранд (А б).

3) Як мисраи иловагӣ, ки баъд аз ду мисраи комил омадааст, бо яке аз онҳо (аксаран бо мисраи якум) дар қофия мувофиқат мекунад (А Б а).

4) Миёни ду мисраи иловагӣ, ки баъд аз як мисраи комил омадаанд, қофия мавҷуд аст (А б б).

5) Миёни мисраи иловагии баъд аз мисраи комил омада қофия мавҷуд аст (А А а).

6) Ду мисраи иловагӣ бо яке аз ду мисраи комил, ки пеш омадааст, ҳамқофия мешавад (А Б а а ё Б А а а).

7) Яке аз ду мисраи иловагӣ бо ҳарду мисраи комили пешин ҳамқофия мешавад (А А а б ё А А б а).

8) Мисраъҳои иловагӣ дар масъалаи қофия бо мисраъҳои комил ҳеҷ гуна алоқамандӣ надоранд. Дар ин сурат онҳо:

а) ё байни худ қофия доранд;

б) ё байни худ қисман қофия доранд;

в) ё умуман аз қофия озод мебошанд.

Чунон ки дида мешавад, мустазод дар лирикаи муосири тоҷик ҳам аз ҷиҳати структураи худ ва ҳам аз нуқтаи назари қофия манзараи хеле бой ва рангорангро дарбар кардааст.

**Қонунияти тараққиёти мустазод ва аҳамияти он.** Мустазод ҳарчанд ба мисли баъзе жанрҳои адабӣ таърихи қадима надорад, вале он дар як давраи нисбатан кӯтоҳ такомулоти хеле калон кардааст, ки инро дар

шаклҳои зиёди он мебинем. Сабаби ин ҳодиса, ба фикри мо, аз ду чиз иборат аст:

1) Имконияти нисбатан мусоиди ин жанри адабӣ дар масъалаи таъкидан баён намудани мундариҷаи ғоявӣ. Чунон ки гуфта шуд, шоир вобаста ба доира, дараҷа ва моҳияти мундариҷаи ғоявӣ мисраъҳои иловагӣ эҷод мекунад ва матлаби марказиро ба воситаи онҳо таъкидан баён менамояд.

2) Композицияи нисбатан соддаи мустазод. Агар рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, мусаммат, тарҷеот ва баъзе жанрҳои адабии дигар сохти нисбатан устувори композиционӣ дошта бошанд, мустазод чунин сохти муайян ва устуворро надорад, бинобар ин шоир вобаста ба қимати шеър ва доираву дараҷаи мундариҷаи ифодашаванда дар мавриди конкрет сохти композиционии мустазодро ба таври конкрет ба вуҷуд оварда метавонад.

Мустазод бештар ҳамчун рубоӣ дар баҳри ҳазаҷ эҷод мешавад. Ин чунин маънӣ дорад, ки жанри мазкур ҳам мазмунан, ҳам шаклан бо ҳаёти воқеӣ, бо кору амалиёт ва фалсафаи оптимистона сару кор дорад.

Албатта дар ин масъала муваффақият ба истеъдод, маҳорат ва меҳнати фикрии адиб вобаста мебошад, яъне агар шоири соҳибистеъдод материали мундариҷавии шеърро ҳаматарафа дарк карда, қимату моҳияти ғоявии онро пурра маърифат намуда бошад, дар ин сурат вай аз унсурҳои композиционии мустазод ва умуман имкониятҳои шаклии он мувофиқи матлаб истифода бурда метавонад. Мисоли инро дар «Ду дастрӯмол»-и Мирзо Турсунзода равшан дида метавонем.

Мавзӯи шеър пеш аз ҳама, мубоpизаи озодихоҳонаи халқи Вьетнам мебошад, вале азбаски мавзӯи муборизаи озодхоҳонаро ба тарзи муҷаррад ҳал кардан мумкин нест, шоир онро ба масъалаҳои дигар, чунончи, ҳаёти хуррамонаи халқи советӣ, дӯстии халқҳо, интернационализми пролетарӣ якҷоя ҳал менамояд. Аммо ин масъалаҳоро омӯхта, бетартибона баён кардан таровату таъсире надорад. Бинобар ин шоир тарҳи муайяни

чараёни мазмунро эчод мекунад. Мирзо Турсунзода пешакӣ дар натичаи тафаккури баланди шоирона пай бурдааст, ки ин мазмунро дар шакли мусаммати мураббабаи мустазод гуфтан мувофиқтар аст. Бинобар ин вай лаҳзаҳои мазмунро дар бандҳои мураббаъ ифода намуда, баъд аз он якмисраъгӣ ба тариқи илова меоварад. Шоир дар ду банди аввал ба тариқи конкрет саодати оилавии қаҳрамони лирикиро ҳамчун тимсоли ҳаёти осоиштаи советӣ ин тариқа нақл мекунад:

Гирифтам дастрӯмоле, ки аз гул буд нозуктар,
Муаттар мисли гулҳои дарахтони самаровар,
Ба монанди дили софе, ки мебахшад туро дилбар,
Зи дасти духтаре, к-ӯ шуд ба фарзандони ман
модар —
Зи дасти духтари тоҷик.

Ман аз ҷон дӯсттар дорам зану фарзандҳоямро,
Ба онҳо пешкаш кардам диёри пурсафоямро,
Насиби меҳнати ҳаққу ҳалоли рӯзҳоямро,
Намоям ҳифз фарзандони неки бовафоямро,
Ба монанди зани тоҷик.

(М. Турсунзода. Се нозанини Шарқ. — Душанбе: Ирфон, 1967, с. 86).

Шоир дар ин ду банд анъанаи мусаммати мураббаъро қисман риоя кардааст, зеро вай дар дохили ҳар як банд тамоми мисраъҳоро ҳамқофия сохтааст, ки дар натиҷа матлаб пуртаъсир баён шуда, эҳтиросоти хонандаю шунавандаро ба вуҷуд меоварад. Вале ҳамон навъе ки маълум аст, аз рӯи анъана мисраъҳои охирини бандҳо мебоист бо банди якум ҳамқофия шуда, алоқамандии узвӣ ва вобастагии ғоявии тамоми бандҳоро таъмин менамуд, аммо шоир ин анъанаро вайрон кардааст ва сабаби дахолати шоир ба анъана ин аст, ки мисраъҳои мустазодӣ оварда шудаанд ва ҳамон вазифаи ғоявиро, яъне алоқамандии узвии ғоявии тамоми шеърро маҳз ҳамин иловаҳои мустазодӣ хеле хуб иҷро кардаанд.

Зеро чунонки маълум аст, масъалаи маркazии ду банди боло **зани тоҷик** мебошад ва тамоми мазмун ба воситаи мафҳуми **зани тоҷик** баён меёбад. Бинобар ин, шоир дар мавриди якум «Зи дасти духтари тоҷик» ва дар мавриди дуюм «Ба монанди зани тоҷик»-ро ҳамчун мисраъҳои иловагӣ зикр кардааст. Баъд аз ду банд дар ҳамаи бандҳои минбаъда қисмати дигар ва асосии мавзӯъ, яъне **муборизаи халқи Ветнам** баён мешавад.

Ҷолиби диққат аст, ки дар ҳамаи мисраъҳои иловагии минбаъда калимаи «Ветнам» дар ин ё он шакл такрор мешавад. Чунончи, «Зи маҳбуби ветнамӣ», «Ба фарзанди ветнамӣ», «Ба ман ёри ветнамӣ», «Ба савғо он ветнамӣ», «Чу меҳмони ветнамӣ», «Биё, сӯи Ветнам рав», «Ба имдоди Ветнам ӯ», «Ба болэи Ветнам ӯ», «Фидокори ветнамӣ!», «Тӯ, эй ёри ветнамӣ!».

Ин ҳодиса, яъне такрор ёфтани «Ветнам» аз он сабаб рӯй додааст, ки ин мафҳум мафҳуми марказии ғоявӣ-мундариҷавии шеърро ифода менамояд. Мисраъҳои иловагии ин мустазод аз қофия озоданд, аммо ду мисраи охирин ҳамчун ҷамъбасти ғоявӣ бо банди асосӣ ҳамқофия оварда шудаанд. Ин усул қимати ғоявӣ ва эмоционалии шеърро хеле пурзӯр намудааст.

## § 7. ОМЕЗИШИ ЖАНРҲОИ АДАБӢ — ЗУҲУРОТИ НАВОВАРӢ

Чунон ки маълум аст, дар адабиёти давраи феодалӣ жанрҳои адабӣ барои ташаккул ёфтан марҳилаи муайяни калонеро аз сар гузаронидаанд. Барои ташаккул ёфтани баъзе жанрҳои адабӣ чунончи, ғазал, тарҷеот, мусаммат ва ғ. солҳои зиёде, ҳатто якчанд аср зарур шудааст. Аммо дар давраи советӣ, аз як тараф, жанрҳои анъанавӣ имкониятҳои нави худро ошкор карда

бошанд, аз тарафи дигар, баъзе жанрҳои адабии нав дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ ба миён омаданд. Дар назми муосири тоҷик дар қатори такомулоти жанрҳои анъанавӣ, ҳамчун достон, мустазод ва ҳоказо пайдоиши жанрҳои нави адабӣ ҳамчун баллада, достонҳои лирикӣ ва ғ. жанрҳои маълуми адабӣ бо ҳамдигар омезиш ёфта, шаклҳои нави шеърро ба вуҷуд овардаанд. Чунончи, аз таърихи адабиёти муосири тоҷик маълум мешавад, ки шоирон дар зимни ғазалу маснавӣ, мусамматту тарҷеот ва монанди инҳо асарҳо эҷод кардаанд. Масалан, М. Раҳимӣ шеъри машҳури худ «Ба зиёрати доҳӣ»-ро соли 1937 дар асоси қонунияти жанрҳои мусаммати мусаддас ва тарҷеъбанд эҷод намудааст. Ин шеър аз 22 банди мусаддас, ки ҳама дар дохили худ қофияи ягона ва мустақил доранд, иборат буда, бо ҳамдигар ба воситаи байти восилаи:

**Дило, на ишқ, на оташ, на офтобу замин**
**Надорад ин ҳама қувват, ки халқ бо Ленин!**

— алоқаманд гардидааст.

Раҳимӣ дар ин асар имкониятҳои ду жанри адабиро устодона истифода кардааст. Вай бо мақсади пуртаъсир ва эҳтироснок ифода намудани мазмун асоси шеърро аз бандҳои шашмисраъгӣ тартиб медиҳад. Табиист, ки як порча мазмуни дар ҳаҷми шаш мисраъ баёншуда ҳамчун як чизи нисбатан яклухт ба воситаи шаш калимаи яххела қофияшуда, ки аксаран радиф ҳам доранд, ба ҳиссу ақли хонанда таъсири муайяне мебахшад. Масалан, банди зеринро мулоҳиза фармоед:

Салом, эй падари мӯҳтарам, Ленини кабир,
Зи ҷону дил ба ту, он дастгири халқи асир.
Чу мо ситамкаши собиқ, чи навҷавону чи пир,
Ҳама ба меҳри ту таслиму ошиқу тасхир.
Ба ҳар дилу ҳама ҷону ҷаҳон ба ин таъсир,
Ки меҳри туст, ба он боз чист ҳамтасвир?!

(М. Раҳимӣ. Сабоҳи сухан, с. 62).

Ин банди якуми шеър буда, дар он ибтидои мазмуни умумӣ ҷойгир шудааст, яъне қаҳрамони лирикӣ бузургии Ленинро ишора намуда, муносибати самимонаи худро баён кардааст. Барои нишон додани маҳорати шоир ишора кардан лозим аст, ки тамоми қофия, яъне **кабир, асир, пир, тасхир таъсир** ва **ҳамтасвир** калимаҳое мебошанд, ки мафҳумҳои марказии мундариҷаи ғоявии бандро ифода менамоянд. Банди мазкур бо бандҳои дигар ба воситаи байти восила, ки он хоси тарҷеъбанд аст, пайваст гардидааст ва ин банди восила бевосита бо тафсили мазмуни шеър алоқаи узвӣ надорад, балки мағзи идеявии мундариҷаи онро ташкил медиҳад. Дар ҳамин як байти восита шоир қудрату маҳорати худро ба тарзи возеҳ нишон дода, «ниҳоят бо ҷушу хурӯш ва сӯзу гудоз дар васфи Ленин мисраъҳоеро гуфтааст, ки онҳо ифодаи ҷавҳари омӯзиши дурударози шоир буда, дар шуури хонанда монанди сурб нақши абадӣ бастаанд» (М. Турсунзода. Дар хизмати халқу Ватан. — Куллиёт, ҷилди 3. — Душанбе: Ирфон, 1979, с. 322). Шоир, аз як тараф, бузургӣ ва эҳтишоми Ленини аъзам, аз тарафи дигар, меҳру муҳаббати халқ ба доҳӣ ва аз тарафи сеюм, беҳамто будани қувваи халқу Ленинро дар якҷоягӣ хеле мӯъҷаз, ба воситаи мафҳумҳои фаҳмои ҳаётӣ, яъне **дил, ишқ, оташ, офтоб, замин, қувват, халқ** ва **Ленин** ифода намудааст ва бояд таъкид кард, ки ин мафҳумҳо дар масъалаи таносуби маънавӣ бо ҳамдигар алоқаи зич дошта, як силсилаи томи мафҳумҳои мутаносибро ташкил медиҳанд, ки сарҳалқаи онро калимаи **Ленин** ташкил медиҳад.

Қимати барҷастаи поэтикаи ин байтро боз ин чиз ҳам нишон дода метавонад, ки он бо мухотаби **дило** оғоз ёфта, дар аҷуз ҳамчун қофия **замин** бо **Ленин** овар-да мешавад. Махсусан, калимаҳои қофияшуда, ки рехта ва мутавозин мебошанд, дар таносуби ғоявии байт ва умуман тамоми шеър роли бузург мебозанд. Яъне шоир дидаю дониста дар радиф **замин**, ки он асоси зин-

дагӣ ва бошишгоҳи инсону тамоми мавчудоти ҳаётӣ мебошад, **Ленинро** зикр кардааст.

Ҳамин тариқ, дар шеъри «Ба зиёрати доҳӣ» байти васила дорои қимати бузурги ғоявӣ буда, хеле моҳирона гуфта шудааст ва ҳамчун риштаи нафис, вале пурқувват тамоми лаҳзаҳои мундаричаро бо ҳам пайваст карда, як ҳамели мавзун ва зебоеро ба вучуд овардааст. Азбаски шоир банди воситаро барои ба вучуд овардани якрангӣ ва вахдати томи ғоявии асар (идейно-содержательная целостность) истифода кардааст, қонунияти мусамматро дар ҳамин масъала, яъне ба воситаи қофияи мисраъҳои охирини бандҳо бо банди якум алоқаманд намуданро вайрон кардааст.

Ба ин тариқ, метавон хулоса кард, ки М. Раҳимӣ бозьёфтҳо ва имкониятҳои жанрҳои мусаммат ва тарчеотро якчоя истифода карда, асари барчастае эчод намудааст, ки он дар ганчинаи ленинномаи точик мавқеи шоистаеро гирифтааст.

Тачрибаи дар асоси ду жанри адабӣ эчод намудани асари бадеӣ дар эчодиёти тақрибан ҳамаи шоирони советии точик фаровон дида мешавад, вале дар ин масъала муваффақият танҳо ба он нависандагоне ёр мегардад, ки ба туфайли закои нависандагӣ хам имконият ва ҳам махдудиятҳои жанрҳои адабиро пурра аз худ карда бошанд. Танхо дар натичаи хуб донистани назокати жанрҳо ва маҳдудияти онҳо шоир метавонад маҳдудияти ин ё он жанрро ба воситаи имконияти жанри дигар бартараф намояд.

Барои равшан тасаввур кардани омезиши бобарори жанрҳои адабӣ шеъри машҳури Мирзо Турсунзода «Ба В. И. Ленин»-ро аз назар гузаронидан мумкин аст.

Ин шеър, ки дар соли 1940 эчод шудааст, яке аз аввалин асарҳои барчастатарини М. Турсунзода ба шумор меравад. Шеър, ки ҳамагӣ аз 11 байт иборат аст, дар ду жанри адабӣ гуфта шудааст, яъне ҳафт байти аввал дар шакли қасида ва чор байти охирин дар шакли маснавӣ эчод гардидааст. Шоир аввал шахсияти доҳиро

инъикос менамояд. Азбаски дар ин қисмат васфи амалиёти бевоситаи доҳӣ мебошад, шоир онро дар шакли қасида адо намудааст ва барои ягонагии барҷастаи мундариҷавию шаклӣ, яъне равшан тасаввур шудани қаҳрамониву шуҷоат, қудрату ҷонфидоӣ, хуллас амалиёти беҳамтои В. И. Ленин ҳамаи қофияҳоро аз феъл сохтааст ва ҳамаи калимаҳои қофияшуда, яъне **давидӣ, дамидӣ, паридӣ, расидӣ, кашидӣ, даридӣ, бидамидӣ ва харидӣ** дар шакли дуюми танҳои замони гузашта, яъне хитоб ба Ленин мебошад ва аксари мутлақи ин калимаҳо на танҳо қофияҳои солим мебошанд, балки мавзун низ ҳастанд, яъне дар шакли **фаӯлун** гуфта шудаанд. Чунончи:

Раҳ ёфтию дар шаби торик давидӣ,
Ҳангоми саҳар чун шафақи сурх дамидӣ.

Дар ин шеър, аз як тараф, шакли шеърии адабиёти анъанавӣ истифода шуда бошад, аз тарафи дигар, дар масъалаи тарзи баён шоир усули образофарии эҷодиёти даҳонакии халқро барои инъикоси шахсияти Ленини бузург моҳирона истифода карда тавонистааст. Шоир ба воситаи рамз, истиора, ташхис, муболиға ва ғ., ки хоси афкори эстетикии халқ мебошанд, муҳити тираи таърихӣ, аҳволи вазнини оммаи меҳнаткаш ва ҷонинисориҳои Ленини аъзамро хеле мухтасар ва таъсирбахш ифода намудааст.

Шоир дар байти охирини ин қисм:

Авлоди башар чун ту фидокор надидаст,
Ҷон додию ҷони ҳамаи халқ харидӣ.

— ки дар масъалаи тавсифи амалиёти Ленин то андозае хусусияти ҷамъбасткунандагӣ дорад, ба мавқеи Ленин дар таърихи инсоният баҳо медиҳад ва зимнан ба ҳамин восита ба қисми дуюми асар, ки он ҷо ҳамин масъала, яъне бузургӣ ва азамати Ленин пурқувват кар-

да мешавад, давэм меёбад ва ҷамъбаст карда мешавад. Азбаски дар байтҳои минбаъда дар маркази тасвир фақат Ленин не, балки ҳамроҳи вай халқ ва таърих гузошта мешаванд, шоир аз шакли қасида, ки он хусусияти фардӣ-муҷаррадӣ дорад, ба маснавӣ, ки ба он ҷомеиятӣ ва ҳамосавият хос аст, гузар мекунад. Агар ба ин байтҳо диққат диҳем, ҳамин масъала равшантар намудор мегардад:

Ҳар хасм, ки оташ ба сари ранҷбар афрӯхт,
Хокистар аз он монду дар оташ худи ӯ сӯхт.
Ҳарчанд, ки ӯ чаҳ ба сари роҳи башар канд,
Гум кард раҳашрову худашро ба чаҳ афканд.
Ленин, шудаӣ баски ту ҷон дар бадани дил,
Ояндаӣ ту дар дили мо бо задани дил.
Меҳрат, ки бувад гармтар аз шӯълаи хуршед,
Дар арсаи олам шудаӣ зиндаву ҷовид.

(М. Турсунзода. Асарҳои мунтахаб, ҷилди 1. — Душанбе, 1962, с. 40—41).

Дар ин байтҳо низ калимаҳои қэфия **афрӯхт** ва **сӯхт, канд** ва **афканд** феъл буда, амалиёти душманони Ленину башарият ва оқибати сазовори онҳоро хуб ифода менамоянд. Махсусан, ду байти охирин, ки муносибати қаҳрамони лирикиро ба қаҳрамони шеър ифэда менамояд, ҳам мазмунан, ҳам шаклан ба тарзи барҷаста гуфта шудааст, яъне шоир баробари мавҷудияти инсонияти меҳнаткаш поянда будани Ленин ва таълимоти ӯро ҳам мазмунан, ҳам ба воситаи қофияю радиф хуб гуфта тавонистааст.

М. Турсунзода дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои ҷиддии худ ба бозьёфтҳэи барҷаста ноил шудааст. Барои нишон додани муваффақиятҳои шоир ду чизро хотирнишон кардан мумкин аст:

1) М. Турсунзода аз санъатҳои анъанавӣ моҳирона истифода карда тавонистааст. Чунончи, шоир дар байти:

**Дар пеши раҳат об буду санг буду кӯҳ,**
**Аммо ту буридию шикастию паридӣ**

— санъати машҳур ва хеле мураккаби лаффунашрро истифода карда, ба воситаи предметҳои ҳаётӣ шахсияти Ленинро аёнӣ нишон дода тавонистааст.

2) М. Турсунзода айнан мувофиқи табиати мазмун ва рӯҳияи ғоя вазн интихоб карда тавонистааст. Ин шеър ҳамчун рубоиёти халқӣ бо ду ҳиҷои дароз оғоз меёбад ва ба ин восита шоир мӯҳташамии воқеаро таъкид карда тавонистааст. Аз тарафи дигар, дар ин шеър ду ҳиҷои кӯтоҳ паи ҳам омада, таносуби оҳангии шеърро бо мундариҷаи ғоявии он боз ҳам афзунтар намудааст. Аз як тараф, ду ҳиҷои кӯтоҳ ба ҳукми як ҳиҷои дароз ҳисоб ёфта метавонад, ки дар ин сурат хусусияти мӯҳташамии мундариҷа боз ҳам меафзояд, аз тарафи дигар, ду ҳиҷои кӯтоҳи пай дар пай, ки баъд аз ду ҳиҷои дароз меояд, ҷиҳати мутантании шеърро зиёд мегардонад. Хуллас, вазни «Ба В. И. Ленин» барои мӯҳташамии мундариҷаро таъкид намудан, барои оптимизм ва патетикаи баланди шеър, инчунин барои мутантан садо додани он роли хеле калон бозидааст.

Ҳамин тариқа, шеъри «Ба В. И. Ленин» дар кулли масъалаҳои поэтика бағоят барҷаста буда, он дар ганҷинаи ленинномаҳои тоҷик мавқеи баландеро ишғол менамояд ва маҳз ҳамин шеър аввалин гувоҳи барҷастаест, ки М. Турсунзода дар натиҷаи омӯзиши суботкоронаи анъанаҳои адабӣ маҳорати комили эҷодӣ ҳосил намудааст.

Хулоса, дар назми муосири тоҷик жанрҳои гуногуни адабӣ бо ҳамдигар омезиш ёфта, навъҳо ва шаклҳои гуногуни шеъриро пайдо намудаанд. Агар дар баъзе асарҳои конкрет, чунончи «Ба зиёрати деҳӣ», «Ба В. И. Ленин» ва ғ. хусусиятҳои жанрии ду жанри адабӣ истифода шуда бошанд, дар бисьёр шеърҳои дигар унсурҳо ва имкониятҳои се жанри адабӣ ва ҳатто аз ин ҳам бештар истифода шудаанд. Бинобар ин, агар ба

жанри баъзе асарҳои конкрет ном гузоштан мумкин бошад, (ҳамчун мусаммати тарҷеъбанд, мусаммати мустазод, қасидаи маснавӣ ва ғ.) ба баъзе жанрҳои адабӣ ном гузоштан мумкин нест. Махсусан, дар айни замон, ки масъалаи анъанаю навоварӣ дар жанрҳои адабӣ муайян нашудаанд ва табиати жанрҳои муосир пурра тадқиқ нагардидаанд, ҳудуди истилоҳии бисьёр жанрҳои адабиро муайян кардан душвор мебошад.

**Омилҳои тағьироти шаклии жанрҳои адабӣ.** Гуфта шуд, ки дар давраҳои феодалӣ жанрҳои адабӣ хеле суст тараққӣ кардаанд, аммо дар давраи нав тағьироти жанрҳо суръати хеле баланде дорад.

Сабаби ин ду ҳолат дар чист? Чаро суръати тағьирот дар гузашта суст буд, вале ҳоло тез аст?

Сабаби ин ҳодиса низ ба мисли ҳама гуна ҳолат ва ҳодисаҳои муҳимми адабӣ сохти иҷтимоӣ ва моҳияти ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ мебошанд. Азбаски дар давраи феодалӣ як сохт, як тарзи зиндагии шахшудамонда асрҳои зиёде давом кардааст, мувофиқи тақозои он тамоми масъалаҳои шакл, яъне сохти адабӣ, чунончи, назарияи вазн, қофия ва ғ. ҳамчун анъана, хамчун сохти якранг ва ҳамчун схемаи ягонаи ҳатмӣ мебоист давом мекарданд ва давом ҳам кардаанд. Маҳз бинобар тақозои сохти иҷтимоӣ ақли инсон занҷирбанд буд, он наметавонист озодона ҷавлон кунад, ҷустуҷӯ намояд ва схемаро тағьир диҳад. Аз ҳамин сабаб, ташаккули жанрҳои адабӣ низ дар давраҳои гузашта хеле заиф ва хеле нонамоён мебошад. Аммо дар давраи нави таърихӣ дар сохти нави социалистӣ ақлу заковати инсон тамоман озод аст. Бинобар ин дар натиҷаи ҷавлони закои нависандагӣ на танҳо мундариҷаи ғоявии адабиёти бадеӣ тағьир дода шуд, балки ба доираи ҳама гуна схема, чунончи, қонунияти вазн, қофия, метод ва жанрҳои адабӣ низ рахна афтод.

Аз ибтидои ҷамъияти социалистӣ сар карда, нависандагони пешқадам дар тамоми масъалаҳои шакли анъанавӣ ҷустуҷӯ кардаанд, вале азбаски шакл на ба

мисли мундариҷа ба тарзи революционӣ тағъир меёбад, балки оҳиста-оҳиста, тадриҷан ва бо роҳи эволюционӣ инкишоф меёбад, ба тағьирот якбора дучор наомад. Дар солҳои аввали революция фақат жанрҳои анъанавӣ истеъмол меёфтанд ва танҳо баъд аз чанд сол баъзе шаклҳои нав дучор меоянд, вале аз солҳои сиюм сар карда, навоварӣ дар жанрҳои адабӣ ривоҷ меёбад ва ҳоло дар назми тоҷик ҷои асосиро жанрҳои нав ва ё жанрҳои мукаммалшуда ишғол менамоянд.

Бояд гуфт, ки навоварии шоирони советии тоҷик бо ду роҳ давом карда истодааст:

1) Шоирони соҳибистеъдод ва соҳибтаҷриба тамоми имконият ва маҳдудиятҳои жанрҳои адабиро, аз як тараф, тамоми моҳияту табиати мазмун ва ғояи ифодашавандаро, аз тарафи дигар, хуб маърифат карда, дар шакли нав асари бадей эҷод мекунанд. И. Гринберг навиштааст: «Шоирон ҳангоми эҷод, вақти ҷустуҷӯ гоҳе худашон инро пай ҳам набурда, низоми жанриро «инкор» менамоянд ва зимнан онро таҷдиду мукаммал месозанд. Ин ғалатӣ нест, зеро жанрҳои «соф» ва «идеалӣ» танҳо дар назария мавҷуданд»[1].

2) Баъзе нависандагон, мутаассифона, ё имкониятҳои жанрҳои анъанавиро пурра сарфаҳм намераванд ва ё табиату моҳияти мавзӯъ, ғояву мазмуни ифодашавандаро хуб намедонанд ва ё таносуби байни мундариҷаю шаклро дуруст риоя карда наметавонанд, ки ин аксаран аз камтаҷрибагӣ ва ё аз саросемакории нависанда рӯй медиҳад. Дар натиҷа асари бадей дар масъалаи навоварӣ аз ҷиҳати жанр хусусияти субъективиро дар бар мекунад, ки мутаассифона, чунин ҳодиса дар эҷодиёти шоирони муосири тоҷик хеле зиёд ба чашм мехӯрад.

[1] И. Гринберг. Три грани лирики.— М.: Наука, 1975, с. 82.

## § 8. АНЪАНАЮ НАВОВАРӢ ДАР ВАЗНИ ШЕЪР

Ҳанӯз аз аввалҳои Ҳокимияти Советӣ сар карда, дар шеъри тоҷик аз ҷиҳати вазн ҳодисаҳои нав рӯй додаанд. Чунончи, С. Айнӣ дар нахустин шеърҳои баъдиинқилобии худ бар хилофи қонунҳои анъанавӣ як шеърро дар чанд шакл, вазн эҷод мекунад. Аз ҷумла, вазни «Марши ҳуррият»-и устод Айнӣ бо роҳи эҷодкорона омӯхтани арӯз ва дар асоси омезиши рукнҳои аслии баҳрҳои рамал ва мутадорик ба вуҷуд омадааст:

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳад, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.

То ба кай ғусса хӯрдан ба ҳасрат,
Баъд аз ин шодмонӣ намо!
Бас ҷафо, бас ситам!... Эй адолат!
Дар ҷаҳон ҳукмронӣ намо!

Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод,
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

Хуни мо шуд ҳадар рӯзгорон,
Бар муроди ду-се нобакор.
Бар муроди дили дӯстдорон,
Ҷони ин нобакорон барор!

Дар ҷаҳон зулми золим намонад,
Ҳам ҷафо, ҳам ситам, ҳам нифоқ.
Дар ҳама шаҳди шодӣ ҷашонад,
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод,
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

Ҳар ситамгори дун хурраму шод,
Солҳо ҷоми ишрат чашид.
Дар шаби тираи ҷавру бедод,
Ҳар ситамдида меҳнат кашид.

Оқибат офтоби адолат
Бар сари бенавоён битофт.
Аз ҷаҳон нест шуд зулму зулмат,
Мустабид дар ҷаҳаннам шитофт.

Интиқом! интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод,
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

(С. Айнӣ. Куллиёт, ҷилди 8. — Душанбе: Ирфон, 1981, с. 285—186).

Чунин муносибат махсусан баъди солҳои панҷоҳум ривоҷ меёбад. Дар адабиётшиносии муосири тоҷик эид ба ин ҳодисаи шеърӣ асарҳои зиёде ба табъ расидаанд, ки ба қалами С. Давронов, Х. Отахонова, А. Маниёзов ва дигарон тааллуқ доранд. Мутаассифона, ба ҳеҷ яке аз адабиётшиносон муяссар нагардидааст, ки хусусиятҳои ҳодисаи нави вазнро пурра ошкор карда, заминаҳои онро муайян намоянд ва меъёри ҳусни онро нишон диҳад. Аз ин сабаб ҳатто доираи истилоҳоти ин масъала равшан намебошад. Шеърҳои дар якчанд вазн навишташударо **шеъри сафед, шеъри озод, шеъри нав** медонанд, ки ин истилоҳҳо дуруст ва мукаммал намебошанд. Ба ин маънӣ истилоҳи а р ӯ з и  н а в мувофиқтар аст.

**Моҳияти навоварӣ дар вазн.** Мувофиқи арӯзи анъанавӣ дар саросари асари бадеӣ риоя намудани миқдори муайяни тақтеъҳо қонун буд, яъне агар байти якум шаш тақтеъ бошад, тамоми байтҳо мебоист шаштақтеӣ шаванд. Шоирони советии тоҷик анъанаи арӯзро ана дар ҳамин масъала рахна кардаанд, яъне анъанаи риоя намудани тақтеи мисраъҳои шеърро вайрон намудаанд.

Арӯз аслан боигарии бузурги маънавӣ мебошад, ки он дар асоси яке аз қонунҳои ҳатмии зебоӣ, яъне таносуб ва мавзуният ба вуҷуд омадааст. Чунки ин вазни шеърӣ дар асоси фароҳам овардани тартибот ва таносуби муайян ба воситаи дарозию кӯтоҳии ҳиҷоҳо бунъёд мегардад. Азбаски ҳамин низоми қатъии оҳангӣ, ки он бо завқи салими созандагӣ созгор аст, дар шеъри арӯзи нав эҳтиёткорона риоя карда мешавад, бинобар он бисьёр шоирони муосир, ки моҳияти навовариро дар назм дуруст намедонистанд ва аз рӯи ҳавову ҳавас ба тарзи нав шеър мегуфтанд, ба муваффақият ноил нашудаанд.

Пас меъёри муваффақият кадом аст?

1) Пурра донистани тамоми табиати вазни анъанавӣ, яъне шоир ҳамчун қоида пеш аз он ки анъанаро вайрон кунад, онро бояд ба дараҷаи аъло донад, дар ин сурат вай мефаҳмад, ки арӯзро батамом инкор кардан мумкин нест, чунки он комьёбии азими халқ мебошад ва маҳз ба туфайли низомнокии қатъии худ бо асоси эстетика созгор аст, яъне арӯз формула ё худ қолаби мавзуни сухани бадеии тоҷикӣ мебошад. Ҳамчунин, шоир дар натиҷаи пурра маърифат кардани арӯзи анъанавӣ камбудию маҳдудиятҳои онро дарк карда метавонад.

2) Шоири навовар бояд моҳияту табиати мазмуни ифодашавандаро ба дараҷаи аъло донад, сохти композицонии онро дар тахайюлот хуб таҳия намояд.

3) Танҳо дар сурати пурра донистани маҳдудият ва имконияти ҳар як жанри адабӣ, инчунин дар натиҷаи пурра донистани табиату моҳияти мавзӯи ифодашаванда имконияти арӯзро барои ифодаи мазмуни конкрет

истифода кардан мумкин аст. Маҳдудияти арӯзро дар ягона будани миқдори тақтеъ бояд муайян кард. Шоири навовар ба муваффақият ҳамон вақт ноил мегардад, ки мувофиқи мазмуни ифодашаванда миқдори тақтеъҳоро кам ё беш оварда бошад. Аз ин нуқтаи назар, сабаби бемуваффақиятии бисьёр шоирони муосир дар он аст, ки онҳо аз як тараф имконият ва маҳдудияти арӯзи анъанавиро нағз намедонанд, аз тарафи дигар, табиати мазмуни ифодашаванда ва тарҳи ягонаю сохти композиционии онро пурра маърифат накардаанд. Дар натиҷа ҷараёни мазмун хусусияти субъективӣ мегирад, на объективӣ.

**Аҳамияти навоварии бомуваффақият.** Агар шоир арӯзи навро бомуваффақият истифода бурда тавонад, шеъри ӯ чунин хусусиятҳо пайдо хоҳад кард:

1) Хонанда бештар ба мундариҷаи шеър мутаваҷҷеҳ мешавад.

2) Дар шеър калима ва ибораҳои ҳашв роҳ намеёбанд.

3) Шоир маҷбур намешавад, ки аз паи пур кардани мисраъ қофия ҷӯяд.

4) Дар ин қабил шеър ягонагии томи мундариҷаю шакл фароҳам меояд, зеро дар ин сурат шоир маҷбур намешавад, ки мазмунро бо қолаби тайёри вазн дарорад, балки қолабро мувофиқи мазмуни пешгирифтаи худ месозад.

5) Ҳам забон, ҳам вазн, ҳам дигар унсурҳои шакли адабӣ мувофиқи ҷараёни мазмун ифода мешаванд, ҷое, ки мазмун ғалаён мекунад, мисраъ дароз шуда, он аз якчанд тақтеъ иборат хоҳад шуд ва он ҷое, ки задаи мантиқии тамоми мазмуни шеър ва ё порчаи он инъикос мешавад, шоир як ва ё ду тақтеъро ба кор мебарад.

6) Ин қабил шеър ба туфайли мисраъҳои дарозу кӯтоҳ доштанаш ба хонанда бештар таъсир расонда, шавқи ӯро бедор мекунад. Агар аз арӯзи анъанавӣ якрангию якнавохтӣ ҳосил шавад, аз арӯзи нав якна-

вохтию якрангӣ ҳосил намешавад, бинобар ҳамин арӯзи нав хусусияти бештари эмоционалӣ дорад.

**Заминаҳои навоварӣ.** Ба мисли ҳар як навоварӣ арӯзи нав низ заминаҳои муайян дорад, ки онҳоро мухтасаран аз назар гузарондан даркор аст.

1) Шоирони гузашта дар дохили достонҳои эпикӣ баъзан дар вазнҳои дигар ғазал ва ё порчаҳои дигари шеърӣ меовардаанд, баъзан шоирон сарлавҳаҳоро ҳам мавзун месохтанд, яъне дар давраҳои гузашта дар шакли унсурҳои ибтидоӣ бошад ҳам, анъанае мавҷуд буд, ки дар дохили як вазн унсурҳои якчанд вазн истифода мешуд. Дар давраи нав шоирон дар якчанд вазн гуфтанро дар асарҳои лирикӣ низ татбиқ намуданд. Ин ҳодиса бештар дар эҷодиёти С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дида мешавад.

2) Мустазод. Мувофиқи ин жанр, ки он дар адабиёти тоинқилобӣ низ ривоҷ дошт, баъди як ё ду мисраъ як ё ду тақтеи иловагӣ оварда мешуд. Бинобар ин, мантиқан метавонем гӯем, ки дар тақтеъ нобаробар овардани мисраъҳо ҳанӯз дар гузашта маъмул буд, вале чунин нобаробарии тақтеъҳо низоми муайяни қатъӣ дошт. Чунончи, дар дохили як асари конкрет тақтеъҳои иловагӣ ба тариқи ҳатмӣ бояд як хел: ё як ё ду бошад ва ҷои истифодаи ин тақтеъҳои иловагӣ низ ба таври қатъӣ маълум буд: ё баъд аз як мисраи комил, ё баъд аз ду мисраи комил. Миқдори мисраъҳои комилро дар дохили як шеър тағйир додан мумкин набуд.

Дар даврай советӣ дар заминаи ҳамин анъанаи мустазод шоирон арӯзи навро инкишоф доданд, яъне каму зиёд овардани тақтеъҳоро дар дохили шеър пурра ҷорӣ намуданд. Шоирони советии тоҷик низоми муайяни такрор шудани мисраъҳои иловагиро вайрон кардаанд, яъне шоир мувофиқи талаби мазмун тақтеъро каму зиёд мекунад ва таносуби мисраъҳоро аз лиҳози тақтеъ риоя намекунад. Бесабаб нест, ки аввалин шеъри инқилобии С. Айнӣ мустазод аст.

Ин чиз ҳам ҷолиби диққати махсус аст, ки М. Қано-

ат, ки дар масъалаи шеъри арӯзи нав бештар ба муваффақият ноил гаштааст, дар давраи омӯзиши худ бештар мустазод эҷод намудааст. Дар маҷмӯаи аввалини ӯ «Шарора» ҳафтто мустазод ҳаст. Мустазодҳои М. Қаноат, ки пештар (солҳои 1956—57) гуфта шудаанд, мустазодҳои анъанавӣ мебошанд. Чунончи, мустазоди «Меҳри модар» аз бандҳои семисраъгӣ иборат буда, баъди он бар вазни мустафъилатун ниммисраъгӣ такрор мешавад ва ҳар вақт шакли қофиябандии а а, б б ...-ро мегирад. Чунончи:

Дар гармию покию ҷаҳонорой,
Қай бошад офтобро ҳамтое?
Аз тоби ӯ ҷумла набототи ҷаҳон
шуд соҳиби ҷон.
Рахшандагии ҳаёт аз шӯълаи ӯст,
Олам ба шарофати ҷамолаш некӯст.
Як рӯз агар нур напошад ба замин,
дуньест ғамин.
Ҳар ранг, ки дар сабзаю гулбарги тар аст,
Ҳар гул, ки дар интизори вақти саҳар аст.
Аз тобиши ӯ кунад чунин авҷу барор.
дар рӯзи баҳор.

(М. Қаноат. Шарора. — Сталинобод, 1960, с. 11).

Мустазоди «Ҳукми таърих» низ дар ҳамин тарз гуфта шудааст, танҳо дар банди якум қофия а а, б а мебошад:

Шаби Октябрь чу доҳии бузурги дунье,
Ҳукми таърих ба нируи хирад кард иншо,
Бонги оташ зада бо муждаи шодӣ ба ҷаҳон,
кард Аврора нидо,
Ӯ нидо кард, ки дар шашьяки дуньё имрӯз,

Гаштааст соҳиби таърих — халоиқ фирӯз.
Ӯ нидо кард, кунун субҳ ба таърих дамид,
рӯзи фирӯз расид.

(Ҳамон маҷмӯа, с. 27).

Тахмин кардан мумкин аст, ки М. Қаноат ҳанӯз аз давраи аввал сар карда, қонунҳои ҳамаи жанрҳоро омӯхта, аҳамияти ин масъаларо хуб дарк кардааст.

Дар мустазоди «Садди назар» мисраъҳои иловагӣ низ бар вазни мустафъилатун баъд аз ҳар як мисраъ такрор мешаванд, аммо ҳодисаи ҷолиби диқат он аст, ки мисраъҳои иловагӣ дар шакли маснавӣ қофия доранд, аммо тамоми мисраъҳои комил ба ғайр аз байти аввал аз қофия холӣ мебошанд:

Дар пушти тиреза менишастам рӯзе
Бо дидан ҷор,
Дидам ба хирому нози оламсӯзе
Меоянд ёр.
Наззораи ман бол ба сӯяш бикушод,
Афтид ба дом.
Ҳушам зи сарам парида омад бари ӯ
Аз баҳри салом.
Дил зарба ба девори вуҷудам мезад
Бо гурзи гарон,
То рози варо зи сина берун созам
Дар назди нигор.
Алқисса, дилу дидаю ҳушам буданд
Бесабру қарор,
Аммо нафасам душмани ҷонам мешуд,
З-он буд хатар, —
Дар рӯи тиреза нақш мешуд оҳам,
Мебаст назар.

(Ҳамон маҷмӯа, с. 51).

Дар баъзе мустазодҳо, ки ҳамон сэлҳо гуфта шудаанд, қонунияти анъанавии мустазод вайрон мешавад. Дар мустазоди «Дар роҳи вафо» ифодаҳои «парвозкунон», «Медид ҳамон», «Мурғони ҳаво» пас аз бандҳэи семисраъгӣ меоянд ва баъд аз он як банди семисраи бо мисраи иловагии «кай бигзорад» меояд ва дар мақтаи шеър ду мисраи комил оварда шудааст.

Ин ҳодиса дар шеъри «Иди бахт» низ дида мешавад. Хусусияти қолиби диққати ин шеър он аст, ки мисраъҳои илэвагӣ дар ҳаҷми ф о и л о т у н  ф о и л у н баъд аз ҳар як байт оварда мешавад, лекин ин мисраъҳои иловагӣ аз қофия озод буда, не байни худ, не бо мисраъҳои дигар алоқа надоранд. Аммо мисраъҳои иловагии охирин бо як байти ҳамқофияи минбаъда мувофиқат мекунад. Ҳамин тавр, шоир дар мақтаъ як фикр оварда, аз овардани мисраъҳои иловагӣ худдорӣ намудааст.

Мустазоди «Башорати субҳ» (1959) ва «Аҳсант ба одам!» (1959, 1962), ки дар онҳо мисраъҳои иловагӣ баъд аз ҳар як мисраи комил эмадааст, байни худ дар шакли маснавӣ қофия доранд, аммо мисраъҳои комил аз қофия озоданд. Мустазоди «Аҳсант ба одам!» ин аст:

Як моҳваше дар лаби дарьёчаи кӯҳӣ
Аз об баромад.
Гӯё зи паси абри чу симоб сафеде
Маҳтоб баромад.
Рӯ дидаму ин сония дар чашм аён шуд —
Ногаҳ табақи гул.
Лаб дидаму ин сония аз чашм ниҳон шуд —
Ногаҳ вароқи гул.
Аз ҳар сари мӯи сияҳаш рехт ба пояш!
Ҳамчун дури ғалтон —
Сад қатраи тобандаи дарьёчаи кӯҳӣ —
Сад қатраи рахшон.
Бо ин ҳама хубию бузургӣ шуда тасвир
Дар қатраи обе.

Метофт аҷаб қатра ба рухсораи покаш
Бо ранги гулобӣ.
Эй пайкари покиза чу як қатраи обе,
Эй зебиши олам!
Бо он, ки туро зода, парӣ ном нанодаст,
Аҳсант ба одам!

Ба ҳамин тариқ метавон хулоса кард, ки М. Қаноат аз давраҳои ибтидоии эмӯзиши худ сар карда, табиати мустазодро нағз фаҳмида, дар заминаи ин жанри анъанавӣ аз як тараф, шаклҳои нави мустазодро ҷасурона эҷод намуда бошад, аз тарафи дигар, аз қонунҳои он барои ифодаи мазмун умуман дар шеър фоида бурдааст. Дахолати М. Қаноат дар вазни шеър, махсусан дар шеърҳои баъди соли 1965 эҷодкардаи ӯ, хеле равшан ба назар мерасад.

3) Дар баробари заминаҳои адабии миллӣ барои пайдоиш ва инкишофи арӯзи нав дар назми тоҷик заминаи моддию маънавии замонавӣ чун асоси муҳим хизмат мекунанд, зеро маҳз дар даврaи мо, аз як тараф, озодии эҷодӣ бемайлон ривоҷ ёфта бошад, аз тарафи дигар, пешравию тараққии ҳаёт объективона аз санъаткор талаб мекунад, ки дар ҳамаи соҳа имкониятҳои мувофиқтарини мундариҷаи ғоявӣ ҷустуҷӯ ва пайдо карда шаванд. Ба озодии иродаи нависанда вобаста будани навовариро ҳодисаи таърихии адаби низ пурқувват карда метавонад. Чунончи, дар эҷодиёти забардасттарин адибони суфӣ, ки шахсияти қаҳрамони лирикӣ нисбатан саркашу мағрур аст, мустазод нисбатан бештар вомехӯранд. Дар эҷодиёти Ҷалолоддини Балхӣ, Фаридаддини Аттор, ки мустазод дида мешавад, қаҳрамони лирикӣ бебоку шаккок мебошад ва то дараҷае далерӣ мекунад, ки биҳишту дӯзахро инкор менамояд, ё ба зери шубҳа мегирад.

Ҳамин тариқа, метавон ба хулосае омад, ки ривоҷи имрӯзаи арӯзи нав ҳодисаи мутлақо нав ва субъективона набуда, балки анъанаҳои қадимию таърихӣ ва заминаҳои реалии ҳаётӣ дорад..

## § 9. АНЪАНАЮ НАВОВАРӢ ДАР ҚОФИЯ

Аслан масъалаи анъанаю навоварии қофия дар фаслҳои боло равшан шуд. Аммо бинобар тақозои устухонбандии рисола онро иҷмолан алоҳида баён кардан воҷиб менамояд.

**Анъанаи қофия.** Бояд донист, ки қофия вазифаҳои муҳими мундариҷавию композиционӣ дорад. Аммо ин ҷо аз бори ғоявии он сарфи назар карда, ба қофия чун унсури поэтикаи шаклӣ нигоҳ хоҳем партофт. Ба муаммои қофия, ба ин маънӣ, аз се ҷиҳат наздик шудан лозим аст: якум — аз нуқтаи назари сифати таркибии калимаҳои қофияшаванда, дуюм — аз ҳайси миқдор, яъне чандомадии калимаҳои қофияшаванда, сеюм — қофия ҳамчун омили воҳиди шеър.

1. Истифодаи қофияи солим — шарти шеър буд. Яъне шоир вазифадор буд, ки дар ҳамаи калимаҳои қофияшаванда ҳарфи равиро риоя намояд. Танҳо дар ночорӣ ӯ метавонист гоҳе равӣ наоварда, ҳамоҳангиро ба воситаи суффиксу пасояндҳо таъмин намояд, ки дар ин сурат қофияро носолим мешуморанд.

2. Аз ҳайси чандомадӣ дар шеъри анъанавии тоҷику форс се принципи қофиясозӣ маъмул буд:

а) тарзи маснавӣ, яъне аа, бб, вв ва амсоли инҳо;

б) тарзи ғазал (аа, ба, ва...), ки қасида, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа низ мутобиқи он гуфта мешаванд;

в) тарзи мусаммат.

Қофияи бандҳои тарҷеот мисли ғазал буда, байтҳои восила чун маснавӣ сурат доранд.

3. Бояд хотирнишон сохт, ки воҳиди шеър байт буд ва ҳеҷ байте аз қофия озод буда наметавонист: он ҳатман — ё пурра (бо ҳар ду мисрааш), ё қисман (бо як мисрааш) тобеи қофия буд. Ғайр аз ин, қофия боиси ягонагии шеър ҳам ҳисоб меёфт: радду бадали принципи интихобшудаи қофия дар дохили асари манзум имконнопазир буд.

**Навоварӣ дар қофия.** Дар назми советии тоҷик, махсусан баъди солҳои панҷоҳум, қофия ба тағйироти ҷиддие дучор омад. Навоварии қофияро ба хелҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

**Якум.** Ҳоло дар баробари қофияҳои солим қофияҳои ноқис ҳам фаровон истифода мешаванд. Гоҳе калимаҳое ҳам оварда мешаванд, ки ҳатто дар суффиксу пасоянд ҳам муттафиқ нестанд. Дар ин сурат ҳамоҳангии заифе дар назар дошта мешавад, ки аз наздикии махраҷи овозҳо ҳосил шудааст.

**Дуюм.** Принципҳои гуногуни қофиясозӣ дар шеъри муосир чунон омехта шуданд, ки гоҳе дар дохили як асар ҳамаи навъҳои қофиясозӣ кор фармуда мешаванд.

**Сеюм.** Дар шеъри муосир байт метавонад аз қофия озод бошад. Вобаста бо кайфияти қофия (ва вазн) байт қимати худро ҳамчун воҳиди шеър аз даст дод.

Шоистаи таъкиди ҷиддист, ки дигаргуниҳои қофиясозиро, чунонки дар навовариҳои дигар ҳам дида мешавад, яктарафа ҳодисаи мусбат шумурдан ва ё манфӣ донистон раво нест, зеро агар чигунагии қофия аз рӯи талабҳои ғояву мазмун ва эҳтиёҷоти ҳиссию ақлии шеър воқеъ гашта бошад, ин бешубҳа хуб аст, вале агар аз рӯи ҳавову ҳавас ҳосил шуда бошад, он бад аст.

## ОХИРСУХАН

Ҳамон навъе ки В. И. Ленин ҳанӯз соли 1905 дар мақолаи классикиаш «Ташкилоти партиявӣ ва адабиё-

ти партиявӣ» пешгӯӣ карда буд, дар шароити диктатураи оммаи меҳнаткашон маданияти социалистӣ на танҳо тараққӣ кард, балки гул-гул шукуфт. Махсусан дар марҳилаи ҳозира, яъне даврони социализми баркамол, чунон ки Ю. В. Андропов дар маҷлиси 60-солагии СССР гуфта буд, «Дар асоси анъанаҳои прогрессивӣ ва мубодилаи бэсуръати сарватҳои маънавӣ маданияти сермиллати социалистӣ равнақу ривоҷ ёфт»[1].

Азбаски идеали зиндагии оммаи меҳнаткаши ҳамаи халқҳо якхела мебошад ва бинобар он ки дар натиҷаи ғалабаи Инқилоби Кабири Социалистии Октябрь шароити муттаҳид шудани идеалҳову халқҳо фароҳам омад, анъанаҳои неку шоистаи ҳар як халқ ба майдон бароварда шуд. Ба туфайли васеъ ҷорӣ гардидани забони русӣ, ки роли робитачии байналмилалиро мебозад, дар як муддати кӯтоҳ халқҳо аз ганҷинаҳои анъанаҳои ҳамдигар хеле хуб баҳраманд шуданд.

Ҳамон навъе ки суханшиноси забардасти асримиёнагии тоҷику форс Насириддини Тӯсӣ гуфтааст, «рӯзгорро дар кори шеър мадхале азим аст», яъне мувофиқи рафти зиндагӣ адабиёти бадеӣ низ ҳатман ба тағйироту такомулот дучор меояд ва ба ҳамин маънӣ, анъанаҳо ҳам инкишоф меёбанд. Вобаста ба масъалаи мазкур ақидаҳои ду адиби бузурги советӣ — Самад Вурғун ва Мирзо Турсунзода ба ҳотир мерасанд. Дар яке аз маҷлисҳои Даҳаи адабиёти тоҷик дар Маскав (1 октябри соли 1949) устод М. Турсунзода гуфта буд: «Ба қарибӣ, дар рӯзҳои Конференцияи тарафдорони сулҳ дар Маскав, миёни рафиқони озарбойҷонӣ рафиқон А. Фадеев, Н. Тихонов ва дигарон нишаста буданд. Самад Вурғун масъала ба миён гузошт, ки агар шеъри озарбойҷон аз паи Фузулӣ наравад, анъанаҳои миллии шарқии худро гум мекунад. Ман гумон мекунам, ки ин

---

[1] Ю. В. Андропов. СССР шастсола шуд, с. 8.

фикр ғалат аст»[1]. Баъд устод Турсунзода фаҳмиши худро доир ба анъанаҳои миллӣ ва як чизи шахшудамонда набудани он баён мекунад, ки айни ҳақиқат мебошад: «Анъанаҳои миллӣ чистанд? Ман чунон мефаҳмам, ки онҳо сарчашмаи халқӣ доранд, онҳоро муттасил афзун кардан лозим меояд, ҳамаи чизи беҳтаринеро, ки дар адабиёти умумиҷаҳонӣ, дар адабиёти рус мавҷуд аст, бояд гирифт. Бидуни ин ягон пешравӣ имкон надорад. Анъанаҳои миллӣ агар мунтазам бой карда нашаванд, анъанаҳои миллат шуда наметавонанд, зеро аз ҳаёти халқ пас мемонанд»[2].

Ҳақиқати ин суханонро таҷрибаи эҷодии адибони советии тоҷик ва нависандагони халқҳои дигари бародар равшану қатъӣ собит намудааст.

---

[1] Декада таджикской советской литературы в Москве. Сборник материалов. — Сталинабад, 1950, с. 124.

[2] Ҳамон ҷо, с. 125.

## МУНДАРИЧА


Ба ҷои муқаддима . . . . . . . . . . 3

§ 1. Анъана . . . . . . . . . 5
Мафҳуми анъана . . . . . . . 5
Унсурҳои анъана . . . . . . . 8
Арзиши анъана . . . . . . . . 10
Таснифи анъана . . . . . . . . 13

§ 2. Навоварӣ . . . . . . . . . . 14
Навоварӣ чист? . . . . . . . . 15
Таносуби навоварӣ бо мундариҷаю шакл . . 17
Ташхис ва таснифоти навоварӣ . . . . 18

§ 3. Робитаи узвию диалектикии анъанаю навоварӣ. 21
§ 4. Омилҳои анъана ва навоварӣ . . . . 24

а. Омилҳои объективӣ . . . . . . 24
б. Омилҳои субъективӣ . . . . 28

§ 5. Таносуби анъанаю навоварӣ бо мундариҷаи адабиёти бадеӣ . . . . . . . . . . 32
Таносуби анъанаю навоварӣ бо ғоя . . . 34
Таносуби анъанаю навоварӣ бо мавзӯъ . . 39

§ 6. Анъанаю навоварӣ дар жанрҳои адабӣ . . 42
I. Достон . . . . . . . . . . 42
II. Ғазал . . . . . . . . . . 46
III. Рубоӣ . . . . . . . . . . 58
IV. Дубайтӣ . . . . . . . . . 63
V. Мусаммат . . . . . . . . . 65
VI. Тарҷеот . . . . . . . . . 69
VII. Қасида . . . . . . . . . 83
VIII. Мустазод . . . . . . . . 87

§ 7. Омезиши жанрҳои адабӣ-зуҳуроти навоварӣ . 92
§ 8. Анъанаю навоварӣ дар вазни шеър . . . 101
§ 9. Анъанаю навоварӣ дар қофия . . . . 110
Охирсухан . . . . . . . . . . . . 111

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ**

**Традиция и новаторство**

(Учебное пособие)

Муҳаррири масъул **А. С. Маҳмадаминов**

Муҳаррири шӯъбаи нашрии УДТ ба номи В. И. Ленин
**Ш. Маҳдиева**

Муҳаррири техникӣ **Н. Шарипова**

Подп. в печ. 12.05.85 г. КЛ 04978. Зак. 1218. Тир. 1000.
Формат $70 \times 108^{1}/_{32}$. П. л. 3,75. Цена 78 коп.

Межвузовская типография при ТГУ им. В. И. Ленина,
г. Душанбе, ул. Лахути, 2.

78 тин.